ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД: 336.77**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

# МИРШАРИФЗОДА ЭМОМАЛӢ ҚУРБОНАЛӢ

# ВОСИТАҲОИ ҚАРЗӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АСОСИИ РУШДИ САНОАТИ САБУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ.

**ДУШАНБЕ - 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО....................................................................... 3**
**МУҚАДДИМА....................................................................................................... 4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР САНОАТ............................................ 14**
1.1. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва асосҳои институтсионалии ташаккули онҳо.............................................................. 14
1.2. Моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва шаклҳои истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ..................................................................................... 30
1.3. Имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................... 49
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ БА САНОАТИ САБУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН......................... 71**
2.1. Шароит ва хусусиятҳои таъмини корхонаҳои саноати сабук бо воситаҳои қарзӣ дар раванди саноатикунонӣ.............................................. 71
2.2. Таҳлил ва арзёбии мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................. 85
2.3. Таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук ва ташаккули мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат.............................. 99
**БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ БА САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН............................ 119**
3.1. Механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук.......................................................................... 119
3.2. Такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ дар саноати сабук............................................................................................ 135
3.3. Самтҳои стратегии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавсеаи дастгирии қарзӣ............................................................... 150
**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО................................................................................ 170**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...................................................................................... 176**
**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 196**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| БМР ҶТ – 2021-2025 | Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 |
| БСБ ҶТ – 2020-2025 | Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 |
| б.ф. | Банди фоизӣ |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| ИҶШС | Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ |
| КОА | Комиссияи Олии Аттестатсионӣ |
| КРС ҶТ | Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҚХ | Қарзҳои хурд |
| ҚҶТ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| мар. | Маротиба |
| млн. | Миллион |
| млрд. | Миллиард |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| МФ | Меъёри фоиз |
| НҚ | Низоми қарзӣ |
| СМР – 2030 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| СРС ҶТ – 2030 | Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| ТҚМ | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |
| ҶСК | Ҷамъияти саҳомии кушода |
| ҶСП | Ҷамъияти саҳомии пӯшида |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як марҳилаи нави рушд, ки бо печидагии равандҳои ҷаҳонишавӣ, бамаротиб тағйир ёфтани ҷараёнҳои тезу тунди геополитикӣ қарор дорад, бояд вобастгии худро аз чунин муҳит дар доираи имконияти мавҷуда ҳимоят кунад. Ҳамзамон, иқтисодиёти миллӣ бо таҳдидҳои нав дучор мешавад, ки аз қисмати иқтисодии идоракунии давлат амалҳои муассирро тақозо мекунанд. Дар ин росто, ҳукумати мамлакат кӯшиш менамояд, ки барои таъмини суботи иқтисодӣ, нигоҳ доштани соҳибихтиёрии миллӣ, баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ сиёсати иқтисодии оқилонаро роҳандозӣ кунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, бозбинии сиёсати иқтисодӣ ҷиҳати таҳкими нақши институтсионалии давлат хеле муҳим буда, бо роҳандозии тадбирҳои муассир муайян мегардад. Бинобар ин, «мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва бар дӯш гирифтани масъулият ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ барои диверсификатсияи васеъ ва рақобатнокии он нақши пешбарандаро хоҳанд бозид» [11].

Албатта, ин мавқеи муҳими стратегӣ ба хулосае оварда мерасонад, ки имрӯз барои коҳиш додани хавфҳое, ки вобастагии иқтисоди миллиро аз чолишҳои ҷаҳонӣ афзоиш медиҳанд, тағйир додани блоки иқтисодии сиёсати давлатӣ ва гуногунрангсозии сохтории иқтисодиёт бо афзалият додан ба рушди бахши воқеӣ, пеш аз ҳама саноат, зарур аст. Зеро, саноат ва қисмати асосии он – саноати сабук, имрӯз вобаста ба мавҷудияти захираҳои табиию иқлимӣ соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб рафта, рушди он тавассути воситаҳои қарзӣ иқтидори содиротии мамлакатро дар ояндаи наздик баланд бардошта метавонад. Илова бар ин, саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти гуногунро дар бар мегирад, бо фароҳам овардани пойгоҳи техникии муносиб дар таҳкими суботи ҷомеа ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ нақши ҳалкунанда хоҳад дошт.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд мекунем, ки имрӯз дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ асарҳое, ки мундариҷаи онҳо ба воситаҳои қарзӣ ҳамчун

сарчашмаи асосии рушди саноати сабук нигаронида шудааст, арзиши назарраси назариявӣ ва амалӣ касб мекунанд. Мубрам будани мавзуи таҳқиқот бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад. Пеш аз ҳама, зикр кардан зарур аст, ки дар низоми миёнаравии молиявӣ норасоии воқеъбинонае вуҷуд дорад, ки дар номувофиқати сохтории байни дастрасии маҳдуди корхонаҳои саноати сабук ба қарзҳои дарозмуҳлат ва эҳтиёҷоти рӯзафзуни онҳо ба маблағгузорӣ барои рушди технологӣ ифода меёбад. Инчунин, масъалаи ҳамоҳангии муҳтавои барномаҳои қарздиҳии имтиёзноки давлатӣ ва механизмҳои бозории пешниҳоди қарз ба қадри кофӣ омӯхта нашуда, ҳамчун вазифаи таъхирнопазир, таҳияи амсилаи ҳамаҷонибаро ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ҳам барои бонкҳо ва ҳам барои қарзгирандагон, аз ҷумлаи корхонаҳои саноати сабук талаб мекунад.

Дар баробари ин, мубрамии таҳқиқот аз саҳми имконпазири саноати сабук дар ҳалли масъалаҳои асосии табдили сохтории иқтисодиёти миллӣ бармеояд. Тасодуфӣ нест, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат ба ин соҳа таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 чунин зикр шудааст: «Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ... бо мақсади истифодаи пурраи имконияти кишвар дар самти рушди саноати сабук стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷиро таҳия ва … пешниҳод намояд» [10]. Ин аз гуногунрангсозии содирот, коҳиш додани вобастагӣ аз ашёи хоми берунӣ, ивазкунии воридот, пеш аз ҳама, – ба роҳ мондани истифодаи ашёи хоми дохилӣ, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки бевосита бо ҳадафҳои суботи иҷтимоӣ дар мамлакат ҳамрадиф мебошанд, таъкид мекунад. Ҳамин тариқ, роҳандозӣ намудани механизми муассири пешниҳоди қарз ба корхонаҳои саноати сабук, ба хотири ҷалби бештари сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, метавонад ба омили муҳими таконбахши занҷираи рушд – аз ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолӣ то ташаккули кластерҳои комили минтақавӣ табдил ёбад.

Ҳалли масъалаҳои такмили низоми қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук аз ҷиҳати амалӣ низ мубрамии назаррас дорад. Маълумот оид ба

вазъи қарздиҳӣ ба корхонаҳои соҳа пароканда буда, тавсияҳои методии муассир ҷиҳати муайянсозии шароит ва тартиби пешниҳоди қарз ба самтҳои афзалиятнок дар саноати сабук на аз ҷониби мақомоти ваколатдор, на аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ таҳия карда нашудаанд. Ҳамаи ин, аз аҳамияти баланди диссертатсияи мазкур, ки рисолати он пайдо намудани посух ба саволи он, ки кадом механизмҳои институтсионалӣ ва молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои табдили қарзҳои бонкӣ аз воситаи ёрирасон ба сарчашмаи асосии маблағгузории рушди саноати сабук муассир мебошанд, дарак медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиёти илмӣ шумораи назарраси интишорот ташаккул ёфтааст, ки ба омӯзиши асосҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт, инчунин, масъалаҳои рушди саноат бахшида шудаанд. Масъалаҳои умумии нақши қарз дар рушди иқтисодӣ, назарияи қарздиҳӣ ва фаъолияти низоми бонкӣ дар асарҳои классикони илми иқтисодӣ – А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, Ҷ.М. Кейнс, Ҷ.А. Шумпетер, К. Виксел, инчунин, олимони муосири хориҷӣ – А.Г. Алтунян, О.Э. Дембилов, В.Ю. Додонов, С.М. Дробишевский, Н.Н. Илишева, В.В. Масленников, Н.В. Колоскова, Ф. Мишкин, Ҷ. Стиглитс, О.С. Сухарев, Л.Н. Красавина, М.А. Портной, Я.М. Миркин, С.Б. Коваленко, Н.Н. Семенова ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ – Ш. Раҳимзода, З.С. Султонов, Ҳ. Умаров, У.С. Ҳикматов, Ғ.Ҳ. Ғаюров, К.Ф. Сайфуров, С.Ҷ. Махшулов, Н.Қ. Икромов, Б.Ҳ. Каримов, Г.С. Латипова, Ф.С. Обидзода, М.Р. Рустамзода, С.С. Саъдуллозода, Қ.Х. Хушвахтзода, Қ.А. Ҳаёев, Б.М. Шарифзода, Н.Ш. Шарифзода, Ш.Р. Шарифзода низ ба ин ҷанбаҳои назариявӣ дар қаринаи иқтисодиёти миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар асарҳои худ – Ш.Қ. Хайрзода, А.А. Солеҳзода, Н.А. Авғонов, Р.А. Азизбоев, Д.А. Амонова, Д.Д. Бобоҷонов, М.Н. Ғозиев, И.Х. Тохтаров, С. Ҳикматов ҷанбаҳои гуногуни сиёсати қарзӣ ва фазои сармоягузориро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ кардаанд.

Дар асарҳои олимони хориҷӣ – С.П. Голованова, М.И. Кривогуз, Т.А. Илина ва муҳаққиқони ватанӣ – З.С. Алиева, Ф.Н. Икромов, М.А. Ниёзов, А.К. Сафоев,

Б.С. Собиров, А.Ф. Содиқова, З.С. Султонов, С. Ҳикматов, Ф.К. Шамсиев амсилаҳо ва воситаҳои муосири маблағгузории саноатӣ, аз ҷумла механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин, маблағгузории лоиҳавӣ дар соҳаи саноат таҳлил карда шудаанд.

Сарфи назар аз доираи васеи интишорот оид ба масъалаҳои қарздиҳӣ, таҳқиқоти ҳамаҷонибае, ки ба нақши қарз ҳамчун сарчашмаи асосии рушди иқтисодии саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда бошад, мавҷуд нест. Масъалаҳои ташаккули низоми қарздиҳии дарозмуҳлат, мутобиқсозии қарз ба даври истеҳсолӣ дар саноати сабук, арзёбии самаранокии барномаҳои дастгирии давлатии қарзӣ барои соҳаи мазкур ва таҳияи амсилаи ҳамгироии захираҳои қарзӣ бо ҳадафҳои мушаххаси стратегӣ барои коркарди ашёи хом ва афзоиши содироти маҳсулоти тайёр ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур таҳқиқоти амиқ ва муназзамро талаб мекунад, ки мақсади асосӣ ва навгонии илмии диссертатсияро муайян кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо санадҳои барномавии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392), Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441), Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №128), Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293) алоқаманд мебошад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳияи муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои методӣ ҷиҳати такмили истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои дастрасии корхонаҳои соҳа ба захираҳои қарзӣ, мақсади таҳқиқотро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқот чунин вазифаҳо муқаррар карда шудаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро муайян мекунанд:

1. Таҳқиқи назариявии таҳаввулот ва асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ дар саноат, равшан намудани моҳияти иқтисодии мафҳуми воситаҳои қарзӣ ва таҳлили шаклҳои истифодаи қарз барои рушди соҳа.

2. Омӯзиши равандҳои қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар мамлакатҳои хориҷӣ ва арзёбии имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии бонкии саноати сабук ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Таҳлили вазъи муосири таъмини корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаҳои қарзӣ, ошкор кардани мушкилоти қарздиҳии бонкии соҳа, дар ин замина муайян кардани таъсири воситаҳои қарзӣ ба рушди соҳа ва ташаккули мақеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ.

4. Муайян кардани самтҳои такмили қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкҳо, такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ ва муқарар кардани стратегияи рушди саноати сабук дар асоси дастгирии қарзӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои қарзие мебошанд, ки байни ташкилотҳои қарзӣ ва корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқот механизмҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ ва молиявии пешниҳоди воситаҳои қарзӣ барои таъмини рушди корхонаҳои саноати сабук мебошанд.

**Фарзияти таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот дар назар дорад, ки баланд бардоштани нақши воситаҳои қарзӣ дар рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррар кардани мавқеи он дар сохтори саноати миллӣ танҳо бо ташаккули низоми ҳамаҷонибаи қарздиҳии бонкӣ, ки ба тавсеаи иқтидори қарзии бонкҳо, мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ, такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ асос ёфтааст, имконпазир мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти появии назарияи иқтисодӣ, назарияҳои молия, қарз, бонкдорӣ, иқтисодиёти институтсионалӣ ва миёнаравии молиявӣ, инчунин, консепсияҳои рушди саноат ва навсозии сохтории иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Диссертатсия ба асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои рушди муносибатҳои қарзӣ, нақши қарз дар такрористеҳсол, инчунин, равишҳои назариявии рушди механизмҳои молиявию қарзӣ дар соҳаи саноат бахшида шудаанд, такя мекунад. Назарияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки таъсири қарз ба рушди саноати сабук ва нақши он дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ дарк карда шавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумии илмӣ ва махсуси дарки равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла равишҳои муназзам ва институтсионалӣ, усулҳои таҳлил ва таркиб, индуксия ва дедуксия, истисмои илмӣ ва ҷамъбасткунӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот инчунин, усулҳои иқтисодию оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ, арзёбии коршиносӣ истифода шудаанд. Ин имкон дод, ки вазъи муосири қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, мушкилоти мавҷуда муайян ва самтҳои такмили дастгирии қарзии соҳа асоснок карда шаванд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаҳои маълумот барои таҳқиқот иборатанд, аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бонкдорӣ, саноат, асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), маводи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилоот аз сомонаҳои интернетӣ ва коркардҳои худии муаллиф.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Заминаи моддию техникӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ, ки таҳлили қарздиҳии бонкӣ ва нақши онро дар рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад, пойгоҳи таҳқиқотро ташкил медиҳад. Заминаи моддию техникӣ аз захираҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (китобхонаи электронӣ, пойгоҳҳо ва воситаҳои техникии коркард ва таҳлили маълумот) иборат мебошад. Дастурҳои роҳбари илмӣ, дастрасӣ ба маълумоти корхонаҳо, имконияти иштирок дар конференсияҳои илмӣ, – заминаи ташкилии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Заминаи иттилоотии таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти оморӣ, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои саноати сабук, маводи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, интишороти илмӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои худи муаллиф мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар рушди муқаррароти назариявию методологии қарздиҳии бонкӣ ва асоснок кардани механизмҳои амалии истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳими кор, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоро дар бар мегиранд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва масъалаҳои консептуалии низоми қарздиҳӣ, равшан кардани муқаррароти назариявии рушди муносибатҳои қарзӣ, ки хусусиятҳои институтсионалии ташаккули онҳоро дар саноат дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифшо мекунанд.

2. Таҳияи механизмҳои асосии танзими раванди қарздиҳии саноатӣ, шаклҳои истифодаи воситаҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ, муайян кардани имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии саноати сабук ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ошкор кардани мушкилоти асосии қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асоснок кардани таъсири воситаҳои қарзӣ ба рушди иқтисодии онҳо, инчунин, муқаррар кардани мавқеи саноати сабук дар сохтори истеҳсолоти саноатии миллӣ.

4. Муайян кардани самтҳо ва механизмҳои такмили низоми қарздиҳии бонкӣ, ки ба баланд бардоштани иқтидори бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар кардани шароити баргардонидани қарзҳо ва тавсеаи дастгирии қарзии корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Хусусиятҳои муҳити институтсионалии низоми молиявию қарзӣ омили асосии муайянкунандаи ташаккул ва рушди муносибатҳои бахши бонкӣ ва соҳаи саноати иқтисодиёти миллӣ мебошанд ва ҳамзамон, ба назар гирифтани хусусиятҳои соҳавии истеҳсолоти саноатиро талаб мекунад, ки зарурати равшан кардани асосҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва шаклҳои истифодаи онҳоро дар истеҳсолоти саноатӣ ба миён меоранд.

2. Тасдиқи зарурати мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии дастгирии қарзии рушди иқтисодии саноати сабук ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконпазир будани он дар сурати ба инобат гирифтани табдили институтсионалӣ ва шароити иқтисодии соҳа, ки дастрасии бештар ва ҳадафнокии воситаҳои қарзиро таъмин мекунад.

3. Дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит ва хусусиятҳои он муайян карда шудаанд, ки бо якчанд мушкилоти низомсоз тавсиф мешаванд ва таъсири воситаҳои қарзиро ба рушди соҳа ва ташаккули мавқеи рақобатии он дар сохтори саноати миллӣ маҳдуд мекунанд.

4. Асоснок кардани самтҳои асосии такмили низоми қарздиҳии корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар кардани механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ, инчунин тавсеаи воситаҳои дигари дасгирии қарзӣ, ки ба рушди иқтисодии корхонаҳои саноати сабук мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқотро ҷанбаҳои назариявию методии корбурди воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук ифода мекунанд. Ҳамчунин, методологияи амалисозии онҳо таҳия гардидааст, ки ҷанбаҳои асосии

назариявии мавзуи таҳқиқшавандаро дар бар мегирад. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, мавқеъ ва натиҷаҳои навгониҳои таҳқиқоти илмӣ дар тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснок дарҷ гардида, онҳо моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ҳангоми таҳияи мавзуъ ва ба таври мушаххас гузаронидани таҷрибаҳои амалию муқоисавӣ, дар заминаи вазъи воқеии саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарздиҳии низоми бонкӣ ба он, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқӣ, баррасии натиҷаҳои омории таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар анҷоми рисола, дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокгардидаи дахлдор ба даст оварда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ аст: 9.1. Назария, методология, консепсияҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ ҳамчун ҷанбаҳои зоҳиршавии низоми қарзӣ, 9.2. Стратегияи ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва низоми пулию қарзии ҷаҳонӣ, 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, фишангҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз, 9.6. Қонунҳо ва қонуниятҳои рушди соҳаи қарз, 9.7. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ; қонуниятҳо ва тамоюлоти муосири рушди онҳо, иртиботи мутақобилаи қарз бо гардиши пул, молия, бозори молия, тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҷамъиятӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз таҳияи ҳамаҷонибаи муқаррароти назариявию методологӣ ва амалии такмили қарздиҳии бонкӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Муаллиф шахсан таҳаввулоти муносибатҳои қарзиро дар саноат таҳлил карда, асосҳои институтсионалии ташаккули онҳоро ошкор, таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии соҳаро арзёбӣ намуда, имконияти

мутобиқшавии онро ба шароити миллӣ асоснок кардааст. Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои саноати сабук, механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳӣ, такмили расмиёти пешниҳоди қарз ва баргардонидани онҳоро таҳия карда, самтҳои стратегии тавсеаи дастгирии қарзии корхонаҳои соҳаро муайян кардааст. Ғайр аз ин, унвонҷӯ барои сохторҳои давлатӣ ва бонкӣ тавсияҳое таҳия кардааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» (ш. Душанбе, соли 2023), «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, соли 2023), «Масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва менеҷмент дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (н. Рашт, соли 2024) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қарздиҳии бонкҳо ба корхонаҳои саноати сабук пешниҳод шудааст, аз ҷумла ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк» (санад аз 27.08.2025, аз филиали №76 дар ноҳияи Рашт). Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ҳангоми омӯзиши фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Амалиётҳои бонкӣ», «Фаъолияти бонкӣ» истифода мешаванд (санади №22/251 аз 23 декабри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 19 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 8,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,4 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 177 номгӯй иборат аст. Матни он дар 198 саҳифа дарҷ гардида, 22 ҷадвал, 13 диаграмма ва 7 расмро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР САНОАТ

## 1.1. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва асосҳои институтсионалии ташаккули онҳо

Рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ҳама марҳилаҳои таҳаввулоти иқтисодӣ бо ташаккул ва такмили мунтазами муносибатҳои қарзӣ, ки унсури ҷудонашавандаи раванди такрористеҳсол ва механизми муҳими азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд, ҳамрадиф аст. Қарз, бо сафарбаркунии муваққатии маблағҳои озод ва табдил додани онҳо ба захираҳои сармоягузорӣ ва воситаҳои гардон барои густариши ҳаҷмҳои истеҳсолот, афзоиши устуворӣ ва навсозии технологии он шароити заруриро фароҳам оварда, ба мутобиқшавии корхонаҳо ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ мусоидат мекунад. Бо назардошти маҳдуд будани захираҳои молиявии дохилии корхонаҳои саноатӣ, маҳз воситаҳои қарзӣ имконияти онҳоро барои таъмини мавзунии истеҳсолот ва амалисозии вазифаҳои стратегии рушди худ муайян мекунанд.

Таърихан, муносибатҳои қарзӣ дар баробари тағйирёбии амсилаҳои тиҷоратӣ, сохтори иқтисодиёт ва хосияти муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодӣ таҳаввул ёфта, тадриҷан хосияти институтсионалӣ ба худ гирифтаанд. Аз шаклҳои содатарини қарзгирии мутақобилаи молӣ ва қарзи тиҷоратӣ, то имрӯз қарз ба низоми бисёрсатҳаи маблағгузории саросарии бонкӣ ва ғайрибонкии ба қоидаҳо, стандартҳо ва механизмҳои танзимкунии расмӣ асосёфта, мубаддал гардидааст. Дар ин замина, акнун қарз дигар танҳо як воситаи комилан молиявӣ набуда, ба як ниҳоди мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст, ки амалкунии он на танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, балки инчунин, бо таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, сохторҳои ташкилӣ ва ниҳодҳои миёнаравии молиявӣ сурат мегирад.

Муносибатҳои қарзӣ, хусусан дар истеҳсолоти саноатӣ, ки сатҳи баланди фарогирии сармоя, даврҳои тӯлонии истеҳсолот ва зарурати навсозии доимии воситаҳои асосӣ эҳтиёҷ ба сарчашмаҳои маблағгузории қарзиро ба миён меоранд, аҳамияти бештар касб мекунанд. Самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ дар саноат асосан аз сифати муҳити институтсионалӣ, сатҳи рушди низоми бонкӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои қарздиҳандагон ва қарзгирандагон вобаста аст. Дар ин маврид, табдили механизмҳои қарзӣ бо таъсири ҳам омилҳои дохилии рушди иқтисодӣ ва ҳам чолишҳои берунии марбут ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва шиддати рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба амал меояд.

Имрӯз, низоми қарзӣ ва механизмҳои қарздиҳии саноатӣ ҳамчун воситаи афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ, ки ба ҳавасмандгардонии ислоҳоти сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст, баррасӣ мешаванд. Нақши афзояндаи қарздиҳии бонкӣ бо мураккабии асосҳои институтсионалӣ, васеъ шудани доираи воситаҳои молиявӣ ва талаботи сахттар барои арзёбии хавфҳои қарзӣ ҳамрадиф аст. Аз ин рӯ, омӯзиши таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ  ва асосҳои институтсионалии ташаккули онҳо аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки қонуниятҳои рушд ва самтҳои такмили минбаъдаи низоми таъминоти қарзии бахши воқеии иқтисодиёт муайян карда шаванд.

Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ дар саноат ба қарнҳои XVIII-XIX мелодӣ рабт дошта, он дар марҳилаҳои аввалии инқилоби саноатӣ дар мамлакатҳои Аврупо ба вуқуъ пайвастааст. Замоне, ки таъсис ва рушди аввалин корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ дар мамлакатҳои Аврупоӣ роҳандозӣ гардиданд, онҳо барои васеъ намудани доираи фаъолияти истеҳсолии худ марҳила ба марҳила ба маблағҳои қарзӣ эҳтиёҷ пайдо намуданд, ки ин ба пайдошавии муносибатҳои қарзӣ дар саноат замина гузошта, то имрӯз дар шаклҳои мухталиф вобаста ба дигаргуниҳои низомҳои иқтисодӣ, амалӣ мегардад. Вале, худи қарз ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ аз замонҳои пеш дар шаклҳои гуногун мавриди амал қарор дошта, пас аз пайдо

шудани пул ва оғози муносибатҳои пулӣ дар ҷамъият он дар шакли пулӣ то имрӯз мавриди истифода қарор дорад ва дар рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва қонеъсозии талаботи ҷомеа нақши бориз дорад. Ҳамин буд, ки зарурати иқтисодии қарзро дар сатҳи иқтисодиёт олимони машҳури соҳаи молия пай бурда, моҳияти онро дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ ва арзёбӣ намуданд.

Дар раванди гузариш аз истеҳсолоти молии оддӣ ба тарзи капиталистии истеҳсолот, қарз дигар ҳамчун унсури ёрирасони мубодила баррасӣ намешуд ва он ба як омили калидии такрористеҳсоли васеъ ва рушди иқтисодӣ мубаддал гардид. Тағйироти назаррас дар иқтидори иқтисодии қарз дар асарҳои К. Маркс, ки қарзро ҳамчун шакли махсуси ҳаракати сармояи ҷалбгардида ва механизми муҳими аз нав тақсим кардани он, суръатбахшии гардиши сармоя, раванди тамаркуз ва марказонидани истеҳсолот меҳисобид, ба назар мерасанд. Ӯ истилоҳи қарзро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст. Ба ақидаи К. Маркс, қарз на танҳо ҳамчун шакли ҳаракати сармояи ҷалбшуда, балки ҳамчун воситаи бартараф кардани маҳдудияти замонӣ ва фазоӣ дар раванди андухт низ хизмат мекунад ва ба сармоя имкон медиҳад, ки дар миқёси аз захираҳои худи субъекти иқтисодии алоҳида фарохтар амал кунад. Аз ҷумла, дар ҷилди сеюми асари безаволи худ – «Капитал», К. Маркс таъкид кардааст, ки қарз ҳудуди сармояи инфиродиро васеъ мекунад ва ба он имкон медиҳад, ки дар миқёси аз захираҳои худи субъекти иқтисодӣ ба таври назаррас зиёдтар фаъолият кунад ва бо ин васила иқтидори такрористеҳсоли иқтисодиёти капиталистиро афзоиш диҳад: «Қарздиҳанда пулашро ҳамчун сармоя сарф мекунад; маблағи арзише, ки ӯ ба каси дигар медиҳад, сармоя аст ва аз ин рӯ, ба ӯ бармегардад. Аммо, бозгашти муқаррарии худи маблағи қарз сармоя нест, балки танҳо бозгашти маблағи қарзи додашуда аст. Барои бозгашт ҳамчун сармоя, маблағи пешдодашуда на танҳо бояд дар ҳаракат бошад, балки инчунин, афзоиш ёбад, – яъне бо арзиши изофӣ ҳамчун $П + \Delta П$ баргардад, ки дар ин ҷо $\Delta П$ – фоиз ё он қисми фоидаи миёна аст, ки дар дасти сармоядори амалкунанда намемонад, балки ба сармоядори пулӣ меравад» [56, с. 386].

Дар баробари ин, К. Маркс ба хосияти зиддиятноки муносибатҳои қарзӣ диққат дода, қайд кардааст, ки қарз дар ҳоле, ки раванди андухтро суръат мебахшад, ҳамзамон, номутавозинии молиявиро шадидтар мекунад ва заминаҳоро барои зуҳуроти буҳронӣ фароҳам меорад. Ба андешаи ӯ, «густариши аз ҳад зиёди қарздиҳӣ метавонад боиси ғуншавии сармояи сохта ва уҳдадориҳои қарзӣ гардад, ки бо раванди воқеии такрористеҳсол таъмин нашуда, ноустувории низоми иқтисодиро афзоиш медиҳад» [56, с. 393]. Ҳамин тариқ, қарз дар тафсири марксистӣ ҳамчун як истилоҳи дугонии иқтисодӣ пайдо мешавад, ки вазифаҳои рушди истеҳсолот ва манбаи хавфҳои муназзамро муттаҳид мекунад. Ин гуфтаҳои К. Маркс имрӯз тасдиқи худро ёфта, боз ҳам мубрам гардидаанд ва мурочиат ба онҳо аз манфиати илмию амалӣ холӣ нест.

Рушди минбаъдаи фаҳмиши назариявии қарз бо ташаккули мактаби афкори иқтисодии Ҷ.М. Кейнс алоқаманд аст. Ҷ.М. Кейнс, гарчанде ки аҳамияти таҳлили классикии қарзро инкор накардааст, ба нақши он дар иқтисодиёт равиши куллии дигарро пешниҳод кард ва таваҷҷуҳро аз ҷанбаҳои такрористеҳсол ба масъалаҳои суботи макроиқтисодӣ, эътимод ва интизориҳои миёнарав (агент)-ҳои иқтисодӣ равона кардааст. Дар асари худ – «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» Ҷ.М. Кейнс қарз ва сармоягузориро ҳамчун унсурҳои марказии механизми рушди иқтисодӣ баррасӣ карда, вобастагии онҳоро аз сатҳи эътимоди иштирокчиёни бозор ва вазъи низоми молиявӣ таъкид кардааст [49, с. 146].

Дар назарияи Кейнсӣ масъалаи амнияти қарз махсусан муҳим буда, он на танҳо дар сатҳи қарзгирандаи алоҳида, балки дар заминаи устувории низоми молиявӣ дар маҷмуъ баррасӣ мешавад. Ҷ.М. Кейнс қайд кардааст, ки «аз даст додани эътимод ба муносибатҳои қарзӣ метавонад боиси якбора коҳиш ёфтани фаъолнокии сармоягузорӣ ва шиддат гирифтани рукуди иқтисодӣ гардад, ҳатто дар сурати мавҷуд будани заминаҳои объективӣ барои рушд» [49, с. 315]. Дар шароити муосир, ин равиш ба консепсияи амнияти молиявии қарз табдил ёфтааст, ки зарурати танзими институтсионалии

муносибатҳои қарзиро аз ҷониби давлат ва бонкҳои марказӣ пешбинӣ менамояд.

Дар рушди назарияи қарз ва нақши он дар рушди иқтисодӣ Ҷ. Шумпетер низ саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ қарзи бонкиро ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ медонист. Дар консепсияи Ҷ. Шумпетер, маҳз «қарз ба соҳибкор имкон медиҳад, ки «омезишҳои нав»-ро бидуни сармояи худ амалӣ кунад ва бо ин васила низоми бонкиро ба унсури фаъол дар тағйироти сохтории иқтисодӣ табдил диҳад» [84, с. 109]. Дар ин замина, қарз на танҳо ҳамчун шакли аз нав тақсим кардани захираҳо, балки ҳамчун механизми навсозии технологӣ ва муҷаҳҳазсозии соҳавии истеҳсолоти саноатӣ низ амал мекунад.

Рушди анъанаи Кейнсионӣ оид ба таҳлили муносибатҳои қарзӣ ва устувории молиявӣ дар асарҳои Х. Мински, ки фарзияи ноустувории молиявиро таҳия карда буд, инъикос ёфтааст. Х. Мински нишон додааст, ки «дар шароити рушди иқтисодии давомдор, муносибатҳои қарзӣ аз шаклҳои устувор ба шаклҳои спекулятивӣ ва «пирамидавӣ» таҳаввул меёбанд, ки осебпазирии низоми молиявӣ ва эҳтимолияти бухронҳоро зиёд мекунад» [82, с. 211]. Ин нуктаҳо барои таҳлили пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, ки дар он номутавозинӣ байни густариши захираҳои қарзӣ ва баргардонидани онҳо метавонад ба хавфҳои муназзам оварда расонад, махсусан муҳим мебошанд.

Ҳамин тариқ, таҳаввулоти нуқтаҳои назар дар бораи қарз – аз таҳлили марксистии вазифаҳои такрористеҳсолкунии он, тавассути фаҳмиши кейнсионии нақши эътимод ва устувории молиявӣ то мафҳумҳои рушди инноватсионӣ ва ноустувории молиявӣ – мураккабии воқеъбинонаи муносибатҳои қарзиро дар давраи рушди иқтисодиёти капиталистӣ инъикос мекунад. Акнун қарз аз воситаи хизматрасонии мубодилаи молӣ ба омили стратегии рушди иқтисодӣ, тағйироти сохторӣ ва рушди саноатӣ табдил ёфтааст. Муқаррароти назариявии зикршуда асоси методологиро барои

таҳлили шаклҳои муосири қарздиҳии бонкӣ ва арзёбии нақши қарз дар рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул медиҳанд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, олимони соҳа нақши қарзро дар сатҳи сифатан нав ошкор намудаанд, аз ҷумла онҳо бар он ақидаанд, ки «...таъмини муттасилии гардиши муомилоти сармоя танҳо ҳадафи махсуси қарз нест, балки барои шаклҳои дигари сармоя низ хос аст, ки ба он розӣ нашудан душвор аст» [46, с. 112]. Вобаста ба ин масъала, иброз доштан зарур аст, ки қарз на танҳо дар гардиши муомилоти пулӣ, балки дар таъмини ниёзҳои муайяни иқтисодӣ низ нақши калидиро доро мебошанд. Вобаста ба арзёбӣ, мушаххасот ва аҳамияти қарз нуқтаҳои назари олимон ва коршиносон гуногунанд, ки ин дар адабиёти илмӣ ва ғайриилмӣ баён гардидааст.

Қобили қайд аст, ки дар ҳама шароит, яке аз механизмҳои асосии ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, пеш аз ҳама ин зарурат ва талабот ба қарз ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, тибқи дигар сарчашма, «... яке аз мушкилоти дигари коҳиш ёфтани сатҳи қарздиҳӣ дар самти рушди иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани даромаду бад шудани вазъи молиявии қарзгирандагон, ба сатҳи захираҳои бонкҳо низ таъсири манфӣ расонд, ки дар натиҷа ин ба бад шудани сифати қарзии бонкҳо оварда расонид» [170, с. 89]. Хусусияти хоси марҳилаи муосири рушди муносибатҳои қарзӣ тақвияти нақши давлат ва бонки марказӣ дар танзим ва дастгирии институтсионалии онҳо мебошад. Тавассути роҳандозӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ, ташаккули пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ва корбурди воситаҳои таъсири макроиқтисодӣ, ин ниҳодҳо ба равандҳои гардиши пул ва фаъолияти низоми қарзӣ дар маҷмуъ таъсири ҳадафмандона мерасонанд. Дар ин маврид, таъсири танзимкунанда на танҳо дар назорати ҳаҷм ва арзиши захираҳои қарзӣ, балки дар фароҳам овардани шароит барои рушди устувори бахши қарзию бонкӣ, таҳкими устуворӣ, шаффофият ва қобилияти он барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти бахши воқеии иқтисодиёт зоҳир мешавад.

Ба андешаи мо, дар таърихи пайдошавии қарз ва ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ як қатор омилҳое мавҷуданд, ки

тавассути онҳо зарурати қарз ва хусусияту иқтидорҳои онро дар сатҳи муносибатҳои истеҳсолӣ таҳлил ва арзёбӣ намудан мумкин аст. Албатта, новобаста аз оне, ки дар масъалаи тафсир ва ягонагии иқтидори қарз назария ва пешниҳодҳои гуногун ҷой доранд, ба андешаи мо, зарурати баррасии масъаларо ба таври мукаммал танҳо дар доираи заминаҳои пайдошавии он дар соҳаи саноат мушаххас намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Тавре муҳаққиқ Г.Н. Белоглазова қайд кардааст, «дар шароити муосир, маблағҳои қарзӣ барои рушди иқтисодиёт ва умуман ҷомеа аҳамияти аввалиндараҷа доранд» [46, с. 134]. Дар ҳамин замина мушаххасоти масъалаи мазкурро А.В. Агибалов дар мақолаи илмии худ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ӯ қайд мекунад, ки «Қарзгиранда бояд на танҳо захираҳои гирифташударо барои истифодаи муваққатӣ гирад, балки онҳоро низ истифода барад ва ин корро тавре анҷом диҳад, ки уҳдадориҳои қарзиро пурра ва саривақт иҷро кунад. Аз ин ҷиҳат, қарзгиранда қувваи истеҳсолкунанда аст, ки истифодаи самараноки захираҳои гирифташуда барои истифодаи муваққатӣ аз он вобаста аст» [88, с. 72]. Илова бар ин, гуфтан ҷоиз аст, ки нақши қарз на танҳо дар замони имрӯза балки дар замони пеш низ, вобаста ба шаклҳои талаботдошта дар ҳамон давра аҳамияти аввалиндараҷа ва калидӣ дошт. Бинобар ин, иброз доштан муҳим аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва замони қабл низ ба андешаи мо, як қатор омилҳо боиси ба вуҷуд омадани қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ мегарданд (расми 1.1).

Вобаста ба маълумоти расми мазкур иброз доштан бамаврид аст, ки қарз ҳамчун омили муҳими иқтисодӣ вобаста ба шаклҳои ҷамъиятӣ, рушди иқтисодиёт ва муносибатҳои васеи ҷамъиятӣ то ба имрӯз шакл ва намудҳои худро иваз намуда, вазифаҳои худро дар сатҳи зарурӣ иҷро мекунад. Дар баррасии масъалаи мазкур зарурати омӯзиши низоми қарзӣ ва хосиятҳои иқтисодии онро аз рӯйи омилҳо ва як қатор муҳимиятҳо арзёбӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.




**Расми 1.1. – Омилҳои ба вуҷуд омадани қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар саноат**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар ба вуҷуд омадани падидаи қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар саноат, пеш аз ҳама онро дар ҳошияи маҳдуд будани захираҳо ва талаботи доимӣ арзёбӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад. Зеро дар сатҳи истеҳсолоти саноатӣ ва қонеъ намудани талаботи доимии корхонаҳои саноатӣ норасоии захираҳо байни субъектҳо ва одамони алоҳида, боиси пайдоиши қарз гардидааст. Ш. Раҳимзода қайд менамояд, ки «... дар соҳаи саноат қарз барои хариди ашёи хом, додани музди меҳнат ва ғайра истифода мешавад ва дар қисме аз корхонаҳои пешқадам қарзро барои васеъ кардани истеҳсолоту хариди техникаю технологияи нав истифода мебаранд» [66, с. 272]. Илова бар ин, талаботи зиёд доштан ба қарз, махдуд будани дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолию молиявӣ, маҳдудияти маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар истеҳсолот, норасоии захираҳои молиявӣ, дигаргун сохтани таркиби истеҳсолот, афзоиши такрорисеҳсол, қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва таъсири дигар омилҳо боиси пайдошавии қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар саноат гардидаанд.

Боиси зикр аст, ки «... самаранокии истеҳсолот пайвастагии доимии гирдгардиши сармояро тақозо мекунад. Барои ин корхонаю ташкилотҳоро зарур аст, ки хариди саривақтии ашёи хому воситаҳои истеҳсолӣ, пардохти музди меҳнату иҷрои ухдадориҳои дигари пулиро таъмин намоянд. Васеъ кардани истеҳсолот, сохтмони иншооти саноатӣ, хариди таҷҳизот ва ғайра аз ҳисоби қарз имкон медиҳад, ки талаботи доимо афзояндаи ҷамъият қонеъ гардонида шавад» [66, с. 270-272].

Новобаста аз таърихи қадима доштани қарз ва муносибатҳои қарзӣ аксар олимон баррасӣ ва арзёбии масъалаи мазкурро дар доираи имконияти давлатӣ ва минтақавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, хусусиятҳои хосси онро ба таври мушаххас пешниҳод намудаанд. Вобаста ба ин масъала, С.Ҷ. Махшулов қайд менамояд, ки «... дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили раванди қарз ва муносибатҳои қарзӣ таърихи қадима дошта, таҳаввулоти гуногунро аз сар гузаронидааст» [121, с. 5]. Ин бар он маъност, ки таърихи қадимаи қарз на танҳо дар давлатҳои пешрафта балки дар давлатҳои рӯ ба рушд низ маъмул аст. Ҳатто, гуфтан мумкин аст, ки имкон дорад, пайдошавии қарз қабл аз дар давлатҳои пешрафта пайдо гардидан, шояд дар қаламравӣ давлатҳои имрӯз дар ҳолати рӯ ба рушд қарордошта ба вуҷуд омада бошад. Дар баробари ин, зарурати қарзро ҳамчун воситаи муҳими рушди иқтисодӣ як қатор муҳаққиқон дар асарҳои илмии худ мавриди баррасии амиқ қарор додаанд [95; 96; 101].

Дар ҳошияи ҳамаи ин зарурат, вобаста ба ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, яке аз мушкилоти дигари коҳиш ёфтани сатҳи маблағгузорӣ ба пайдо шудани зарурат ба маблағҳои қарзӣ барои ривоҷу равнақ ёфтани иқтисодиёт ба миён меояд. Инчунин, коҳиш ёфтани сатҳи маблағгузорӣ ба камшаваии даромад, бадшавии вазъи молиявии қарзгирандагон ва пастшавии сатҳу сифати захираҳои бонкҳо меоварад, ки дар натиҷа, ин ҳолат ба бад шудани сифати сандуқи қарзии бонкҳо боис мешавад.

Дар вусъат ёфтани муносибатҳои қарзӣ дар саноат ва ба маротиб дигар шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ҳамчунин, ба таври зарурӣ

ташаккул ёфтани ниҳодҳои молиявӣ, шакли маъмул ва паҳнгаштаи қарзҳо ин қарзҳои бонкӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, «...қарзҳои бонкӣ шакли табдилёфтаи сарчашмаҳои молиявӣ ва захираҳои қарзӣ, ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣ мебошанд, ки самаранокии истифодаи онҳо чараёни мураккаб буда, мустақиман ба муомилоти пул ва муносибатҳои молиявӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд мебошад» [120, с. 121].

Тафсири нақши падидаи қарз тавассути вазифаҳои ба худаш хос, бешубҳа сазовори дастгирӣ аст, зеро он гуногунрангии таъсироти воситаҳои қарзиро ба равандҳои иқтисодӣ ошкор менамояд. Ё дар мавриди дигар Н. Ашуров қайд намуааст, ки «... дар шароити иқтисоди бозорӣ шакли асосии қарз ин қарзи бонкист, яъне қарзест, ки бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ медиҳанд ва ибораи мазкур ифодагари ҳама меъёрҳои раванди қарзӣ мебошад» [40]. Дар сатҳи муносибатҳои хоҷагидорӣ қарзро ҳамчун омили рушд олимони дигари соҳаи иқтисодӣ Ф.Х. Азизов [37], Э.А. Амирова [93], А.С. Соколитсин [71] ва дигарон баррасӣ ва таҳқиқ намудаанд.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, вобаста ба зарурат пайдо кардан ба маблағҳои қарзӣ аз тарафи субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, таснифоти қарзӣ мушаххас пешниҳод гардидаанд. Воқеан дуруст қайд гардидааст, ки шакли асосии қарз ин қарзи бонкӣ мебошад, зеро ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ягона муассисаҳое мебошанд, ки дар доираи имконияти худ иқтисодиётро бо пул таъмин мекунанд.

Дар фаъолияти доманадори соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ як қатор мушкилоти табиию экологӣ мавҷуданд, ки ба фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхонаҳои саноатӣ ва пардохтпазирии истеҳсолкунандагон, ки асоси фаъолияти онҳо дар пояи қарзҳои бонкӣ ба роҳ монда шудааст, монеа эҷод мекунанд. Қайд кардан зарур аст, ки татбиқи фаъолнокии соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан соҳаи саноати сабук аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, барои дарк кардани ҷараёни ҷанбаҳои манфӣ ва мусбат вазифаи аввалиндараҷаи истеҳсолкунандагон барои ноил гардидан ба

мақсадҳои худ ва гирифтани даромад ва фоидаи соф тавассути истифодаи маблағҳои қарзӣ ба миён меоянд.

Новобаста аз он, ки воситаҳои қарзӣ яке аз муҳаррикҳои асосии рушди иқтсодиёт ба ҳисоб мераванд, дар раванди қарздиҳӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ як қатор мушкилотро аз сар мегузаронанд, ки онҳо боиси тағйирёбии таркиби қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи саноат мегарданд. Ҳамчунин, ин масъала боиси авҷ гирифтани баррасиҳо ва арзёбиҳои олимону коршиносон қарор мегирад.

Вобаста ба таҳлилу баррасии воситаҳои қарзӣ ва зарурати иқтисодии онҳо дар рушди саноат ва бахшҳои алоҳидаи он, ба монанди саноати сабук ду назарияи асосӣ вуҷуд дорад, ки дар доираи онҳо як қатор олимон ба сарчашмаҳои бавуҷудоии қарз ва муносибатҳои қарзӣ ва гурӯҳи дигари олимон ба тафсир ва баррасии қарз ҳамчун падидаи иқтисодӣ аҳамият додаанд. Дар марҳилаи аввалӣ, қарз ҳамчун воситаи азнавтақсимкунии пулҳои муваққатан озод баррасӣ гардида, дар марҳилаи баъдӣ, хусусиятҳои хоси қарз ва иқтидори бозсозию боздорандагии он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Масалан, Ю.В. Трушин, ки ба назарияҳои олимони рус Б.С. Герашченко, Н.Г. Сичев, Б.Г. Болдирев ва Б.В. Лавров такя намудааст, қайд мекунад, ки «... мазмуни муносибатҳои қарзӣ дар ҷамъоварии маблағи пулӣ ва интиқоли он ба ташкилотҳои қарзӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ё шахсони воқеӣ барои истифодаи муваққатӣ бо баргардонидани ҳатмии саривақтӣ ва пардохти изофапулӣ ё фоиз барои истифодаи захираҳо мебошад» [176, с. 7].

Маҷмуан, истилоҳи «қарз» ба калимаи лотинии «creditum - кредитум» - қарзи бонкӣ ё қарз мансуб шудааст. Айни замон, дар ҷомеаи илмӣ ҳанӯз тафсири ягонаи ин мафҳум ташаккул наёфтааст, бинобар ин, дар омӯзиши он гурӯҳи мушкилиҳои муайяне ба вуҷуд меоянд. Дар ҳошияи ин, иброз доштан зарур аст, ки агар заминаҳои пайдошавии қарз ва зарурат ба он маълум бошад, лекин вобаста ба мафҳуми он назария ва андешаҳои гуногуни илмӣ ва иқтисодӣ ҷой доранд. Тибқи сарчашмаҳо баъзе олимон қарзро бо гардиши сармояи қарзӣ нисбат медиҳанд, вале сармояи қарзиро ҳамчун сармояи пулӣ ифода менамоянд. Ба ақидаи мо, чунин фаҳмиши қарз комил набуда, тамоми

мураккабии ин зуҳуротро фаро намегирад ва зарурати таҳқиқи иловагии масъаларо шарти зарурӣ меҳисобем.

Ба андешаи Ш. Раҳимзода «барои истифодаи муваққатии маблағҳои пулӣ ё молии каси дигар қарзгирандаро зарур аст, ки бо қарздиҳанда муносибатҳои муайян барқарор намояд ва аз баски асоси пайдоишу рушди ин муносибатҳо гирифтан, истифодаю баргардонидани қарз аст, дар адабиёти иқтисодӣ онҳо муносибатҳои қарзӣ ном гирифтаанд, ки ин нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад» [66, с. 485]. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо, К.Ф. Сайфуров бар он назар аст, ки «... механизмҳои молиявию қарзӣ ба як қатор категорияҳои иқтисодӣ, ба монандӣ: молия, қарз, нархҳо, андозҳо ва механизмҳои хоси фаъолияти онҳо асос ёфтааст» [175, с. 41]. Илова бар ин, андешаи Комилов С.Ҷ. ба ин пешниҳод низ мувофиқат намуда, қарзро ҳамчун унсури муҳими рушди иқтисодӣ тафсир кардааст [112, с. 290].

Тавсеаи муҳтавои иқтисодиёт, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, рушди соҳаҳои алоҳидаи он, аз қабили саноати сабук, хариди таҷҳизот ҷиҳати пешбурди фаъолияти истеҳолӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра аз ҳисоби қарз имкон медиҳад, ки талаботи доимо афзояндаи ҷамъият қонеъ гардонида шавад ва он ба мамлакатҳои ҳамсоя содир карда шаванд. Яке аз хусусиятҳои хоси қарз ин фароҳам овардани шароити нав ва рушд барои тағйирдиҳии ин ё он соҳаи муайян, аз ҷумла соҳаҳои муҳими иқтисодӣ ва бахши саноати миллӣ, ба монанди саноати бофандагӣ, ресандагӣ, чӯбкорӣ (мебелбарорӣ), истеҳсоли пойафзол, нахи пахта ва содироти он ба хориҷи мамлакат мебошад.

Вобаста ба назария ва пешниҳодҳои олимони дохилию хориҷӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки тафсири қарз дар шакл ва сатҳи гуногун, ки имрӯз он барои пешрафти ҷамъият муҳим ва зарур аст, то ҳол тамоми ҷузъиёти он ба таври равшану возеҳ кушода нашудаанд. Зеро он шаклҳо ё тафсирҳое, ки дар адабиёти иқтисодӣ вобаста ба хусусиятҳои қарз пешниҳод гардида буданд, комилан куҳна шуда, қарз дар айни замон шакл, хосият ва вазифаҳои худро ба қадри назаррас дигаргун намудааст. Мусаллам аст, ки тибқи хосиятҳои

дигагунсозии қарз сатҳ ва самаранокии иқтисодии воситаҳои қарзӣ бояд ба таври доимӣ ба соҳа ва сохторҳои алоҳидае, ки ба он эҳтиёҷ доранд таъмин бошанд. Ба ҳамин хотир, самаранокии омезиш (синергетикӣ) дар асл роҳи ба назар гирифтани самаранокии умумии низоми қарздиҳӣ ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт мебошад, ки ба самарабахшии сохторҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Ду навъи самаранокӣ – ҷудокунӣ ва мутобиқшавиро аз ҳам ҷудо намудан мумкин аст. Навъи якум, чӣ гуна тақсимшавии захираҳо ва аз ҷиҳати иқтисодӣ истифода шуданашонро ифода менамояд, навъи дуюм, – самаранокии мутобиқсозии зернизомҳои гуногунро ба муҳити берунӣ, хавфҳои фаъолияти иқтисодӣ, майл ба навоварӣ, рушди низоми иқтисодӣ бо мурури замон, фаъолияти он ва ғайраро тавсиф мекунад. Дар робита ба низоми қарздиҳӣ, Ш. Раҳимзода ва Б.Б. Хоҷаев қайд менамоянд, ки «рушди қарздиҳии хурд имконият медиҳад, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва шуғли мустақили шаҳрвандон таъмин карда шавад, ки зимнан аз аҳамияти бузурги қарзӣ гувоҳӣ медиҳад» [133, с. 25].

То кунун, муносибати ягонаи ошкор кардани нақши қарз дар такрористеҳсолкунӣ ба таври мушаххас ифода нашудааст. Баъзе олимон ба таври анъанавӣ ва дар доираи дониш ва таҷрибаи худ нақши қарзро тавассути вазифа ва мафҳуми иқтисодӣ матраҳ намуда, хулосаи мушаххас баровардаанд, аз ҷумла Ю.Е. Шенгер нақши қарзро муайян карда, онро ҳамчун «натиҷаҳои объективӣ, ки рушди ҳамаи вазифаҳои қарз дар ин низоми иқтисодиёт ба он оварда мерасонад» [77, с. 61], маънидод намудааст. Ин мулоҳизаро мутобиқ ба сохти иқтисодии сотсиалистӣ тақвият дода, Ю.Е. Шенгер як қатор нуктаҳои муҳимро, ки нақши қарзро дар истеҳсолоти саноатӣ муайян мекунанд, қайд намудааст, аз қабили:

«– ташаккулёбии дурусти востаҳои гардон ва қисман воситаҳои асосӣ, ки имконияти истифодаи босамари манбаъҳоро дар байни соҳаҳои иқтисодиёт ва корхонаҳои алоҳида таъмин мекунанд;

- татбиқи сафарбарсозии воситаҳои пулии муваққатан озод ва табдили

онҳо тавассути низоми қарздиҳӣ ба манбаи ташкилии воситаҳои гардон;

- мусоидат ба таҳкими худмаблағгузорӣ, зеро қарз субъектҳои хоҷагидорро водор мекунад, ки аз он оқилона истифода баранд;

- тезондани гардиши воситаҳои гардони иқтисодиёти миллӣ;

- кам кардани хароҷоти муомилоти давлатӣ;

- рушди бештари соҳаҳои молистеҳсолкунанда вобаста ба талаботи бозор» [77, с. 61].

Фаҳмиши пурраи тафсири нақши қарз тавассути вазифаҳои он дар маҷмуъ асосноканд, аммо ба назари мо, зарурати боз ҳам мушаххас намудани онҳо вобаста ба ворид гардидани техникаву технологияҳои инноватсионии муосир ва ҳамзамон, истифодаи онҳо дар сатҳи иқтисодиёт ва истеҳсолоти саноатӣ, вуҷуд дорад. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки нақши қарз дар суръат бахшидан ва тавсеаи миқёси такрористеҳсолкунӣ зоҳир мешавад, зеро иштироки қарз гардиши воситаҳои гардон, муомилоти арзишҳои моддӣ ва пулиро суръат мебахшад.

Вобаста ба хосияти таъсиррассонии қарз дар бахши саноат, зиёд гардидани сармоя ва иловатан талабот ба қарз Ш. Раҳимзода қайд менамояд, ки дар замони аввали рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ҷомеа «пешрафти саноату савдо рӯз аз рӯз талаботро ба қарз зиёд мекард, судхӯрон имкон надоштанд талаботи доимо афзояндаи сармоядоронро қонеъ гардонанд. Муассисаҳое лозим буданд, ки пулҳои муваққатан озоди сармоядорон ва мардуми оддиро ҷамъ карда, ба мӯҳтоҷон ба қарз диҳанду бозгашти онро назорату таъмин кунанд» [66, с. 485]. Вобаста ба имконият ва иқтидорҳои худ қарз метавонад дар сурати самаранок истифода гардидан ба сатҳи рушди иқтисодиёт муосидат намуда, раванди такрористеҳсолро дар зинаҳои гуногуни ҷамъият таъмин намояд. Ҳамчунин, рушди робитаҳои тиҷоратиро байни шаҳру деҳот таъмин намуда, ба истеҳсолкунандагон дар манотиқи гуногун ба сарфаҷӯйии хароҷоти истеҳсолӣ ва коҳиш додани хароҷот, паст кардани арзиши аслии маҳсулот дар истеҳсолот мусоидат намояд.

Доир ба паҳлуҳои дигари қарз, ки он дорои хосиятҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ мебошад, олими рус В.И. Рибин таъкид менамояд, ки «хусусияти таъсири қарз ба иқтисодиёти миллӣ унсури номуташаккилӣ (стихиявӣ) дорад» [69, с. 26]. Мувофиқ ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, махсусан бахшҳои истеҳсолии он профессор Л.И. Количев бо боварӣ изҳор кардааст, ки нақши қарз дар се шакл амалӣ мешавад, аз ҷумла:

«- аввал, қарз яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули захираҳои асосӣ ва воситаҳои гардон мебошад;

- дуюм, вай муомилоти дороиҳои моддӣ ва маблағҳои пулии корхонаҳоро метезонад;

- сеюм, қарз ба рушд ва таҳкими робитаҳои иқтисодии байни шаҳр ва деҳот мусоидат мекунад» [52, с. 162].

Ба андешаи мо, дар сатҳи баррасиҳои илмӣ, ки моҳияти як қатор истилоҳоти иқтисодӣ вобаста ба амсилаҳои таъсирасонии онҳо мушаххас мегарданд, падидаи қарзи бонкӣ низ дар қатори муҳимтарин истилоҳоти иқтисодӣ аз нуқтаи назари ҷараёнҳои гуногун, мавриди таҳлил қарор мегирад:

– якум, қарз ҳамчун фишанги муҳими иқтисодӣ ва омили махсусгардонидашудаи табдил дар самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, махсусан соҳаи саноат баррасӣ шудааст;

– дуюм, воситаҳои қарзӣ ва равандҳои муносиби он ҳамчун омили фаъолгардонии такрористеҳсол ва ташкилкунандаи муносибатҳои гуногуни иқтисодӣ ва пайвасткунандаи муносибатҳои истеҳсолӣ бо истеъмолӣ мебошанд;

– сеюм, қарз ҳамчун воситаи муҳими муносибатҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ дар самти таҳқиқи масъалаи баррасишаванда ҳамчун меҳвар мебошад.

Арзёбиҳои гуногуни олимон дар масъалаи падидаи қарз ва аҳамияти ҳалкунандаи он дар истеҳсолоти саноатӣ гуногун буда, дар маҷмуъ ҳамаи он назарияпардозиҳо дорои хусусиятҳои рушд мебошанд. Ба андешаи мо, ҳамаи ин унсурҳои марбут ба қарз, хоси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи

иқтисодиёт ва соҳаҳои истеҳсолии ҳар як мамлакат мебошанд. Воқеияти муносибатҳои қарзиро аз баёнияи назари олимони соҳаи иқтисодиёт, махсусан самти молия ва бонкдорӣ дар ҳар шакл мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯйи мушоҳидаҳои таърихии пулу қарз, ба андешаи мо, воқеан пеш аз пайдоиши пул муносибатҳои қарзӣ ва қарз ба вуҷуд омада, сипас дар заминаи ин муносибатҳоӣ пулӣ ба вуҷуд омадаанд.

О.И. Лаврушин бар он назар аст, ки «дар воқеъ, низоми қарзиро ҳамчун низоми танзими муносибатҳои қарзӣ ва омили асосии манфиатҳои дутарафа аз ҷониби ниҳодҳои пулию қарзӣ метавон баррасӣ кард» [53, с. 14]. Аммо, дар амалия, воситаҳои қарзӣ агар аз як тараф хусусияти бозсозӣ дошта бошанд, аз тарафи дигар метавонанд як қатор мушкилотро низ ба бор оранд. Аз ҳамин лиҳоз, таҷрибаи бонкдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии ба мушкилот дучор шудани бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ истифодаи ғайримақсадноки қарзҳои додашуда мебошад.

Кайд кардан зарур аст, ки дар ташхиси тафсири қарз ва муносибатҳои қарзӣ як қатор мушаххасот аз тарафи олимони соҳа ва ҳамчунин, дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тафсири қарз пешниҳод гардидааст, ки дар онҳо масъалаи музднокӣ ва дигар принсипҳои ба бехатарии қарз хос пешниҳод шудааст. Бинобар ин, мо илова менамоем, ки дар баробари дигар шартҳои қарз принсипи мухторияти ғайринақдикунонӣ низ илова карда шавад. Чи тавре, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мафҳуми қарз низ бе истифодаи мақсаднокии он дода шудааст [7] ва ин такмилталаб будани мафҳуми мазкурро дар сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ инъикос менамояд. Дар айни замон гирифтан ва истифодаи қарз барои бартараф кардани эҳтиёҷот ва дигар имконияти дорои хосиятҳои инноватсионӣ ба кор бурда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки аз омӯзиши адабиёти илмӣ ва дигар таҳқиқот бармеояд, ки вобаста ба баррасии масъалаи падидаи қарз ва низоми иқтидори қарздиҳӣ ду равияи аз ҳам фарққунанда вуҷуд дорад, ки дар доираи онҳо сараввал ба заминаҳои пайдошавӣ ва густариши қарз такя намуда шудааст, аз

дигар тараф бошад, қисми дигари олимон дар интишороти илмӣ ба мафҳуми илмии қарз такя намудаанд, ки дар маҷмуъ ду самти асосиро ифода менамоянд. Иловатан, иброз доштан зарур аст, ки ташкилкунандагони муносибатҳои қарзӣ ва татбиққунандагони он муҳити институтсионалиро ташкил дода, дар ин марҳила равандҳои ягонагӣ ва иқтидори бозсозӣ ва боздорандагии қарз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, оид ба назария ва равияҳои нав мукаммалан хулосаҳои мушаххас таҳия карда шудаанд.

## 1.2. Моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва шаклҳои истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ

Дар тӯли як давраи калони таърихӣ, қарз ҳамчун воситаи муҳим барои ташкил ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ки истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмолро дар бар мегирад, хизмат кардааст. Дар замони муосир, муносибатҳои қарзӣ қариб ба ҳама сатҳҳои низоми иқтисодӣ ворид шуда, тақсимоти захираҳои молиявии муваққатан озодшударо осон мекунанд ва барои идомаи раванди такрористеҳсол шароит фароҳам меоранд. Воситаҳои қарзӣ, ки ҳамчун асоси моддӣ ва молиявӣ барои роҳандозӣ намудани муносибатҳои қарзӣ ва амалисозии иқтидори иқтисодии қарз хизмат мекунанд, дар ин замина махсусан муҳиманд.

Қайд кардан лозим аст, ки сарфи назар аз бартарии қарзи пулӣ дар иқтисодиёти муосир, тавре дар зербоби қаблӣ зикр кардем, қарз ҳамчун як мафҳуми иқтисодӣ таърихан хеле пеш аз пайдошавии пул ба миён омада, муносибатҳои пулиро рушд додааст. Дар аввал, муносибатҳои қарзӣ дар шакли аслӣ (молӣ) ташаккул ёфта, бо баргардонидани ба таъхир афтодаи молҳо, захираҳо ё ӯҳдадориҳо байни субъектҳои иқтисодӣ алоқаманд буданд. Бо рушди муносибатҳои молию пулӣ ва афзун шудани мураккабии робитаҳои иқтисодӣ, қарз тадриҷан ба шакли пулӣ табдил ёфт ва доираи татбиқи худро ба таври назаррас васеъ карда, нақши худро дар рушди иқтисодӣ тақвият дод.

Дар адабиёти иқтисодӣ таърифи ягона ва умумии мафҳуми «воситаҳои қарзӣ» вуҷуд надорад, ки ин аз сабаби хусусияти бисёрҷонибаи ин мафҳум ва фарқият дар равишҳои методологӣ барои тафсири он вобаста аст. Умуман, воситаҳои қарзӣ ҳамчун маҷмуи захираҳои молиявие баррасӣ мешаванд, ки аз ҷониби қарздиҳанда ба қарзгиранда бо шартҳои баргардонидан, муҳлат ва пардохт барои дастгирии амалиёти ҷорӣ ё рушди истеҳсолот пешниҳод карда мешаванд. Ин равиш нақши функсионалии воситаҳои қарзиро ҳамчун сарчашмаи маблағгузории фаъолияти иқтисодӣ таъкид мекунад.

Дар маънои нисбатан маҳдуд ва аз ҷиҳати амалӣ мақбултар, воситаҳои қарзӣ ҳамчун захираҳои пулӣ ва монанд ба пул, ки аз ҷониби низоми қарзӣ ҷамъоварӣ ва тавассути шаклҳои гуногуни қарздиҳӣ ба иқтисодиёт равона карда мешаванд, тафсир карда мешаванд. Дар ин замина, воситаҳои қарзӣ ҳамчун ҷараёни мушаххаси молиявӣ амал мекунанд, ки ҳаракати сармояи қарзиро байни субъектҳои иқтисодӣ миёнаравӣ мекунанд ва табдили пасандозҳоро ба сармоягузорӣ таъмин мекунанд. Маҳз чунин фаҳмиши воситаҳои қарзӣ барои таҳлили нақши онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ муҳим аст.

Муҳаққиқи рус О.И Лаврушин таърифи классикии мафҳуми «воситаҳои қарзӣ»-ро тавассути шарҳи худи падидаи қарз овардааст: «ҳаракати сармояи қарзиро ифода мекунад, ки дар шакли пули нақд ё захираҳои молӣ бо шартҳои баргардонидан, фаврӣ ва пардохтӣ пешниҳод шудааст» [55, с. 213]. Ин мустақиман маънои тафсири воситаҳои қарзиро ҳамчун захираҳои пулӣ ва муодили онҳо, ки барои истифодаи муваққатӣ интиқол дода мешаванд ва сармояи қарзиро ташкил медиҳанд, ифода мекунад.

Намояндаи иқтисодиёти классикӣ Ҷ.М. Кейнс низ мафҳуми «воситаҳои қарзӣ»-ро тавассути мафҳуми худи қарз ҳамчун «на танҳо додани пул, балки ҳамчун механизме, ки устувории раванди сармоягузориро тавассути нигоҳ доштани эътимод ва интизориҳо таъмин мекунад» [49, с. 181], шарҳ додааст. Ин таъриф барои асоснок кардани эътимоднокии молиявӣ ва вазифаи сармоягузории воситаҳои қарзӣ дуруст истифода шудааст.

Ба андешаи Ҷ. Шумпетер, воситаҳои қарзӣ «қобилияти харидориеро бунёд менамоянд, ки ба соҳибкор барои истифода бурдани захираҳои ҳанӯз дар раванди истеҳсолоти ҷорӣ ҳосилнашуда имкон медиҳад» [84, с. 107]. Таърифи мазкур хусусияти истеҳсолӣ ва рушддиҳандаи воситаҳои қарзиро мустақиман инъикос мекунад, ки ин барои таҳлили қарзи саноатӣ махсусан муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодию молиявии мамлакатҳои ИДМ мафҳуми «воситаҳои қарзӣ» («кредитные средства») ба таври васеъ истифода мешавад. Он асосан ҳамчун мафҳуми ҳосилавӣ аз мафҳуми худи «қарз», «сармояи қарзӣ», «захираҳои қарзӣ» ва «захираҳои бонкӣ» бармеояд. Дар робита ба ин, аз ҷумла О.И. Лаврушин воситаҳои қарзиро ҳамчун объекти пешниҳоди қарз муайян кардааст: «Воситаҳои қарзие, ки бонк ба қарзгиранда медиҳад, шакли ҳаракати сармояи қарзӣ буда, барои маблағгузории фаъолияти ҷорӣ ва сармоягузории субъектҳои соҳибкорӣ истифода мешаванд» [54, с. 186]. Дар ин ҷо истилоҳи «воситаҳои қарзӣ» на ҳамчун истилоҳи гуфтугӯӣ, балки ҳамчун таърифи дурусти илмии захираҳои дар доираи муносибатҳои қарзӣ аз ҷониби қарздиҳанда ба қарзгиранда пешниҳодшаванда истифода мешавад, ки бо мантиқи таҳқиқоти мо комилан мувофиқат мекунад.

Г.С. Панова ҳангоми баррасии воситаҳои қарзӣ дар низоми қарзи бонкӣ чунин зикр мекунад: «воситаҳои қарзии бонкӣ аз ҳисоби захираҳои ҷалбшуда ва худӣ ташаккул ёфта, барои маблағгузории корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт дар асоси баргардонидашаванда ва пардохт сафарбар карда мешаванд» [63, с. 156]. Таърифи мазкур дар доираи таҳқиқоти мо махсусан арзишманд аст, зеро он воситаҳои қарзиро мустақиман бо истеҳсолоти саноатӣ (корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт) ва низоми бонкӣ пайваст мекунад.

Н.В. Колчина воситаҳои қарзиро ҳамчун шакли таъмини молиявии корхонаҳо баррасӣ мекунад: «воситаҳои қарзӣ захираҳои молиявии қарзӣ мебошанд, ки ба корхонаҳо барои таъмини пайвастагии раванди истеҳсолот ва васеъ кардани такрористеҳсолкунӣ дода мешаванд» [51, с. 301]. Дар ин ҷо

муаллиф истилоҳи мазкурро дар заминаи амалии истеҳсолӣ истифода бурдааст.

Л.Н. Красавина воситаҳои қарзиро бо раванди такрористеҳсол алоқаманд намуда, таъкид мекунад, ки «воситаҳои қарзӣ, ки дар гардиши иқтисодӣ иштирок мекунанд, ба равандҳои такрористеҳсол ва тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт таъсири фаъол мерасонанд» [58, с. 118]. Дар ин ҷо, гарчанде ки доираи корбурд васеътар аст (муносибатҳои байналмилалӣ), истилоҳи «воситаҳои қарзӣ» ҳамчун истилоҳи мустақили илмӣ, ки бо рушди истеҳсолот алоқаманд аст, истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили манбаъҳои академии бо забони русӣ нашршуда нишон медиҳад, ки истилоҳи «воситаҳои қарзӣ» (кредитные средства) дар адабиёти иқтисодӣ барои ишора ба захираҳои молиявии қарзӣ, ки дар доираи муносибатҳои қарзӣ пешниҳод карда мешаванд ва барои маблағгузории фаъолияти корхонаҳо истифода мешаванд, ба кор бурда мешавад. Сарфи назар аз набудани таърифи ягона ва умумӣ, муҳтавои ин мафҳум дар асарҳои муаллифон аз мамлакатҳои ИДМ бо тафсири он ҳамчун шакли ҷараёни сармояи қарзӣ ва воситаи рушди бахши воқеии иқтисодиёт мувофиқ буда, имкон медиҳад, ки истифодаи мафҳуми мазкур дар доираи таҳқиқоти мо асоснок карда шавад.

Акнун ҳама таърифҳои дар боло баррасишударо ҷамъбаст намуда, таърифи муаллифии мафҳуми «воситаҳои қарзиро» пешниҳод мекунем. Ҳамин тариқ, воситаҳои қарзӣ маҷмуи захираҳои пулӣ ва муодили онҳоро ифода мекунанд, ки дар доираи муносибатҳои қарзӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ тавлид ва аз нав тақсим карда шуда, барои истифодаи муваққатӣ бо шартҳои баргардонидан, муҳлатнок, пардохт ва истифодаи мақсаднок пешниҳод карда мешаванд. Аз нигоҳи иқтисодӣ, воситаҳои қарзӣ ҳаракати сармояи қарзиро ифода мекунанд ва ҳамчун шакли махсуси сафарбаркунии захираҳои муваққатан озод хизмат намуда, вазифаи азнавтақсимкунии арзишро байни бахшҳои иқтисодӣ таъмин мекунанд. Дар тафовут аз манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ, воситаҳои қарзӣ хусусияти ҳосилавӣ

дошта, ташаккули ҳатмии уҳдадориҳои қарзиро талаб мекунанд, ки робитаи зичи онҳоро бо устувории молиявии қарзгиранда ва устувории низоми қарзӣ дар маҷмуъ муайян мекунад.

Ба андешаи мо, дар заминаи истеҳсолоти саноатӣ, воситаҳои қарзӣ бояд на танҳо ҳамчун шакли қарзгирӣ, балки ҳамчун воситаи фаъоли иқтисодӣ барои такрористеҳсоли васеъ, таъмини сармоягузорӣ, навоварӣ ва вазифаҳои ташаккулдиҳандаи сохтор дар рушди бахшҳои иқтисодӣ баррасӣ карда шаванд. Истифодаи онҳо ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки маҳдудияти захираҳои молиявии худро бартараф кунанд, навсозии сармояи асосиро суръат бахшанд ва рақобатпазирии истеҳсолотро баланд бардоранд. Дар баробари ин, самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ аз шароити институтсионалии қарздиҳӣ, мавҷудияти захираҳои бонкӣ ва механизмҳои идоракунии хавфи қарзӣ вобаста аст, ки ба ин истилоҳ хусусияти муназзамӣ медиҳад ва зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи онро дар доираи омӯзиши нақши қарздиҳии бонкӣ дар рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мекунад.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, воситаҳои қарзӣ шакли арзиши муваққатан ба дигар ҷониб додашударо ифода мекунанд, ки мустақилияти худро аз қарзгиранда нигоҳ медорад ва бояд дар муҳлати муайян баргардонида шавад. Дар тафовут аз захираҳои молиявии худии корхона, воситаҳои қарзӣ бо сарчашмаи ҳастии худ пайваст боқӣ мемонанд ва боиси пайдоиши уҳдадориҳои қарзӣ мегарданд. Ин тафовути асосӣ хусусиятҳои истифода, идоракунӣ ва таъсири онҳоро ба устувории молиявии субъектҳои соҳибкорӣ муайян мекунад.

Дар низоми муносибатҳои истеҳсолӣ, воситаҳои қарзӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунанд. Якум, онҳо пайвастагии раванди истеҳсолотро таъмин мекунанд ва фосилаи вақтро байни даромад ва хароҷот ҷуброн мекунанд. Дуюм, воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи такрористеҳсоли васеъшуда хизмат мекунанд ва ба корхонаҳо имкон медиҳанд, ки лоиҳаҳои сармоягузориро амалӣ кунанд, воситаҳои асосиро навсозӣ кунанд ва технологияҳои навро сарфи назар аз захираҳои маҳдуди дохилӣ ҷорӣ кунанд.

Сеюм, онҳо ба афзоиши чандирӣ дар идоракунии молиявӣ мусоидат мекунанд ва қобилияти ҳаракати даромадовари сармояро дар шароити тағйирёбандаи бозор васеъ мекунанд.

Воситаҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, ки бо шиддати баланди сармояфарогирӣ, давраҳои тӯлонии истеҳсолот ва талаботи назарраси сармояи корӣ тавсиф мешавад, махсусан муҳим аст. Барои корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати сабук, воситаҳои қарзӣ аксар вақт ба сарчашмаи асосии маблағгузорӣ барои фаъолияти ҷорӣ ва рушди дарозмуҳлат табдил меёбад. Ин аз он сабаб аст, ки пасандозҳои худи корхонаҳо одатан барои ҳамзамон, пӯшонидани эҳтиёҷот ба навсозии таҷҳизот, васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ ва таҳияи маҳсулоти нав нокифоя мебошанд.

Дар шароити саноатикунонӣ ва табдили сохтории иқтисодиёт, нақши воситаҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ба таври назаррас меафзояд. Он аз нав тақсим кардани захираҳои молиявиро ба манфиати бахшҳои афзалиятнок осон мекунад, ба суръатбахшии равандҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад ва барои рушди соҳаҳои рақобатпазир мадад мерасонад. Бо вуҷуди ин, истифодаи воситаҳои қарзӣ бо хавфҳои муайяне алоқаманд аст, ки бо бори гарони қарз, пардохтҳои фоизӣ ва зарурати таъмини баргардонидани қарз алоқаманд мебошанд. Ҳамаи ин таҳияи механизмҳои муассири идоракунии захираҳои қарзиро ҳам дар сатҳи корхонаҳои алоҳида ва ҳам дар тамоми низоми бонкӣ талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, воситаҳои қарзӣ як мафҳуми мураккаби иқтисодиро ифода мекунанд, ки маҷмуи захираҳои молиявиеро, ки дар муносибатҳои қарзӣ иштирок мекунанд ва барои дастгирии фаъолият ва рушди истеҳсолоти саноатӣ истифода мешаванд, инъикос мекунанд. Моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ дар қобилияти онҳо барои муваққатан васеъ кардани иқтидори молиявии корхонаҳо бо риояи принсипҳои баргардонидан ва пардохт зоҳир мешавад. Дарки ин мафҳум шарти зарурии назариявӣ барои таҳлили шаклҳои истифодаи воситаҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ

мебошад, ки имкон медиҳад нақши онҳо дар рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷонибатар ифшо карда шавад.

Илова бар ин, дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, қарз яке аз воситаҳои муҳими рушди самтҳои гуногуни иқтисодӣ маҳсуб ёфта, ба василаи он доираи фаъолияти иқтисодӣ васеъ шуда, имконияти истифоданагардида мавриди корбурд қарор мегиранд ва дар ин замина, ба тамоми соҳаҳои амалкунанда инноватсияҳо ворид карда мешавад. Бинобар ин, ҷиҳати рушди муносибатҳои қарзӣ ва зиёд намудани ҳиссаи онҳо дар иқтисодиёт ва истеҳсолоти саноатӣ, ташкили сохторҳои нави молиявӣ дар мамлакат, ҳамчунин, бештар ҷалб намудани ташкилотҳои молиявии мавҷуда дар пешниҳоди қарзҳо ба соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он муҳим ва зарурӣ буда, мақсади асосии он фароҳам овардани шароити нав, рушди минтақавии истеҳсолот ва дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, имконпазир мегардад. Ҳамчунин, зиёд намудани ҳиссаи қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, хусусан бахши саноати миллӣ, ташаккули муносиби ММД-и мамлакатро имконпазир гардонида, шароити нави рушдро ба миён меорад. Яъне, нақши воситаҳои қарзиро дар ташаккул ва рушди тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи саноат новобаста аз мушкилоти меъёрии он дидан мумкин аст.

Дар низоми бонкдории муосир воситаҳои қарзӣ шакли инкишофёфта ва гуногунрангшудаи амалиёти қарзии бонк мебошанд, ки ба талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқ шудаанд. Одатан воситаҳои қарзӣ дар фаъолияти муосири иқтисодӣ нақши калидӣ мебозанд ва тақсимоти захираҳои молиявиро байни субъектҳои хоҷагидорӣ осон мекунанд. Дар ҳамин замина, гуфтан мумкин аст, ки тавассути воситаҳои қарзӣ захираҳои пулии ҷалбгардидаи бонк ва воситаҳои худии он аз нав тақсим карда мешаванд.

Илова бар ин, гуфтан мумкин аст, ки воситаҳои қарзиро дар шароити имрӯза қарзҳои пулӣ маъмул кардаанд ва онҳо дар доираи талабот ва сатҳи дастрасӣ дар баъзе ҳолатҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун пешниҳод карда шаванд. Қарз дар сатҳи иқтисодиёт метавонад як қатор имконияти навро ба миён оварда, вобаста ба иқтидори худ афзалиятҳои зеринро муайян кунад:

– дар навбати аввал, воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар норасоии захираҳои истеҳсолкунанда маҳсуб ёфта, ба суръатбахшии гардиши сармоя ва такрористеҳсол дар соҳаи саноат муосидат менамоянд, ки онро ҳамчун имкони бозсозӣ низ гуфтан мумкин аст;

– аз тарафи дигар, дар сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз тарафи қарзгиранда ғайримақсаднок истифода намудани қарз метавонад ба мушкилоти дутарафа боис гардида, дар оянда ҳам барои бонк ва ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам барои субъектҳои соҳаи саноати сабук монеа эҷод кунад;

– нақши қарз ҳамчун воситаи иловагии рушд дар ҷараёни истифода масъулияти қарзгирандаро баланд бардошта, ӯро ба он водор менамояд, ки хароҷоти иловагии худро коҳиш дода, барои саривақт бозпас гардонидани қарз андеша намояд.

Дар ҳамин замина, мувофиқи ақидаи олими машҳури илми иқтисод К. Маркс «қарзҳо ҳамчун ҳадди аксар маънои ҷалби пурраи сармояи қарзиро дар саноат ва истеҳсолот, яъне авҷи шиддати қудрати такрористеҳсоли онро новобаста аз ҳудуди истеъмолӣ доранд. Ин ҳудуди истеъмол ба воситаи шиддат ва ҷараёни такроршавии як ё якчанд намуди истеҳсолот ба вуҷуд омадааст. Аз як тараф он даромади истеъмолии коргарон ва аз дигар тараф, капиталистонро афзоиш медиҳад, аз ҷониби дигар, он бо шиддати истеъмоли самаранок шабоҳат дорад» [57, с. 501]. Вобаста ба ин, қайд мегардад, ки «қарзгирӣ ба монанди муносибатҳои қарзӣ, махсусан қарзҳои бонкӣ, манбаи асосии қонеъгардонии эҳтиёҷ ба сармояи асосӣ ё сармоягузорӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мебошад» [169, с. 340], ки ин яке аз талаботи иқтисоди бозорӣ маҳсуб меёбад.

Қарз ин маблағи пулиест, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ, ба муҳлати муайяни вақт ва бо фоиз бо мақсади дар вақти муқаррагардидаи дар шартномаи қарзӣ дарҷгардида бозпас гардонидани он дода мешавад. Шартҳои қарз дар шартномаи хаттӣ, ки бо карзгиранда баста мешавад, муқаррар карда мешавад. Тавре Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 827, қисми 1) муқаррар кардааст,

«тибқи шартномаи қарз як тараф (қарздиҳанда) ба тарафи дигар (қарзгиранда) ба моликият пул ё ашёи дорои аломати навъи муайянро месупорад ва қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки ба қарздиҳанда ба таври якдафъаина ё давра ба давра ба ҳамин андоза маблағ ё баробар ба теъдоди ашёи ба қарз гирифташудаи дорои ҳамон навъ ва сифат (маблағи қарз)-ро баргардонад» [5]. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки барои гирифтани маблағи қарз, шахс бояд ба талаботи пешниҳоднамудаи бонк ҷавобгӯ бошад ва ҳуҷҷатҳои барои баррасии ариза заруриро пешниҳод намояд (шиноснома, ҳисобот дар бораи даромад, ҳуҷҷати дуюм ва ғ.). Қарзҳо метавонанд мақсаднок бошанд (масалан, барои омӯзиш ё барои хароҷоти тиҷорати ҷорӣ) ва номуносиб. Ҳангоми муроҷиат барои қарз, кафолат ё гарав метавонад талаб карда шавад.

Дар сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ, ба андешаи мо, моҳияти қарзро аз рӯйи хусусиятҳои иқтисодӣ ва қобилияти таъсиррасонии он ба вазъи молиявии қарзгиранда баҳо додан мумкин аст, зеро норасоии иқтидорҳои молиявии субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ, боиси он мегардад, ки муносибатҳои қарзӣ ба вуҷуд омада, дар ҷараёни истифода моҳияти иқтисодии онҳо мушаххас карда шавад. Ҳанӯз дар асри XIX К. Маркс табиати иқтисодии қарзро муайян намудааст. Ӯ дар доираи таҳлили моҳияти қарз, онро на танҳо ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ, балки ҳамчун як механизми махсусе, ки равандҳои мураккаби такрористеҳсол ва тақсимоти сармояро дар дохили низоми капиталистӣ миёнаравӣ мекунад, баррасӣ кардааст. Ҳамин тавр, К. Маркс нақши низомсози қарзро таъкид карда, қайд мекунад, ки «Ташаккули қарз барои миёнаравии баробаркунии меъёри фоида ё раванди ин баробаркунӣ, ки тамоми истеҳсолоти капиталистӣ бар он асос ёфтааст, зарур аст» [56, с. 478]. Яъне қарз на танҳо ҳамчун воситаи азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ, балки ҳамчун шарти муҳими таъмини истеҳсолоти капиталистӣ амал мекунад, ки устувории нисбӣ ва ҳамоҳангии равандҳои иқтисодиро таъмин мекунад.

Ин нукта нишон медиҳад, ки моҳияти қарз ҳамчун шакли моликияти иқтисодӣ ва муносибати махсуси иҷтимоӣ аз доираи тафсири комилан молиявӣ ва арзишӣ берун меравад. Муносибатҳои қарзӣ ба равандҳои дорои

хусусияти иҷтимоию равонӣ таъсир расонида, дар сатҳҳои ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ зоҳир мешаванд. Аз нигоҳи объективӣ, қарз ба ташаккули интизориҳои миёнаравҳои иқтисодӣ нисбат ба даромаднокӣ (боздеҳӣ)-и сармоя, дастрасии захираҳо ва дурнамои рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз нигоҳи субъективӣ, он ба муносибатҳои рафтории иштирокчиёни бозор, сатҳи эътимод байни қарздиҳанда ва қарзгиранда, инчунин, ба дарки хавф ва масъулият дар раванди қабули қарорҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Аз ин лиҳоз, мақбул аст, ки раванди қарздиҳӣ ва қарзгирӣ ҳамчун занҷири пайвастаи муносибатҳои қарзӣ, ки ба вазифаҳо, принсипҳо ва шартҳои қарз асос ёфтаанд, баррасӣ карда шавад. Ин занҷир шаклҳои устувори рафтори иқтисодиро ташаккул медиҳад ва ба сохтори муносибатҳои иқтисодӣ таъсири дарозмуҳлат мерасонад. Таҳлили сохтории муносибатҳои қарзӣ хосияти дугонии воситаҳои қарзиро ошкор мекунад: аз як ҷониб, онҳо азнавтақсимкунии сармояро таъмин ва равандҳои такрористеҳсолро дастгирӣ мекунанд; аз ҷониби дигар, онҳо ташаккули омилҳои иҷтимоию равонии пӯёи иқтисодиро, аз ҷумла эътимод, интизориҳо ва ангезаи миёнаравҳои иқтисодиро ба миён меоранд. Ин имкон медиҳад, ки қарз ҳамчун як падидаи иқтисодӣ ва истилоҳи бисёрҷанба, ки ҳам барои назарияи иқтисодӣ ва ҳам барои амалияи идоракунии молиявӣ муҳим аст, баррасӣ карда шавад.

Дар ҷомеаи муосир, пайвастагии муносибатҳои қарзӣ ва ҷараёнҳои қарздиҳии бонкӣ ба ҳам алоқамандии ногусастанӣ дошта, метавонанд якдигарро ҳамеша мукаммал гардонанд. Аз ҳамин лиҳоз, гуфтан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯза, нақши воситаҳои қарзӣ дар ҳалли як қатор мушкилот ва равандҳои беҳтаргардонии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноатӣ мавқеи хоса доранд. Боиси зикр аст, ки дар амалияи бонкдорию муносибатҳои қарзӣ вобаста ба шакли қарз, аз ҷониби кӣ ва ба кадом муҳлат дода шудани он ва омилҳои дигари намудҳои гуногуни фоизи қарз истифода бурда мешаванд. Дар иқтисодиёти имрӯза, намудҳои гуногуни фоизи қарз мавҷуданд: мизони появии бонк, мизони фоизии бозори пул, мизони фоизии қарзҳои байнибонкӣ, мизони фоизии векселҳои хазинадорӣ ва мизони фоизии бозори сармоя.

Мизони появии бонкӣ, сатҳи пасттарини фоизест, ки аз ҷониби бонкҳо барои қарзҳои пешниҳодкардаашон муайян карда мешавад. Мизони появӣ, ин хароҷот ва фоидаи минималии бонкро дар бар мегирад. Ҳангоми додани қарз, бонкҳо ба мизони появӣ чанд фоизи дигар илова мекунанд. Сатҳи фоизи иловагӣ вобаста ба мавҷудияти хавфи бар нагаштани қарз, дараҷаи тахмини қарз, сатҳи боварӣ ба пардохтпазирии қарзгиранда ва омилҳои дигар муайян карда мешавад. Ҳамин матлабро Ҳ.А. Сандалов дар шароити имрӯза ба «рушди захираҳои қарзӣ, ки яке аз муаммоҳои низоми бонкӣ ба ҳисоб меравабд» [138, с. 14], рабт медиҳад.

Дар айни замон яке аз мушкилоти асосии рушди низоми қарздиҳӣ, махсусан қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи саноати мамлакат ин албатта кам будани воситаҳои худӣ дар таносуб бо воситаҳои ҷалбкардашуда мебошад ва ин ба он боис мегардад, ки мизони появӣ дар ҳама ташкилотҳои қарзии молиявӣ баланд мебошад. Баланд будани мизони появии бонкӣ, таваҷҷуҳи субъектҳои қарзгирандаро кам намуда, дар натиҷа, самаранокии истеҳсолот, аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатиро кам мекунад.

Ба андешаи Б.М. Ҷураев, «қарз шакли табдилёфтаи фонди қарзӣ, ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣ буда, мустақиман ба муомилоти пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ алоқаманд мебошад» [75, с. 500]. Дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ, қарз хосияти гуногуни иқтисодӣ дошта, ҳамчун омили тағйирдиҳанда метавонад воситаи муҳим барои ҷамъият эътироф гардад, ки дар доираи он андешаву назарияҳои гуногун ба вуҷуд оянд. Дар мавриди дигар, Н. Ашуров қайд намудааст, ки «дар шароити иқтисоди бозорӣ, шакли асосии қарз ин қарзи бонкист, яъне қарзест, ки бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ медиҳанд, ки ибораи мазкур, ифодагари ҳама меъёрҳои раванди қарзӣ мебошад» [41, с. 54]. Вобаста ба нақши бонкҳо ҳамчун муассисаҳои махсуси қарзӣ С. Қурбонов низ таваҷҷуҳ кардааст [115, с. 47].

Дар сатҳи иқтисодиёт ва истеҳсолоти саноатӣ, таркиби қарз дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки ифодаи онро дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ, аз ҷумла соҳаи саноат муаррифӣ менамояд (ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1. – Таркиб ва тавсифи қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар шароити муосир**

| Номгӯй | Шарҳи методологӣ | Имконият | Мушкилот |
|---|---|---|---|
| **Шаклҳои қарз** | - пулӣ<br>- молӣ<br>- омехта | Фаъол гардонидани бахши саноат бо роҳи пурзӯр намудани имконияти пардохтпазирӣ бо дастгирии якҷояи давлат ва ҳавасманд гардонидани бахши қарздиҳии низоми бонкӣ | - фоизи баланди қарзҳои бонкӣ;<br>- кӯтоҳ будани мӯҳлати қарзҳои пешниҳодшаванда;<br>- кам будани ҳаҷми маблағи қарзи пешниҳодшуда;<br>- набудани мӯҳлати имтиёзноки қарзӣ ба бахши саноати сабук |
| **Намудҳои қарз** | - тиҷоратӣ<br>- саноатӣ<br>- истеъмолӣ<br>- кишоварзӣ<br>- ипотекӣ | Фаъолгардонии механизмҳои давлатӣ ва кафолати шахсони сеюм ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба соҳаи саноати мамлакат | - вобастагии зиёди соҳа ба дастгоҳу техникаҳои инноватсионию рақамӣ;<br>- кам будани корхонаҳои коркарди пурраи маҳсулоти саноати сабук;<br>- гаронии фоизи қарзи бонкӣ, мӯҳлати кӯтоҳ ва ҳаҷми ками маблағҳои худӣ |
| **Вазифаҳои қарз** | - азнавтақсимкунӣ<br>- ҷойивазкунӣ<br>-ҳавасмандгардонӣ | Бештар намудани имтиёзҳои қарзӣ ҷиҳати фаъол гардонидани бахши саноати миллӣ дар мамлакат | Маҳдуд будани дастрасии соҳаи саноат ба имтиёзҳои қарзии ташкилотҳои молиявию қарзӣ |
| **Принсипҳои қарз** | - музднокӣ<br>- мӯҳлатнокӣ<br>- мақсаднокӣ<br>- таъминнокӣ<br>- баргардандагӣ | Сода ва паст кардани меъёрҳои ба принсипҳои қарзӣ асосёфта, бо роҳи ташаббусҳои якҷояи давлат ва бахши институтсионалӣ | Дар шароити имрӯза ба талаботи соҳаи саноат ҷавобгӯ набудани принсипҳои қарзӣ |
| **Мӯҳлати истифодаи қарз** | - кӯтоҳмуҳлат – то 1 сол<br>- миёнамуҳлат - аз 1 то 3 сол<br>- дарозмуҳлат - аз 3 то 5 сол | Дар асоси воситаҳои худии ташкилотҳои қарздеҳ зиёд кардани ҳаҷми қарзҳои дарозмуҳлат ба саноат ва бахшҳои афзалиятноки он, аз ҷумла саноати сабук | Кӯтоҳмуддат будани қарзҳои пешниҳодшаванда, инчунин, мутобиқат накардани мӯҳлати қарз бо давраи истеҳсолот |
| **Иқтидорҳои қарз** | - боздорандагӣ<br>- бозсозӣ<br>- азбайнбарӣ ва мушкилофарӣ;<br>- тағйирдиҳӣ ва фоидаоварӣ | Дар ҳама шароит, воситаҳои қарзиро дар ҷараёни истеҳсолот ва истеъмолот бо як қатор хусусиятҳои хоси он мешиносанд, ки онҳо метавонанд ба бозсозӣ, азнавсозӣ, тағйирдиҳӣ, фоидаоварӣ ё азбайнбарӣ ва амсоли инҳо фарқ мекунанд, ки вобаста ба таҷриба ҳамаи инҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. | Воситаҳои қарзӣ дорои ҳама иқтидор ва имкониятҳо дар сатҳи манфӣ ва ҳам дар сатҳи мусбӣ мебошад, ки хусусиятҳои зоҳиршавии онро дар таҷрибаи низоми бонкӣ ва давлатӣ мушоҳида намудан мумкин аст. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [42; 43; 48; 50; 79; 85]

Мушкилоти имрӯзае, ки ба самаранокии тамоми самтҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад ва ҳавасмандии субъектҳои иқтисодиро кам мекунад, ин

баланд будани меъёри фоизи қарз мебошад. Бо сабаби баланд будани меъёри фоизҳои дигари амалиётӣ ба меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ таъсиррасонанда имкон намедиҳад, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба қадри кофӣ меъёри фоизи қарзро ба субъектҳои хоҷагидорӣ паст кунанд.

Баланд будани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ яке аз мушкилоти асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба ин хотир, тамоми ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки раванди қарздиҳиро дар самти фаъолияти доманадори иқтисодиёти миллӣ васеъ намуда, бештар дар самти коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввалияи воридотивазкунандаи соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, тавассути харидорӣ намудан ва муҷаҳҳазсозӣ бо техникаю технологияҳои муосир, воситаҳои қарзии худро пешниҳод намоянд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот ва муаммоҳо дучониба мебошанд, яъне аз як тараф, мушкилот дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз қабили: надоштани захираҳои пулии кофӣ, кам будани воситаҳои худӣ, бештар ва ба муҳлати кӯтоҳ ҷалб намудани маблағҳои муваққатан озоди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ташкилотҳои молиявию қарзӣ пешниҳод карда натавонистани қарзҳои дарозмуҳлат ва аз ҷониби дигар, бо фоизи баланд қабул намудани амонат ва пасандозҳо, баланд будани меъёри фоизи қарз ва амсоли ин дигар мушкилоти дар ин самт ҷойдошта. Ин усулро ҳамчун арзёбии таъсири ҳавасмандкунии истифодаи қарз ба раванди густариши такрористеҳсолкунӣ муайян кардан мумкин аст, аммо ин самаранокии истифодаи қарзро ҳамчун манбаи молиявии қарз барои дастгирии фаъолият инъикос намекунад.

С.В. Баранова кӯшиш намудааст, ки дараҷаи таъсири қарзро ба нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, аз нуқтаи назари иштироки онҳо дар раванди такрористеҳсол муқаррар намояд. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки «самаранокии қарз аз ду қисми ба ҳам алоқаманди нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи қарзҳо иборат буда, чунин арзёбӣ мешавад: натиҷавӣ (нишондиҳандаи даромаднокии сармояи қарзӣ, нишондиҳандаҳои пӯёи нисбии истифодаи қарзҳо, нишондиҳандаҳои

мутлақи самаранокии истифодаи қарзҳо бо нишондиҳандаҳои сохтории самаранокии истифодаи қарзҳо). Рӯйхати мазкур бо нишондиҳандаҳои соҳавӣ барои арзёбии самаранокии истифодаи қарз барои субъектҳои соҳаи саноат нишондиҳандаи баргардонии қарз илова карда мешавад» [171, с. 8]. Г.С. Латипова ба он назар аст, ки «нақши қарз бояд ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи гурӯҳӣ таҳқиқ гардида, таъсири механизмҳои ҳавасмандгардонии қарзро дар сатҳи макро ва микро муайян карда, аз ҷониби бонкҳо арзёбӣ намоем» [117, с. 101].

Аз нигоҳи И.А. Горелкина «Арзиши сармояи ҷалбшуда дар шакли қарзи бонкӣ, ҳамчун таҳриркунандаи андоз ва меъёри фоизи ҳисобшуда, ки бо хароҷоти ҷалби қарз тасҳеҳ шудааст, муайян карда мешавад» [45, с. 102]. Вобаста ба ин, профессор Г.Н. Белоглазова қайд намудааст, ки «ҳаракати арзиш дар раванди такрористеҳсоли корхона, пеш аз ҳама, дар муомилот ва гардиши фондҳои истеҳсолӣ ва фондҳои муомилоти корхонаҳои давлатӣ, гардиши сармояи ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкатҳои хусусӣ ва қонунҳои объективӣ, вобаста ба хусусияти равандҳои такрористеҳсоли иқтисодии молҳо, ба вуҷуд меояд» [46, с. 234]. Ҳамчунин, ба таври алоҳида дар рисолаҳои илмии худ О.М. Куликов [114] ва Л.В. Попова [174] масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври мушаххас пешниҳод намудаанд.

Вобаста ба ҳамаи баррасиҳои дар боло анҷомшуда, қайд кардан мумкин аст, ки танзими муносибатҳои қарзӣ ва тақвияти ин масъала дар самти фаъол гардонидани бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи саноати сабук муҳим ва зарурӣ мебошад, зеро дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шудааст, ки «бахши молиявии Тоҷикистон дар соли 2030 низоми муосири босуръат афзоишёбандаи муассисаҳои молиявии рақобатпазир, ки дорои қобилияти пешниҳод намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти мухталифи босифат ва инноватсионии молиявӣ ба истеъмолкунандагон мебошад ва шароитҳои мусоид барои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ фароҳам оварда, ба таъсири таконҳои берунӣ устувор мебошад» [11]. Доир ба ҳадафҳои асосии ин Стратегия дар самти тақвияти

рушди устувори ҳамаҷонибаи низоми бонкӣ зарурати таҷдиди сохторҳои доимоамалкунандаи назоратӣ, вобаста ба коркарди ҳодисаҳои эҳтимолии бавуҷудоянда, ки онҳо метавонанд боиси бо суръати баланд ворид намудани техникаву технологияи муосир гарданд, шарти зарурист. Масъалаи фаъолгардонии бахши низоми бонкӣ ба соҳаи саноат ва дигар соҳаҳои калидӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз идорашавандагии хатарҳо ва сатҳи устуории бонкҳо низ вобастагии зиёд дорад.

С.Ҷ. Махшулов дуруст қайд намудааст, ки «хатарҳои бонкӣ хусусияти вобастагӣ дошта, дар баробари дигар хатарҳои ҷиддидошта таъсиррасон ба фаъолияти иқтисодии бонкҳо маҳсуб меёбад» [122, с. 78]. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар дар низоми бонкӣ вобаста ба амалиёти мавҷудаи соҳавӣ сатҳи хавфҳо саривақт идора карда нашавад, дар ин сурат, он метавонад ба бонк таъсири манфӣ расонида, дигар хавфҳои бонкиро ба монанди: хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи нуфузу эътибор ба миён оварад. Албатта, маълум аст, ки дар сурати ба вуҷуд омадани чунин хавфҳо сатҳи дастгирии қарзии соҳаи саноат коҳиш ёфта, дастгирии ин ба бахши воқеӣ низ коҳиш меёбад. Маълум аст, ки таъсири хавфҳои бонкӣ танҳо ба бонкҳои осебпазир ва фаъолияти сустдошта зиёдтар буда, он ба он хотир ба вуҷуд меояд, ки дар ин бонкҳо сатҳи нокифояи захираҳо, ҳолати пасти техникӣ, надоштани кормандони соҳибтахассусу ташаббускор ва монанди инҳо ба он боис мегардад, ки қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт коҳиш ёбад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар сатҳи муносибатҳои қарзӣ ва қарздиҳӣ ба истеҳсолоти саноатӣ дар сатҳи низоми бонкӣ ва ё низоми қарзӣ чунин мушкилотҳо ба назар мерасанд:

- баланд будани шиддати хавф дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва сатҳи пасти бозоргирӣ доштани объектҳои гарав;

- қаноатмандкунанда набудани воситаҳои гарав ва дигар масъалаҳои марбут ба арзиши гараву зуд ба пул табдил ёфтани он;

- номувоиқатии байни қарзҳои гирифташуда ва пардохти онҳо бо дарназардошти меъёри фоизи қарз;

- дар натиҷаи қобилияти пасти пардохтпазирӣ, номутаносиб шудани таносуби муҳлати маблағҳои ҷалбшуда ва қарзҳои додашуда.

Ба андешаи мо, барои фаъолгардонии сатҳи институтсионалӣ дар низоми бонкии мамлакат дастгирии бештар ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан соҳаи саноати он ва иловатан айни замон барои аз шароити мушкилоти имрӯзаи вазъияти хатарноки буҳронӣ ва омилҳои дигари манфӣ баромадан, чораҳои зеринро андешидан мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо самтҳои афзалиятноки истеҳсолот ҷиҳати пурзур намудани иқтидори иқтисодии давлат, зиёд намудани неруи содиротӣ, афзоиши даромади пулии аҳолӣ ва беҳтар намудани сатҳи некуаҳолии ҷомеа;

2. Ташкили фондҳои марказонидашудаи соҳавӣ дар заминаи назорат ва кафолати давлатӣ ба хотири бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва бо ҳамин роҳ дар сатҳи сифатан нав тақвияти гуногунрангсозии истеҳсоли молҳо;

3. Дар ҳама шароит аҳамият додан ба равандҳои пардохтпазирӣ ва дар заминаи ин зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, ба таври барномавӣ тақвият додани сармоягузорӣ ба соҳаи саноати сабук ва бунёди коргоҳҳои саноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат;

4. Тақвият додани низоми қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ҷиҳати дар давраи оянда фароҳам овардани шароити нави истеҳсолию тиҷоратӣ дар заминаи ҳамкорӣ бо бонкҳо;

5. Дар низоми бонкӣ вобаста ба тағйирот пурзур кардани захираҳои пулӣ ё пойгоҳи пул вобаста ба ҳаҷми амалиёт ва даромади дар стратегияи ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешбинишуда. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки рушди низоми бонкӣ ҳоло аз як қатор унсурҳо иборат аст, ки тавассути онҳо метавон самаранокии фаъолияти бонкиро дар ҳама шароит таъмин кард.

Ба сифати амсилаҳои рушди низоми бонкӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо ба ҳама омилҳои хурду калоне, ки тавассути онҳо метавон рушди низоми бонкӣ ва бахшҳои алоҳидаи онро такмил дод, аҳамияти аввалиндараҷа додан зарур аст. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати дарёфти омилҳое, ки метавонад такмил ва

самаранокии фаъолияти бонкиро таъмин кунанд, чораҳои корбарӣ шарти зарурист. Ба андешаи мо, айни замон ҷиҳати тақвияти рушди низоми қарздиҳӣ, новобаста аз мушкилоти ҷойдошта дар бахши саноати мамлакат ҳавасмандгардонии ниҳодҳои қарзӣ дар асоси чорабиниҳои дастаҷамъона муҳим ва зарурӣ буда, дар он бояд соҳаи саноат ҳамчун самти афзалиятнок бошад (расми 1.2).




**Расми 1.2. – Омилҳои такмилдиҳӣ ва фаъолгардонии бахши бонкӣ вобаста ба талаботи бозор**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар шароити баланд гардидани шиддати таъсири бухрони молиявии ҷаҳонӣ ва таконҳои иқтисодӣ ба низоми бонкӣ, ҳамеша омилҳои мавҷуда, ки рушду пешрафти низоми бонкӣ аз онҳо вобаста мебошад, хатарафзо мегарданд. Аз ҳамин хотир, дар шароити муосир, такмили механизмҳои зарурие, ки ба бахши низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд, бояд ҳамчун ҳадафи асосии тамоми бонкҳо баромад карда, амалкунии онҳо бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат ҳамоҳанг карда шавад.

Вобаста ба таҳаввулоти техникии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, як қатор омилҳои зарuриеро, ки низоми бонкиро аз вартаи

шиддати таъсири омилҳо берун мекашонад, чун ҳадаф истифода бурдан шарти зарурӣ мебошад. Дар шароити босуръат рушд кардани техникаву технологияи муосир, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ мавҷуд будани пойгоҳи моддию техникӣ, яке аз омилҳои асосии пешрафти соҳаҳо мебошад. Дар бахши бонкӣ, фароҳам овардани заминаҳои техникии бонк, яке аз омилҳои пешрафт ва рушд кардани онҳо дар бозори рақобатнок маҳсуб меёбад.

Дар айни замон, яке аз норасоиҳое, ки ҷараёни пешбурди фаъолияти бонкро дар шароити имрӯза вобаста ба ташкили дурусти муносибатҳои қарзӣ бо ҷомеа ва бахшҳои муҳими иқтисодӣ коста мегардонад, ин норасоии заминаҳои техникии бонкҳо дар сатҳи минтақа ва корхонаҳои гуногун мебошад, ки аз ҳисоби саривақт иҷро нагардидани хизматрасониҳои сатҳи баланди талаботдошта, таъсири манфии он бештар эҳсос мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар дастурҳои дар самти рақамикунонии амалиётҳои бонкӣ дар заминаи техника ва технологияи муосир додашуда ва зиёд будани ҳаҷми амалиётҳои электорнии бонкӣ, дар як вақт зиёд шудани талабот ба як намуди амалиёти бонкӣ боиси он мегардад, ки дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат фароҳам овардани инфрасохтори зарурии хизматрасониҳои бонкӣ, шарти зарурӣ дар сатҳи низоми бонкӣ гардад.

Қарз хосиятҳои гуногуни иқтисодӣ дошта, он метавонад дар як ҳолат имконияти навро фароҳам оварад ва дар дигар маврид метавонад мушкилоти навро ба миён оварад, зеро талаботи рӯзафзуни ҷомеаро дар айни замон ба банкомат ва посттерминалҳо амалӣ намудан ғайриимкон аст. Аз ин хотир, васеъ намудани доираи истифодаи технологияҳои ҳозиразамон дар бахши воқеии иқтисодиёт омили асосии рушди бонкдорӣ ва васеъ гардонидани сатҳи амалиёт дар доираи амалиёти электронӣ мебошад, ки ин тақвияти ҳамкориҳои қарзию ғайриқарзии низоми бонкиро бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт метезонад.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, ҷиҳати фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ барои васеъ истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, махсусан корхонаҳои хурд ва миёнае, ки аз хизматрасониҳои бонкӣ

васеъ истифода мебаранд, андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- тақвияти низоми хизматрасониҳои электронӣ байни бонкҳо ва сохторҳои саноат, ҳамчунин, ғайринакдигардонии амалиёти қарзӣ бо корхонаҳои саноатӣ барои истифодаи васеъ аз хизматрасониҳои бонкӣ;

- дар сатҳи зарурӣ фароҳам овардани шароити техникию технологӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имконияти тақвияти сохторҳои алоҳидаи саноати сабук ва корхонаҳои коркард зиёд аст;

- содагардонии хизматрасониҳои электронӣ бо корхонаҳои саноатӣ ва бахши соҳибкории истеҳсолӣ, ки имконияти зиёди тавлиди ягон намуди молу маҳсулотро барои истеҳсолкунанда фароҳам меоварад;

- дастрас намудани воситаҳои ҳозиразамони қарзӣ ба тариқи ғайнакдӣ ва кушодани хатти қарзии ғайринакдӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фароҳам овардани инфрасохтори зарурии хизматрасониҳои қарзӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт боиси он мегардад, ки низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринакдӣ дар сатҳи зарурӣ тақвият дода шуда, сатҳи дастрасии корхонаҳои саноатӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, махсусан амалиёти қарзӣ сода ва дастрас карда шавад.

Иловатан, ёдовар шудан бо маврид аст, ки дар шароити нави хоҷагидорӣ ва ба маротиб печида гардидани тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии доимии байнисоҳавӣ тақозо менамояд, ки дар ҳама самту соҳаҳо ислоҳоти фоидаовар вобаста ба ҷараёнҳои бавуҷудомада барои ҳифзи манфиат ва суботи сиёсию иқтисодӣ рӯйи кор оварда шавад.

Дар доираи ташаккули муносибатҳои нави қарзӣ бояд як қатор масъалаҳои муҳиме, ки онҳо бевосита ба тақвияти равобити доимӣ байни қарздиҳанда ва қарзгиранда муосидат менамоянд ба таври доимӣ ба инобат гирифта шаванд. Илова бар ин, дастрасӣ ва ҷоринамоии шаклҳои нави қарзӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат бояд коркард ва барои

босамаргардонии онҳо бидуни расонидани таъсири манфӣ пешниҳод карда шаванд.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти мо мафҳуми «воситаҳои қарзӣ» ҳамчун истилоҳи умумӣ нисбат ба захираҳои молиявии қарзӣ, ки ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар низоми муносибатҳои қарзӣ дода мешаванд, истифода мешавад. Мувофиқати методологии истифодаи ин истилоҳ аз он сабаб аст, ки объекти таҳлил қарз ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ дар шакли абстрактӣ нест, балки маҷмуи захираҳои пулӣ ва муодили онҳо мебошад, ки тавассути механизмҳои қарздиҳии бонкӣ ба гардиши иқтисодӣ ҷалб карда мешаванд. Дар адабиёти илмӣ истилоҳи «воситаҳои қарзӣ» барои тавсифи шакли ҳаракати сармояи қарзӣ, ки барои маблағгузории фаъолияти ҷорӣ ва сармоягузории корхонаҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт равона шудааст, истифода мешавад [51; 58; 63]. Дар ин замина, маблағҳои қарзӣ ҳамчун асоси моддии муносибатҳои қарзӣ амал мекунанд ва тақсимоти захираҳои молиявии муваққатан озодро байни бахшҳои иқтисодиёт таъмин мекунанд.

## 1.3. Имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, чолишҳои замони муосир дар миқёси байналмилалӣ собит намуданд, ки воситаҳои қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёти давлат ва рушди бахшҳои истеҳсолӣ, ба монанди саноат ва соҳаҳои асосии он ҳамчун муҳаррики пешбаранда маҳсуб ёфта, бо истифода аз онҳо самтҳои гугогуни иқтисодию иҷтимоӣ рушд дода мешаванд. Аз ҳамин лиҳоз, мо воситаҳои қарзиро ҳамчун омили асосии рушди саноати сабук ба инобат гирифта, дар паҳлуҳои гуногуни он, ки хусусияти рушди саноатро таъмин менамоянд, таҳқиқот анҷом додем. Зимни таҳқиқот маълум гардид, ки аксар давлатҳои пешрафта, ки онҳо дар самти соҳибкории хурду миёна ва саноати сабук муваффақ шудаанд, заминаҳои рушди онҳо аз қарзҳои бонкӣ сарчашма мегиранд. Ҳамзамон, рушди соҳаҳои болозикр аз қарзҳо, субсидияҳо,

сармоягузориҳо, грантҳои двлатию ғайридавлатӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ низ вобастагии калон дорад.

Истифодаи дурусти воситаҳои қарзӣ ва воситаҳои ҳисобкунию танзими он, яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки он дар зери назорати масъулини сохторҳо ё соҳибони қарзӣ қарор дорад, зеро таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳар як давлати мустақил дар фаъолияти озоди худ, на танҳо тавассути истифода ва пешниҳоди воситаҳои қарзӣ нақши муҳимро дар ҷамъият иҷро менамуд ва ба ривоҷу равнақ ёфтани соҳаҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ хизмат мекард. Ҳамин буд, ки зарурати иқтисодӣ ва моҳияти қарзро дар сатҳи иқтисодиёт ва истеҳсолоти саноатӣ, олимони машҳури соҳа ва давлатҳои дар самти рушди иқтисодиёт муваффақ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ намуда, зарурати иқтисодии истифодаи онро дар соҳаи истеҳсолот гуногун арзёбӣ намуданд.

Иброз доштан зарур аст, ки тавсифи қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёт ва истеҳсолоти саноатӣ, аз ҳар нуқтаи назар таҳлил ва арзёбӣ мегардад, ки натиҷаи ниҳоии он ба як хусусият ва иқтидори боздорандагӣ ё бозсозӣ ба итмом мерасад. М.А. Ниёзов тавсифи ягонагӣ ва ташаккули қарзро дар доираи муносибатҳои қарзӣ чунин васф намудааст, ки «муносибатҳои қарзӣ муносибатҳои пулии мушаххас ва замонавӣ мебошанд, ки дар баробари рушди раванди мубодила мушаххастар мешаванд» [172, с. 11]. Албатта, пайдарпайии таҳқиқи масъала нишон медиҳад, ки қарзро аз саноат ва дигар бахшҳои муҳими иқтисодӣ ҷудо кардан ғайриимкон аст.

Дар радифи ин, иловатан бояд қайд кард, ки афзоиши умумии равандҳои ҷаҳонӣ ва вазъи геополитикӣ, бесуботии равандҳои бозори ҷаҳонии пулу мол, паст шудани нуфузи муносибатҳои қарзӣ, коҳиш қурби пулҳои қобили талабот ва монанди инҳо, рушди муносибатҳои пулиро ба миён овард. Тавре, ки қаблан қайд намудем, яке аз мушкилоти дигари коҳиш ёфтани сатҳи маблағгузорӣ дар самти рушди иқтисодиёт ва камшавии даромад ба вазъи молиявии қарзгирандагон аз сатҳи захираҳои бонкҳо вобастагии калон дорад, ки дар натиҷа ин ба бад шудани сифати қарзҳои бонкӣ оварда мерасонад.

Дар низоми бонкии байналмилалӣ қарздиҳӣ яке аз намудҳои фаъолияти маъмул ва амалиёти фаъоли дорои хавфи баланд маҳсуб ёфта, ин тамоюл дар асоси маблағҳои худӣ ва ҷалбакардашуда ба даст оварда мешавад. Илова бар он, қарз метавонад дар шаклҳои гуногун пешниҳод карда шавад. Дар ҷомеаи иқтисодӣ, қарз ҳамчун фишанги иловагии рушди муносибатҳои ҷамъиятию истеҳсолӣ буда, дорои як қатор хусусияҳои хоси соҳавӣ мебошад. Тасвир ва хосиятҳои гуногуни қарзро айни замон дар шакл ва сохторҳои гуногун мушоҳида намудан мумкин аст ва он ҳамчун омил метавонад дар муносибатҳои иқтисодӣ истифода гардад. Ё дар мавриди дигар, тавре Н. Ашуров қайд намуадаст, «дар шароити иқтисоди бозорӣ шакли асосии қарз ин қарзи бонкист, яъне қарзест, ки бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ медиҳанд ва ибораи мазкур ифодагари ҳама меъёрҳои раванди қарзӣ мебошад» [41].

Воқеан дуруст қайд гардидааст, ки шакли асосии қарз ин қарзи бонкист, зеро бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ягона муассисаҳое мебошанд, ки дар доираи имконияти худ иқтисодиётро бо пул таъмин менамоянд.

Дар адабиёти хориҷӣ, аз тарафи иқтисоддонҳо ва олимони варзидаи соҳа таърифҳои гуногуни қарз ва воситаҳои қарзӣ баён гардидаанд (мо онҳоро дар зербобҳои қаблӣ баррасӣ карда будем) ва ҳар кадом ба қадри имкон тафсири худро пешниҳод намудаанд. Ҳамин тавр, баъзеҳо воситаҳои қарзиро ҳамчун муносибат, дуюм, ҳамчун пул, сеюм, ҳамчун қарзи бонкии таъминотдошта, чорум, қарзро ҳамчун амал, панҷум, ҳамчун эътимод, шашум, ҳамчун шартнома ё созиш ва ҳафтум, ҳамчун механизми ёрирасон ва ташкилкунандаи муносибатҳо дониста, моҳиятан ба якхелагии иҷрои вазифаҳои он кам аҳамият додаанд. Дар шароити имрӯза, мо ба он назарем, ки воситаҳои қарзӣ метавонанд ҳамаи он чизҳое, ки дар шакли пул ё ғайрипулӣ аз ҷониби ниҳодҳои бонкӣ ба ин ё он соҳа пешниҳод карда мешаванд, фаҳмида шавад.

Дар аксар давлатҳои пешрафта қарздиҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, рушди тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодӣ аз он вобастагии зиёд дорад ва ҳиссаи низоми қарздиҳӣ дар муқоиса ба ММД-и як

зумра давлатҳои дунё мавқеи афзоянда дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми осебпазир гардидани сохторҳои алоҳидаи иқтисодӣ, махсусан саноати сабук ва фаъолияти соҳибкорӣ, танҳо додани имконияти молиявӣ ва дастрасии сода ба захираҳои қарзӣ, онҳоро метавонад аз ҳолати бухронӣ берун оварад. Албатта, чунин тамоюли коҳишёбӣ, аҳамияти умумииқтисодӣ дошта, он дар заминаи таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба вуҷуд омадааст.

Ба андешаи мо, сабабҳои асоии пастравии ҳиссаи қарзҳо дар қиёс ба ММД ва ҳамзамон, сатҳи дастрасию қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан саноати сабук дар 10-15 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъалаҳои зерин вобастагии калон дорад:

– таъсири фазаи дуюми бухрони молиявӣ ба вазъи ноустувори низоми бонкӣ ва дар заминаи ин кам гардидани манбаъҳои даромади аҳолӣ ва воридоти маблағ ба низоми бонкӣ;

– заиф гардидани вазъи пардохтпазирии як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои низомсоз ва қарздиҳандагони асосӣ, ки меъёрҳои пешниҳоднамудаи бонкҳо ба онҳо қобили қабул нест;

– новобаста аз сипарӣ гардидани бухронҳои сатҳи гуногун, махсусан таъсири бемории ҳамагири пандемияи COVID-19 ва таъсири он ба иқтисодиёти тамоми давлатҳои ҷаҳон ва сохтору ниҳодҳои молиявӣ;

– дар давоми солҳои 2014-2019 ба маротиб зиёд шудани ҳиссаи қарзҳои дорои мушкилот дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва саривақт бар нагаштани онҳо ба бонкҳо;

– ба маротиб зиёд гардидани шахсони тасодуфӣ ва дигар шахсони ғайри интизорие, ки аз дунёи бонкдорию низоми пулию қарзӣ, комилан бехабаранд ва онҳо бештар ба таваккалкорӣ машғуланд;

– лапишҳои пайвастаи қурбӣ ва якбора тағйир ёфтани қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллии сомонӣ дар муносибатҳои қарзӣ ва дигар талаботи пулие, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд ва ғ.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки яке аз механизмҳои асосии баланд бардоштани сатҳи қарздиҳии низоми бонкӣ ба иқтисодиёт ва истеҳсолоти

саноатӣ, ин зиёд гардидани ҳаҷми пасандозҳои муҳлатнок дар ташкилотҳои молиявию қарзӣ мебошад. Аммо, аз таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ маълум аст, ки зиёдшавии пасандозҳо, аз ҷумла пасандозҳои муҳлатнок то ҳол қаноатмандкунанда нестанд. Ҳиссаи пасандозҳо низ агар дар соли 2015 андозаи 17,8%-и ММД-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 маблағи 25529,9 млн. сомониро ташкил намудааст [23, с. 33], ки ба 17,0%-и ММД баробар гардида, дар қиёс нисбат ба соли 2015 ба андозаи -0,8 б.ф. кам аст. Ба андешаи мо, дар баробари таъсири дигар омилҳо, аз ҳама омили асосие, ки ба рушди ин масъала таъсири манфӣ мерасонад, ин коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми қарздиҳии соҳаи саноати сабукро бидуни дастгирии давлатӣ дар заминаи фароҳам овардани шароит ва дигар имконияти ба низоми бонкӣ ва ниҳодҳои қарзӣ хос, тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Аз ин хотир, моро зарур аст, ки барои арзёбии дурусти масъала ба таҳқиқ ва таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ такя намуда, дар ин самт хулосаи мушаххас барорем. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо, иброз доштан зарур аст, ки имрӯз як қатор мамлакатҳо афзалиятҳои бештари иқтисодии хуро дар сатҳи қарздиҳии бештар ба бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи саноат медонанд ва пайваста ба ин масъала таваҷҷуҳи афзоянда медиҳанд.

Дар диаграммаи 1.1 тасвиршуда маълумот оид ба қарзҳои додашуда нисбат ба ММД дар якчанд мамлакати ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 оварда шудааст. Таҳлили маълумоти мазкур нишон медиҳад, ки ҳиссаи умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар мамлакатҳо дар сатҳи паст буда, он дар соли 2023 дар қиёс бо ММД 13,76%-ро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо ИМА, Чин, Олмон, Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон хеле паст аст. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар баъзе мамлакатҳо ҳиссаи қарзҳои ба иқтисодиёт додашуда то 70-190%-и ММД-ро ташкил медиҳад ва ин масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин мамлакатҳо низоми қарзии муваффақ ва иқтисодиёти пешрафта амал менамояд.

**Диаграммаи 1.1. – Ҳаҷми қиёсии қарзҳои додашудаи як қатор мамлакатҳои ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД дар соли 2023 (бо %)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [27; 22]

Илова бар ин, ба андешаи мо, таъсири омилҳо ба рушди муносибатҳои қарзӣ ва таъсири онҳо ба рушди ММД дар шароити зиёд будани талабот ба қарз аз ҳисоби меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ мебошад. Баланд будани меъёри фоизи қарз ба сатҳи даромади субъектҳои гуногуни иқтисодӣ қариб мувофиқат наменамояд, аз ин лиҳоз, чунин ҳолат боиси коста гардидани ҳаҷми қарздиҳӣ ва рушд наёфтани муносибатҳои қарзӣ мегардад. Нархи хизматрасониҳои бонкӣ дар ин ё он давлат метавонад таъсирасонанда бошад, инчунин, онҳо метавонанд ба фаъолияти босамари субъектҳои истеҳсолии ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷдошта таъсири манфӣ расонанд. Чӣ тавре, ки аз диаграммаи 1.2 тасвиршуда мушоҳида мешавад, дар аксар мамлакатҳое, ки ҳиссаи қарзҳои онҳо дар иқтисодиёт назаррас аст, меъёри пасти фоиз ва имтиёзҳои зиёди қарзӣ ба назар мерасад.

**Диаграммаи 1.2. – Меъёри муқоисавии фоизи қарзҳо дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [22; 30]

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳама шароит фоизҳои қарзӣ ҳамчун нархи таркибии он хусусияти бздорандагӣ ва ҳавасмандӣ дошта, дар як ҳолат метавонад имконияти қарзгирандаро васеъ ва дар дигар ҳолат метавонад имконияти онро маҳдуд намояд. Таҳлилҳои анҷомдодаи муҳаққиқон аз он шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз оне, ки меъёри миёнавазни қарзҳои ба соҳаҳои гуногун додашуда камтар аст, лекин меъёри воқеии он дар асл нигаронкунанда буда, аз омилҳои зерин вобастагии зиёд доранд:

- кам будани воситаҳои худии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби воситаҳои қарзииии пешниҳодшаванда ба соҳаи саноати сабук ва дигар соҳаҳои калидии иқтисодиёт;
- зиёд будани захираҳои кӯтоҳмуҳлат, ки имконияти истифодаи пурраи онҳо дар сатҳи низоми бонкӣ имконпазир нест;
- баланд будани меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ ва меъёри бозтамвили БМТ;
- қимат будани сарчашмаҳои ҷалби захираҳои қарзӣ ва дигар қарзҳое, ки бонкҳо аз дигар бонку ниҳодҳои молиявӣ дастрас менамоянд ва ғ.

Иброз доштан зарур аст, ки дар самти дастгирии бевоситаи соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, махсусан соҳаи саноати сабук фоизи нисбатани баланди қарзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси он мегардад, ки танҳо қарзгирандагони эҳтиёҷи зиёд дошта аз бонк қарз гиранд ва соҳаҳои алоҳидаи саноат бошанд, мустақилона аз ниҳодҳои молиявӣ дар гирифтани қарз даст мекашанд. Исботи чунин ҳолатро аз вазъи зиёд будани меъёри фоизи қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар муқоиса бо як қатор мамлакатҳои дигар дар диаграммаи 1.2 овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст.

Бинобар ин, маълумоти диаграммаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ҳама фоизи пастарин дар Канада (2,25%) ва Чин (3%) ва аз ҳама меъёри фоизи баландтарин дар Туркия (39,5%) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (23,2%) мебошад, ки таъсири манфии худро ба таври функсионалӣ ба тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла саноати сабук ва сатҳи такрористеҳсол дар соҳаҳои гуногун мерасонад. Дар мамлакатҳои ҳамсоя, меъёри миёнаи фоизи қарзҳои бонкӣ нисбат ба мамлакати мо пастар буда, дар Қирғизистон – 10%, Қазоқистон – 18% ва Ӯзбекистон – 14%-ро дар соли 2023 ташкил медиҳад. Ин нишондод, дар Россия 16,5% ва дар ИМА 8,5%-и солона мебошад, ки дар ҳамаи мамлакатҳои зикршуда, меъёри фоизи миёносалонаи қарзҳои бонкӣ ба бахши воқеӣ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле пастар аст.

Гуфтан мумкин аст, ки айни замон аксар мамлакатҳое, ки дар соҳаи саноат муваффақона амал мекунанд, онҳо низоми инкишофёфтаи қарзӣ доранд, ки бевосита ба соҳаи саноат нигаронида шудаанд. Дар ин замина, гуфтан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин самт муваффақ буда, аз таҷрибаи он истифода намудан аз ҳама нуқтаи назар имконпазир мебошад.

Ин масъаларо дар яке аз мамлакатҳои шарикони стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон – Федератсияи Россия низ ба таври муваффақ мушоҳида намудан мумкин аст. «Ҳоло дар Россия тақрибан 1 млн. корхонаи хурд ба қайд гирифта шудаанд, ки 20%-и онҳо дар пойтахти он шаҳри Москва ҷойгир мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки тақрибан 45,0%-и корхонаҳои хурд дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, ҳамчунин, 16,0%-и ин корхонаҳо ба соҳаи

саноат ва тахминан ҳамин миқдор ба сохтмон рост меоянд. Қайд кардан зарур аст, ки шумораи умумии кормандон дар корхонаҳои номбаршуда 7 млн. нафарро ташкил медиҳад. Аммо, тибқи баъзе ҳисобҳо, шумораи воқеии кормандон дар корхонаҳои Россия аз шумораи расмӣ зиёдтар аст, камаш сеяк зиёд аст. Бояд иброз намуд, ки дар Россия қарздиҳии соҳибкории хурд бо истифода аз маблағҳои давлатӣ, аввал тавассути Фонди федералии дастгирии соҳибкории хурд сурат мегирифт ва аз соли 1996 инҷониб тавассути бонкҳои агентӣ, ки дар асоси озмун барои хизматрасонии барномаҳои дахлдор интихоб шудаанд, амал менамоянд» [29].

Қайд кардан зарур аст, ки ширкатҳои махсусе, ки тиҷорати хурдро маблағгузорӣ мекунанд, васеъ дар давлати Британия Кабир инкишоф ёфтаанд ва зиёда аз 20%-и тиҷорати хурдро дар Англия Корпоратсияи молияи саноатӣ ва савдо (ICFC) ташкил медиҳад, ки аз ҷониби Бонки Англия ва бонкҳои клирингӣ назорат гардида, аз ин бонкҳо қарз мегиранд. Илова бар ин, Барномаи асосии ҳукумат дар ин самт, нақшаи карантинии Лун мебошад, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, то он навъҳои тиҷоратеро, ки намояндагонашон мустақилона қарз гирифта наметавонанд, маблағгузорӣ намоянд. Гуфтан мумкин аст, ки тавассути ин барнома, давлат то 70 дарсад ва дар манотиқи камбизоат то 85 дарсад барнагаштани қарзро кафолат медиҳад. Бояд қайд намуд, ки «фоизи чунин кафолат 2,5%-и солона ва дар минтақаҳои номусоид 2,0%-ро ташкил медиҳад. Кафолати ҳукумат дар доираи ин барнома 70-80 фоизи қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ба соҳибкории хурд додашударо фаро мегирад. Ҳар сол, аз буҷети давлатӣ барои таъмини кафолатҳо тақрибан 50 млн. фунт стерлинг ҷудо карда мешавад» [29]. Дар натиҷаи ин, сиёсати карздиҳӣ ба фирмаҳои хурд қариб пурра дар ихтиёри бонкҳое аст, ки онҳо дар ин роҳ барномаҳои худро амалӣ мегардонанд. Дар ин давлат 4 бонки бузургтарини Бритониё 90%-и фазои тиҷорати хурдро тавассути шабакаи васеи филиалҳои худ назорат ва дастгирӣ менамоянд.

Зиёдшавии доимии ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноати сабуки ҷаҳонӣ, ба афзоиши шумораи аҳолии кураи замин хос буда, он асосан ба баланд

гардидани дараҷаи некуаҳолии мардум ва қобилияти харидории онҳо алоқаманд мебошад. Мувофиқи нишондодҳои бозори ҷаҳонӣ, маҳсулоти соҳаи саноати сабук дар ҳоли рушди бо суръати баланд қарор дорад. Аз маълумоти мавҷуда бармеояд, ки дар давоми 15 соли охир дар ҷаҳон муомилоти мол байни давлатҳо беш аз ду баробар афзоиш ёфтааст, ки «истеҳсоли матоъ, либос ва пойафзол дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо 90,5%, ИМА 99,3% ва дар Япония бештар аз 2 маротиба афзоиш ёфтаанд. Илpopватан, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саноати сабуки Россия маҷмуан 1,95% муомилоти ҷаҳонро ташкил медиҳад, ҳоло он ки он аз ҷиҳати иқтидори истеҳсолӣ дар таносуб бо дигар давлатҳо мамлакати пешқадам мебошад. Ёдовар шудан бо маврид аст, ки дар ҷаҳон Ҷумҳурии Халқии Чин низ бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи мебели хонагӣ ва чарм маҳсуб мешавад. Мувофиқи маълумоти иттиҳодияи саноатии миллӣ, дар сол Ҷумҳурии Халқии Чин тақрибан 3,7 млрд. ҷуфт пойафзол ва зиёда аз 550 млн. дона либоси чармин истеҳсол менамояд, ки бештар аз 50%-и ҳаҷми онҳо барои бозори хориҷӣ пешбинӣ шудааст» [173, с. 18].

Қобили зикр аст, ки соҳаҳои саноати сабук, аз қабили нассоҷӣ, дӯзандагӣ, истеҳсоли пойафзол ва дигар лавозимот солҳои охир яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти ҷаҳони муосир маҳсуб меёбанд. Тӯли чанд соли охир, ба бозори ҷаҳонии молҳои саноати сабук миллионҳо корхонаҳои хурду миёнае шомил мешаванд, ки пайваста ба истеҳсол ва тақсими маҳсулоти соҳа машғуланд. Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда маълум гардид, ки солҳои охир, иқтидорҳои истеҳсолии саноати сабук дар тамоми дунё, аз комплексҳои калони саноатӣ оғоз карда, то корхонаҳои хурд ба таври доманадор паҳн гардидаанд. Дар ин баробар, як зумра ширкатҳои маъруф низ, аз қабили Nike, Adidas, Inditex, H&M, чанд сол аст, ки дар бозори саноати сабук мавқеи хоса дошата, қисми зиёди маҳсулоти соҳаро ба бозори ҷаҳонӣ пешниҳод намуда, ҳамчун фарогирандаи сегментҳои гуногуни бозор маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи гузоришҳои Maximize Market Research, «ҳаҷми истеҳсоли молҳои соҳаи нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар соли 2023 дар ҷаҳон, маблағи 1695,2

млрд. долл. ИМА-ро ташкил дод ва тибқи пешбиниҳо, он то соли 2030 бояд ба андозаи 3047,2 млрд. долл. ИМА расонида шуда, ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,4% афзоиш ёбад» [28]. Бояд ёдовар шуд, ки имрӯз дар ҷаҳон ба содиркунандагони асосии маҳсулоти соҳаи саноати сабук давлатҳои Чин, Бангладеш, Ҳиндустон, ИМА, Олмон ва Италия дохил мешаванд, ки онҳо хароҷоти ками меҳнатӣ ва пойгоҳи саноатии пешрафта доранд.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва амиқтар шудани тақсимоти байналмилалии меҳнат, рушди саноати сабук дар бисёр мамлакатҳо бо иштироки фаъоли давлат ва низоми бонкӣ дар маблағгузории ин соҳа ҳамрадиф аст. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори корхонаҳои саноати сабук, махсусан дар марҳилаи табдили сохтории иқтисодиёт, асосан тавассути дастгирии мақсадноки қарзӣ, субсидияҳои фоизӣ, рушди ниҳодҳои молиявии махсус ва механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъмин карда мешавад.

Таҷрибаи мамлакатҳое, ки марҳилаи саноатикунонии иқтисодиёти худро ё бо тамаркуз ба саноати сабук паси сар кардаанд ё бо доштани захираҳои маҳдуди молиявии дохилӣ тавонистанд саноати худро навсозӣ кунанд, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи хоса ба назар мерасад [38; 32; 78; 33; 35; 34; 80; 81; 36]. Таҳлили чунин амсилаҳо ба мо имкон медиҳад, ки воситаҳоеро муайян кунем, ки метавонанд ба хусусиятҳои институтсионалӣ, макроиқтисодӣ ва молиявии иқтисодиёти миллӣ мутобиқ карда шаванд. Дар робита ба ин, дар ҷадвали 1.2 таҷрибаи якчанд мамлакатҳо дар самти дастгирии молиявию қарзии саноати сабук аз нигоҳи имконпазирии корбурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст, муназзам ва пешниҳод карда шудааст.

Таҳлили анҷомдодашудаи таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар аксари мамлакатҳо рушди саноати сабук ба истифодаи фаъоли воситаҳои қарзӣ, ки бо иштироки мустақим ё ғайримустақими давлат амалӣ карда мешаванд, такя мекунад. Унсури асосӣ на ҳаҷми захираҳои қарзии

пешниҳодшуда, балки ҳадафгирии онҳо, дастрасии корхонаҳо ва мутобиқат бо сиёсати саноатии дар мамлакат роҳандозишуда мебошад.

**Ҷадвали 1.2. – Таҷрибаи байналмилалии дастгирии молиявию қарзии саноати сабук ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Мамлакат | Воситаҳои асосии дастгирии молиявӣ ва қарзӣ | Нақши давлат ва бонкҳо | Унсурҳои барои корбурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақбул |
|---|---|---|---|
| Чин | Қарзҳои имтиёзноки сармоягузорӣ, бонкҳои давлатии рушд, хатҳои қарзии мақсаднок барои корхонаҳои хурду миёна. | Нақши фаъоли давлат, бартарии бонкҳои давлатӣ ва барномаҳои соҳавӣ. | Таъсиси хатҳои қарзии мақсаднок барои саноати сабук; иштироки бонкҳои давлатӣ дар қарздиҳии дарозмуҳлат. |
| Туркия | Қарздиҳии ба содирот нигаронидашуда, субсидияҳои фоизӣ, фондҳои кафолатӣ. | Ҳамоҳангсозӣ байни Вазорати саноат ва бонкҳо, дастгирии содирот. | Рушди қарзҳои ба содирот нигаронидашуда барои корхонаҳои саноати сабук. |
| Кореяи Ҷанубӣ | Қарзҳои дарозмуҳлат тавассути бонкҳои рушд, маблағгузории имтиёзнок барои навсозӣ. | Банақшагирии стратегӣ, бонкҳои давлатии рушд. | Истифодаи барномаҳои қарздиҳӣ барои навсозии технологии соҳа. |
| Ҳиндустон | Барномаҳои махсуси қарздиҳӣ барои саноати нассоҷӣ, имтиёзҳои андозӣ ва қарзӣ. | Барномаҳои давлатии дастгирии саноат ва соҳибкории хурду миёна. | Дастгирии корхонаҳои хурду миёна дар саноати сабук тавассути қарзҳои имтиёзнок. |
| Олмон | Қарзҳо тавассути бонки рушди KfW, кафолатҳои қарзӣ, маблағгузории «сабз». | Иштироки ғайримустақими давлат, нақши баланди назорати бонкӣ. | Истифодаи механизмҳои кафолати давлатӣ барои қарзҳо. |
| Ӯзбекистон | Қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳои давлатӣ, дастгирии кластерҳо. | Нақши фаъоли давлат, барномаҳои соҳавӣ. | Усули кластерӣ ва қарздиҳии имтиёзнок дар саноати сабук |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи мамлакатҳое, ки шароити рушди иқтисодии қобили муқоиса ва маҳдудияти захиравии шабеҳ доранд, бахусус Чин, Туркия, Ҳиндустон ва Ӯзбекистон, аз аҳамияти амалӣ бархӯрдор мебошад. Онҳо дорои воситаҳои муштарак ва шабеҳ, аз қабили қарздиҳии имтиёзнок, кафолатҳои давлатӣ, дастгирии содирот ва тамаркуз ба корхонаҳои хурду миёна дар саноати сабук мебошанд.

Мутобиқ кардани ин унсурҳо ба амалияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи барномаҳои қарздиҳии мақсадноки бонкӣ барои соҳаи саноати сабук, афзоиши ҳиссаи иштироки давлат дар коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва таҳияи механизмҳои институтсионалӣ барои дастгирии истеҳсолоти саноатиро дар бар мегирад. Ин заминаҳоро барои баланд бардоштани нақши қарз ҳамчун сарчашмаи асосии рушди устувори саноати сабуки мамлакат фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки Чин бо истифода ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар саноати сабук, бахусус дар соҳаи нассоҷӣ дар дунё пешқадам мебошад. Чин солҳои охир ба соҳаи саноати сабук таваҷҷуҳи бештар намуда, маблағгузориҳои пайвастаро бобати автоматикунонии равандҳои истеҳсолот ва роботикунонии саноат роҳандозӣ намудааст, ки ин ба коҳиш додани хароҷоти меҳнатӣ ва баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулоти соҳа мусоидат менамояд. Истифодаи ин таҷриба дар Чин ба он оварда расонид, ки «хароҷоти меҳнатӣ 20% коҳиш ва ҳосилнокии меҳнат 15% афзоиш ёбад. Ҳамзамон, бобати рушди соҳаи мазкур дар Чин субсидияҳо ва имтиёзҳои давлатӣ барои истифодаи технологиҳои муосир дар ширкатҳои чинӣ тақрибан 2 млрд. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад» [81].

Таҷрибаи Чин бо истифодаи муназзами қарз ҳамчун воситаи асосии сиёсати саноатии давлатӣ, аз ҷумла рушди саноати сабук, тавсиф мешавад. Бонкҳои тиҷоратӣ ва давлатии рушд дар ин раванд нақши марказӣ мебозанд ва барномаҳои қарзии ҳадафнокро, ки ба навсозии истеҳсолот, васеъ кардани иқтидори содиротӣ ва дастгирии тиҷорати хурду миёна нигаронида шудаанд, амалӣ мекунанд. Хусусияти асосии амсилаи чинӣ ҳамоҳангии зичи сиёсати қарзӣ бо барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ мебошад, ки хосияти ҳадафнок ва васеъи дастгирии қарзиро таъмин мекунад. Таваҷҷуҳи зиёд ба ташаккули кластерҳои саноатӣ ва рушди инфрасохтор низ равона карда шудааст, ки самаранокии истифодаи қарзро афзоиш медиҳад ва рушди устувори корхонаҳои саноати сабукро таъмин мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таҷриба аз ҷиҳати баланд бардоштани нақши

ниҳодҳои молиявии давлатӣ ва таъсиси хатҳои қарзии мақсаднок барои бахшҳои афзалиятноки саноатӣ ҷолиб аст.

Туркия бо истеҳсоли молҳои хушсифати соҳаи саноати сабуки худ бозорҳои Аврупо ва Шарқи Миёнаро бо мол таъмин намуда, ҳамчун як маркази муҳими истеҳсоли молҳои нассоҷӣ дар дунё маҳсуб меёбад. Дар ин мамлакат, бештар ба инноватсиякунонӣ ва муҷаҳҳазсозӣ бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, пайваста сармоягузорӣ карда мешавад, ки «танҳо дар соли 2023 ба ин соҳа 1,2 млрд. долл. ИМА сармоягузорӣ гардидааст. Дар Туркия, тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳо бобати азнавсозии таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ва шароити меҳнатӣ пайваста дастгириҳои молиявӣ роҳандозӣ гардида, бо ин мақсад танҳо дар соли 2023 тақрибан 500 млн. долл. ИМА ҷудо карда шудааст» [78].

Амсилаи Туркия оид ба рушди саноати сабук ба омезиши механизмҳои бозории қарздиҳии бонкӣ ва дастгирии фаъоли давлатӣ барои истеҳсолоти содиротӣ асос ёфтааст. Ниҳодҳои махсуси молиявӣ ва барномаҳои давлатӣ, ки ба субсидияи меъёрҳои фоизӣ, таъмини кафолатҳои қарзӣ ва ҳавасмандгардонии содироти саноати сабук нигаронида шудаанд, дар маблағгузории соҳа нақши муҳим доранд. Хусусияти фарқкунандаи равиши Туркия дар он аст, ки воситаҳои қарзӣ ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо дар бозорҳои хориҷӣ тамаркуз мекунанд, ки бо дастгирии инноватсияҳо, навсозии иншооти истеҳсолӣ ва рушди инфрасохтори логистикӣ ҳамрадиф аст. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи самараноки маблағҳои қарзӣ дар сурати мутобиқ кардани онҳо бо стратегияи содиротии мамлакат ва ҳамкории фаъол байни бахши бонкӣ ва корхонаҳои саноатӣ имконпазир аст. Ин равишро бо назардошти иқтидори содиротии он ба амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ кардан мумкин аст.

Таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ аз нигоҳи омезиши банақшагирии стратегии давлатӣ ва нақши фаъоли низоми бонкӣ дар рушди саноат, аз ҷумла саноати сабук дар марҳилаҳои аввали саноатикунонӣ, махсусан ҷолиб аст. Дар давраи рушди босуръати иқтисодӣ, ҳукумати мамлакат мақсаднок аз механизмҳои

қарздиҳии дарозмуддат тавассути бонкҳои махсуси рушд, пеш аз ҳама Бонки рушди Корея ва Бонки содироту воридоти Корея истифода бурд ва ба корхонаҳо дастрасӣ ба захираҳои молиявии нисбатан арзон ва устуворро фароҳам овард. Дастгирии қарзӣ қатъиян интихобӣ буд ва бо ҳадафҳои навсозии технологӣ, афзоиши самти содирот ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мувофиқ буд. Хусусияти асосии амсилаи Корея омезиши қарздиҳии имтиёзнок бо талаботи қатъӣ барои интизоми молиявии қарзгирандагон ва самаранокии истифодаи қарз буд. Ин ба рушди корпоратсияҳои саноатии устувор ва гузариши тадриҷӣ аз соҳаҳои меҳнатталаб, аз ҷумла дар саноати сабук, ба истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ мураккабтар мусоидат кард. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки самаранокии қарз на танҳо аз рӯйи ҳаҷми маблағгузорӣ, балки аз рӯйи мутобиқати институтсионалии сиёсати қарзӣ бо ҳадафҳои дарозмуддати рушди саноат муайян карда мешавад.

Таҷрибаи Ҳиндустон дар рушди саноати сабук бо истифодаи фаъоли қарз ҳамчун воситае барои дастгирии яке аз бахшҳои аз ҳама меҳнатталаб ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими иқтисодиёт тавсиф мешавад. Сиёсати давлатӣ дар ин самт ба таъмини дастрасии қарздиҳии бонкӣ барои корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, бахусус корхонаҳои хурду миёна, ки пояи ин соҳаро ташкил медиҳанд, нигаронида шудааст. Барномаҳои махсуси давлатӣ ва ниҳодҳои молиявӣ механизмҳои қарздиҳии имтиёзнок, субсидияҳои фоизӣ ва дастгирии навсозии иқтидори истеҳсолии корхонаҳоро амалӣ мекунанд [32]. Хусусияти муҳими амсилаи Ҳиндустон пайвастагии дастгирии қарзӣ бо шуғл, рушди минтақавӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таҷриба аз нигоҳи васеъ кардани дастрасӣ ба қарз барои корхонаҳои саноати сабук ва равона кардани сиёсати қарзӣ ба таъсири иҷтимоию иқтисодӣ ҷолиб аст.

Дар соҳаи нассоҷии Олмон технологияҳои муосири инноватсионӣ истифода шуда, бештар матоъҳои интеллектуалӣ ва наноматериалҳо истеҳсол мешаванд, ки ин нишона аз истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи

нассоҷӣ мебошад. «Барои рақамикунонии соҳаи нассоҷӣ дар Олмон ҳудуди 2 млрд. евро дар соли 2023 маблағ ҷудо гардид, ки истифодаи зеҳни сунъӣ ва низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунии истеҳсолот дар ин мамлакат имкон медиҳад, то самаранокӣ зиёд гардида, хароҷоти истеҳсолӣ кам карда шавад. Барои рушди соҳаи саноати сабук грантҳо ва субсидияҳои давлатӣ пайваста ҷудо гардида, ҳамзамон, ҳамкорӣ бо мактабҳои олӣ, ниҳодҳои таҳқиқотии илмӣ ва саноат роҳандозӣ мегардад, ки ин ҷиҳати ҳарчи зудтар дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат мекунад» [36].

Таҷрибаи Олмон амсилаи иштироки ғайримустақими давлатро дар дастгирии қарзӣ барои саноат инъикос мекунад, ки ба ниҳодҳои бонкии рушд ва низоми кафолатҳои давлатӣ асос ёфтааст. Бонки рушди KfW дар маблағгузории корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои саноати сабук, додани қарзҳои дарозмуҳлат барои навсозии истеҳсолот, беҳтар кардани самаранокии энергия ва инноватсияҳо нақши калидӣ дорад. Амсилаи Олмон бо устувории баланди институтсионалии низоми бонкӣ, талаботи қатъии арзёбии хавфҳо ва механизмҳои шаффофи қарздиҳӣ тавсиф мешавад. Ғайр аз ин, дастгирии давлатӣ на ба субсидияҳои мустақими соҳа, балки ба коҳиши хавфҳои қарзӣ ва ангезаи бонкҳои хусусӣ барои маблағгузории бахши воқеӣ нигаронида шудааст. Ин таҷриба метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати таҳияи механизмҳои кафолати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ байни низоми бонкӣ ва корхонаҳои саноатӣ муфид бошад.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон соҳаи саноати сабук ба яке аз соҳаҳои калидӣ табдил ёфта, сол аз сол рушди ин соҳа ба назар мерасад. Тибқи маълумоти дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада, дар соли 2023 дар Ӯзбекистон ба маблағи 8,2 млрд. долл. ИМА маҳсулоти нассоҷӣ ва трикотажӣ истеҳсол шудааст, ки ин дар қиёс ба соли 2017 ба андозаи 4,2 баробар зиёд аст. Имрӯзҳо дар мамлакати ҳамсоя беш аз 6 ҳаз. корхонаҳои соҳаи саноати сабук фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 570 ҳаз. нафар аҳолии мамлакат фаъолият мекунад. Дар соли 2023 ҳаҷми содироти маҳсулоти соҳа ба хориҷи мамлакат 3,1 млрд. долл. ИМА-ро ташкил дод. Тақрибан 80% молҳои содиротии ин мамлакат ба бозорҳои

шарикони стратегии худ, аз қабили Россия, Чин ва Туркия меравад. Рушди ин соҳа дар Ӯзбекистон афзалият дошта, гуфта мешавад, ки арзиши 1 кг ришта ба ҳисоби миёна 2,4 долл. ИМА аст, ки ин нисбат ба нархҳои бозори ҷаҳонӣ ба андозаи 28% арзонтар аст ва имконият медиҳад, ки ба бозори ҷаҳонӣ содироти ин маҳсулоти соҳа афзоиш дода, аз ин ҳисоб фоидаи бештар даст оварда шавад. Дар соли 2023 барои истеҳсоли матоъ, рангубор ва пардозиш, истеҳсоли маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ ва трикотажӣ дар Ӯзбекистон маблағи 50 млн. долл. ИМА ҷудо гардидааст, ки ин ба рушди соҳаи саноати сабуки мамлакат таъсири хуб мерасонад [38].

Таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бо сабаби шабоҳати шароити иқтисодӣ, муҳити институтсионалӣ ва сохтори истеҳсолоти саноатӣ муҳим аст. Дар солҳои охир, рушди саноати сабук дар мамлакати ҳамсоя аз ҷониби давлат фаъолона дастгирӣ карда мешавад, ки як қатор тадбирҳоро барои пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои ин соҳа тавассути бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ амалӣ кардааст. Унсури асосии ин амсила равиши кластерӣ мебошад, ки муттаҳид кардани корхонаҳоро дар тӯли занҷираи арзиш ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои имтиёзноки қарзӣ, имтиёзҳои андозӣ ва дастгирии инфрасохтор дар бар мегирад. Тамаркузи сиёсати қарзӣ ба ҳавасмандгардонии коркарди амиқи ашёи хом ва ивазкунии воридот низ муҳим аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таҷриба аз ҷиҳати ташаккули кластерҳои саноатӣ ва истифодаи қарз ҳамчун восита барои навсозии сохтории саноати сабук аҳамияти амалӣ дорад.

Аз таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои дар ҷадвал нишондодашуда ба хулосае метавон омад, ки солҳои охир дар Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ки корбурди таҷрибаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, нақши давлат тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо, грантҳо, сармоягузориҳо ва қарзҳои бонкии имтиёзноку дорои фоизи паст дар рушди саноати сабук назаррас ва қобили дастгирӣ мебошад. Таҳлил нишон медиҳанд, ки саноати сабук яке аз соҳаҳои пешбарандаи комплекси саноатии ҷаҳон аст.

Вобаста ба ин, иброз доштан зарур аст, ки дар баробари истифодаи қарзҳои ниҳодҳои молиявӣ истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин, айни замон барои рушди тиҷорати хурд таъмини воситаҳои қарзӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, бонкҳо ҳамчун марказҳои интиқоли захираҳои давлатӣ амал намекунанд, балки маъмулан дар асоси арзёбии воқеии дараҷаи хавфи лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ бо назардошти кафолатҳои аз ҷониби давлат ба онҳо додашуда, ба қарздиҳӣ машғул мешаванд ва албатта меъёрҳо ва мухлатҳои қарздиҳӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ гуногун буда, он ба рушди соҳаи саноати сабук ва тиҷорати хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад.

Ба андешаи мо, меъёрҳои дар боло зикргардида ҷиҳати васеъ намудани доираи фаъолияти сохторҳои алоҳидаи саноати сабук ва дастгириии пайвастаи соҳибкории истеҳсолӣ, ҳамзамон, дар сатҳи зарурӣ коҳиш додани меъёри фоизҳо ва мушкилоти ҷойдошта, чораҳои зеринро андешидан мақбул аст:

– фароҳам овардани шароити қарзгирии баробар дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ва додани имтиёз ба минтақаҳои алоҳидае, ки имконияти рушди соҳаи саноат дар онҳо чун дигар минтақаҳо бештар ба назар мерасад;

– дар сатҳи зарурӣ ва дар заминаи тамоми имконияти мавҷуда паст кардани меъёри фоизи қарз аз ҳисоби воситаҳои худӣ, воситаҳои ҷалбкардашудаи дохилие, ки бо арзиши паст ҷалб гардидаанд ва ба самтҳои афзалиятноки саноат пешниҳод намудани онҳо;

– вобаста ба фароҳам овардани шароити нав, бо дарназардошти техника ва технологияҳои муосир, ташкил намудани муҳити рақобатнок дар самти арзиши хизматрасониҳои бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳо ба соҳаи саноати сабук ва соҳибкории истеҳсолӣ;

– ба бозори қарзӣ ворид намудани тамоми корхонаҳои имконияти молиявидошта ва пешниҳоди захираҳои озоди пулии онҳо ба қарз тавассути бонкҳои ваколатдор ва дигар сохторҳои ба ин баробар, ки воситаҳои қарзиро бевосита ба соҳаи саноати сабук пешниҳод менамоянд;

– дар меъёри фоиз, ҳаҷми қарз ва муҳлати он ҷорӣ намудани давраҳо ва меъёрҳои имтиёзноки қарзи ба соҳаи саноати сабук ва дигар соҳибкорони фаъолияти истеҳсолӣ дошта додашуда.

Ба таври номукаммал рушд накардани як қатор самтҳои асосии фаъолияти иқтисодидошта аз норасоии захираҳои пулӣ шаҳодат медиҳад. Албатта, ин захираҳоро дар шароити маҳдуд будани манбаъҳои даромад ва сарчашмаҳои молиявӣ метавон аз бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дастрас намуд. Ҳамзамон бо ин, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити баланд будани меъёри фоизи қарз ва мувофиқ набудани баъзе шартҳои қарздиҳӣ ба фаъолияти хоҷагидории қарзгирандагон, онҳоро метавон ба се гурӯҳи асосӣ тақсим намуд (расми 1.3).




**Расми 1.3. – Гурӯҳбандии қарзгирандагон дар муносибатҳои қарзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз нишондоди расм метавон хулоса баровард, ки дар шароити маҳдудияти имконияти қарзӣ аз ҳисоби номувофиқ будани меъёрҳо ва шартҳои пешниҳоди қарз, қарзгирандагонро метавон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кард: 1) шахсоне, ки захираҳои пулии маҳдуд доранд ва мақсади худро бидуни қарз амалӣ карда наметавонанд. Онҳо маҷбуранд, ки новобаста аз душвориҳои дар раванди қарзӣ ҷойдошта, аз ин ё он бонк қарз гиранд; 2) қарзгирандагони имконияти миёнаи пардохт дошта, – корхонаҳои хурду миёна, ки дар тавозуни

худ дороиҳои ғайрипулӣ доранд; 3) қарзгирандагони дорои имконияти васеъ, ки манбаъҳои иловагии даромад доранд, вале онҳо барои тезонидани чараёни истеҳсолот, гирдгардиш ва такрористеҳсол басанда нестанд.

Албатта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин гурӯҳи қарзгирандагон корхонаҳои саноати сабук низ дохил мешаванд ва ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудан зарур аст. Чунин қарзгирандагон, новобаста аз он, ки ба қарз эҳтиёҷ доранд, аммо аз ҳисоби баланд будани меъёри фоиз ва номувофиқатии шартҳои ба шароити молиявии онҳо пурра қарз намегиранд ё аз рӯйи ҳаҷме, ки бояд тавассути фаъолияти худро рушд дода тавонанд, онро намегиранд.

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки талабот ба воситаҳои қарзӣ дар ҳама шароит буд, ҳаст ва мемонад, лекин пешниҳоди қарзҳоро ба талаботи қарзгирандагон мувофиқ намудан шарти зарурӣ аст. Дар дигар маврид, бояд иброз намуд, ки дар баробари омилҳои дар боло зикргардида, новобаста ба мушкилоти қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар самтҳои афзалиятноки он як қатор нишондиҳандаҳои меъёрӣ ва омилӣ низ ба ин чараён таъсир мерасонанд, ки воқеияти онро расми 1.4. инъикос менамояд.




**Расми 1.4. – Омилҳои таъсиррасон ба меъёрҳо ва муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи саноат ва бахшҳои афзалиятноки он**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар шароити имрӯзаи саноатикунонӣ, тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ ба самти дастрасии соҳаи саноати сабук ва дигар самтҳои ба ин баробар, қарзгирии соҳаҳои номбаршударо душвор мегардонад. Албатта, айни замон масъалаҳои асосие, ки ба назар пӯшида буда, метавонанд ба муносибатҳои қарзӣ таъсири манфӣ расонанд, ин меъёри бозтамвил ва меъёри захираҳои ҳатмӣ мебошанд, ки тағйирёбии онҳо, яъне болоравии ин меъёрҳо метавонад ба меъёри низоми қарзӣ вобаста ба муҳлат ва фоиз таъсири манфӣ расонанд ва то як андоза имконияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзиро вобаста ба захираҳо маҳдуд намояд.

Сатҳи таваррум дар ташкили муносибатҳои қарзӣ, меъёри фоиз ва муҳлати қарз низ таъсири манфӣ расонида, дар натиҷа, фаъолияти минбаъдаи ташкилоти қарзиро дар самти идоракунии амалиёт коста мегардонад, ки метавонад мавқеи ташкилоти қарзиро номатлуб гардонад. Иброз доштан зарур аст, ки болоравии сатҳи таваррум агар аз як тараф ба зиёд кардани меъёри фоизи қарз боис гардад, аз тарафи дигар, он метавонад ба бозпасгардонии қарз низ аз ҳисоби маблағи изофӣ ба ташкилоти қарз халал расонад. Аз ин лиҳоз, дар мамлакатҳое, ки таваррум тамоюли доимотағйирёбанда дорад, ин метавонад ба вазъи низоми қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад.

Новобаста аз оне, ки дар низоми имрӯзаи бонкӣ амалиёти қарзӣ дар ҳама сатҳ ва ҳолат ҳамчун амалиёти сердаромад маҳсуб меёбад, вале дар баробари ин, дорои хавфи баланди иқтисодӣ ва таркибӣ мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки дар амалиёти қарзӣ якчанд омилҳои пулию ғайрипулӣ, дохилӣ ва берунӣ метавонанд таъсири манфӣ ба бор оваранд. Аз ҳамин хотир, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳанда кӯшиш менамоянд, ки танҳо ба соҳаҳое қарз диҳанд, ки хавф дар онҳо камтар ва имконияти бозпасгардонии воситаҳои қарзӣ бештар аст.

Чӣ тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, саноати сабук дар муносибатҳои қарзӣ соҳае мебошад, ки дорои хавфи миёна аст ва айни замон имконияти миёнаи худтаъминкуниро низ доро мебошад. Ба ҳамин хотир, зикр кардан

зарур аст, ки таъсири таркибии иқтисодиёт ва махсусан соҳаи саноати сабук, ки ҳадди аксари иқтисодиёти мамлакатро ташкил медиҳад, он ба низоми бонкӣ вобаста мебошад. Ғайр аз ин, самаранокии захираҳо, афзоиш ва ба самтҳои афзалиятнок сафарбар кардани онҳо низ то як андоза аз ҳамдигар вобаста мебошанд.

Қобили тазаккур аст, ки саноати сабук ва дастгирии молиявии он дар мамлакатҳои хориҷӣ хуб ба назар расида, дар ин маврид, дастгирии давлатӣ тавассути пешниҳоди субсидияҳо, грантҳо, сармоягузориҳо ва имтиёзҳои андозӣ амалӣ мегардад. Дар баробари ин, мушоҳида мешавад, ки саҳми пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки бонкӣ низ барои рушди соҳаи мазкур назаррас аст. Аз ин ҷост, ки имрӯз ҳиссаи қарзҳои додашуда дар якчанд мамлакатҳо дар муқоиса ба ММД хело баланд мебошад. Аз ҷумла, ҳиссаи қарзҳои додашуда нисбат ба ММД дар Чин – 189,61%, Россия – 79,0%, Олмон – 76,99%, Ӯзбекистон – 34,36%, Қазоқистон – 24,12%, Қирғизистон –19,81%-ро ташкил додааст [27]. Нишондиҳандаи дигари муҳим, – меъёри фоизи миёнаи қарзҳои бонкии ба бахши воқеӣ, аз ҷумла саноат пешниҳодшаванда бошад, дар Канада – 2,25%, Чин – 3,0% буда, фоизҳои аз ҳама пасттарин дар Индонезия – 4,75%, Ҳиндустон – 5,50%, ИМА – 8,50%, Қирғизистон – 10,0%, Россия – 16,50%, Ӯзбекистон – 14,0%, Қазоқистон 18,0% мебошад [30], ки ин боиси ҳавасмандгардии корхонаҳои соҳаи саноати сабук, қарздиҳии бештари бонкҳо ба ин соҳа ва афзоиш ёфтани воридоти бештари дастгоҳҳои инноватсионию ҳушманд ба корхонаҳои соҳаи саноати сабук, инчунин, зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои  саноати сабук дар ин мамлакатҳо гардида, ҳиссаи иштироки онҳоро дар бозори ҷаҳонӣ бештар мекунад. Аз ин нуқтаи назар, корбурди таҷрибаи мамлакатҳои баррасигардидаро вобаста ба имконияти ҷойдошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бамаврид меҳисобем.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ БА САНОАТИ САБУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Шароит ва хусусиятҳои таъмини корхонаҳои саноати сабук бо воситаҳои қарзӣ дар раванди саноатикунонӣ

Дар ҳоле ки Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи саноатикунонии босуръати худро амалӣ мекунад, масъалаи дастгирии молиявии корхонаҳои бахши воқеӣ, аз ҷумла саноати сабук, махсусан муҳим аст. Ин соҳа дорои имконияти воқеии назаррас барои ивазкунии воридот, таъмини шуғли пурмаҳсул ва рушди минтақавӣ мебошад. Дар чунин шароит, қарздиҳии бонкӣ сарчашмаи асосии захираҳои молиявӣ буда, ба густариши истеҳсолот, навсозии воситаҳои асосӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар соҳа мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки раванди саноатикунонии босуръат на танҳо афзоиши миқдории иқтидорҳои истеҳсолӣ, балки табдили сифатии сохтори истеҳсолоти саноатиро дар бар мегирад, ки бо афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ, даврҳои тӯлонии истеҳсолот ва талаботи баландтар барои маблағгузории устувор ҳамрадиф аст. Аз ин рӯ, шартҳои қарз, арзиш, муҳлатҳо, шаклҳо ва дастрасии онҳо ба қобилияти корхонаҳои саноати сабук барои мутобиқ шудан ба мушкилоти нави иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории дарозмуҳлат бевосита таъсир мерасонанд.

Тавре қаблан муайян кардем, саноати сабук бо вобастагии зиёд аз сармояи гардон, истеҳсоли мавсимӣ ва сатҳи нисбатан пасти захираҳои молиявии дохилӣ тавсиф мешавад, ки ин нақши қарзҳои бонкиро дар раванди истеҳсолот ба таври воқеъбинона афзоиш медиҳад. Ҳамзамон, ин хусусиятҳо хавфҳои қарздиҳиро барои низоми бонкӣ афзоиш медиҳанд, ки дар пурзӯр ва қатъӣ шудани шартҳои қарз ва дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявии дарозмуҳлати корхонаҳои соҳа инъикос меёбад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, зербоби мазкури таҳқиқот барои ошкор намудан, таҳлил ва арзёбии шартҳо ва хусусиятҳои асосии пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар раванди саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Ин барои муайян кардани маҳдудияти муназзами механизми қарздиҳии бонкии муосир мусоидат мекунад ва заминаро барои арзёбии минбаъдаи мушкилот ва таҳияи самтҳои такмили низоми қарздиҳӣ ба корхонаҳои саноати сабук ташкил медиҳад.

Бояд зикр кард, ки соҳибистиқлолӣ дар баробари дигар масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, як саҳифаи тозаи муносибатҳои молиявию пулиро дар ҷомеа, ки таснифи онро дар байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ гурӯҳбандӣ менамояд, яъне муносибатҳои қарзиро дар мамлакат ба миён овард. Дар сатҳи ҷомеа, агар қарз ва муносибатҳои қарзӣ қабл аз пайдошавии пул ба вуқуъ омада бошанд ҳам, лекин таснифот ва унсурҳои асосие, ки моҳияти онро дар сатҳи ҷомеа ифода менамоянд, имрӯз ба вуҷуд омадаанд. Ҳамчунин, вобастагии соҳаи саноати сабук бо дигар бахшҳои муҳими иқтисодӣ боиси он мегардад, ки дар сатҳи зарурӣ ба ин масъала аҳамияти аваалиндараҷа дода, таъмини рушди он ба воситаи фароҳам овардани шароити иқтисодию молиявӣ ба роҳ монда шавад.

Соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат, ҳамчун соҳаи асосӣ ва калидӣ дар баробари соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад ва он ҳамеша дар меҳвари диққати роҳбарияти давлат қарор дорад. Ҷиҳати расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат - саноатикунонии босуръати мамлакат ва дарёфти роҳҳои рушди он, то имрӯз як қатор барнома ва стратегияҳои соҳавӣ қабул гардидаанд, ки иҷрои бомароми онҳо, босуръат идома дорад. Ёдовар шудан зарур аст, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), якчанд вазифаҳои калидиро ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегӣ, барои солҳои оянда муайян мекунад, ки дар ин масъала, соҳаи саноат ва бахшҳои он ҳамчун соҳаи афзалиятнок пешбинӣ шудаанд.

Дар доираи вазифаҳои пешбинигардидаи стратегӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт, «... фароҳамсозии заминаҳои моддиро барои шуғли пурмаҳсул, диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро барои ҳама табақаҳои аҳолӣ, баланд мебардорад» [11]. Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «... рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, истифодаи самараноки сарватҳои табииро, ки дар фаъолияти сармояи инсонӣ, табиӣ ва физикӣ, инчунин, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ ифода ёфтаанд, дар назар дорад» [11]. Вобаста ба ҳадафҳои СМР-2030 як қатор масъалаҳои хусусияти рушддошта дар назар дошта мешавад, аз қабили:

«- баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловашудаи соҳаҳои саноатӣ;

– афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ рақобатпазир мебошад;

– ташкили низоми самараноки тайёр намудани мутахассисоне, ки дорои қобилияти офаридан ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мебошанд;

– бунёди асосҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳои саноат, ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва пурмаҳсул;

– мусоидат ба рушди содирот ва низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи комплекси агросаноатӣ (коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он), соҳаи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ» [11].

Ҷиҳати расидан ба сенарияҳои СМР-2030 дар шароити имрӯза, вобаста ба имконияти татбиқи истифодаи онҳо дар соҳа зарур ва муҳим аст, ки ин мувофиқи мақсад мебошад. Ба андешаи мо, зарур аст, ки ҷиҳати расидан ба татбиқи ҳадафҳои зерини рушди соҳаи саноат, бо дарназардошти дастгирии бахши институтсионалӣ, бояд масъалаҳои зерин ҳамчун масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб раванд:

– ҳамоҳангсозии бахши давлатӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, ба монанди саноати истихроҷ ва саноати коркард;

– фароҳам овардани инфрасохтори истеҳсолӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои дар доираи салоҳияти давлат мавҷудбуда;

– дарёфт намудани сарчашмаҳои арзони сармоягузории бахши давлатӣ ва хориҷӣ ба соҳаи саноат дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фаъол гардонидани бахши бонкӣ дар самти қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҷриба нишон медиҳад, ки саҳми соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ назаррас буда, он ҳамчун соҳаи такондиҳанда боиси рушди дигар соҳаҳо мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи рушди ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди соҳаи саноати сабук низ вобастагии зиёд дорад (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. – Тамоюли тағйирёбии таркиби ММД, соҳаи саноат, аз ҷумла саноати сабук ва кишоварзӣ дар солҳои 2017-2023, (млрд. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2023/ 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **1. ММД** | 64,4 | 71,0 | 79,1 | 83,9 | 101,0 | 118,1 | 130,7 | 102,9 |
| **2. Саноат** | 23,8 | 26,3 | 29,8 | 32,4 | 39,1 | 42,9 | 46,8 | 96,6 |
| **Аз ҷумла, саноати сабук** | 2,5 | 2,6 | 2,8 | 3,1 | 4,3 | 5,0 | 4,5 | 77,8 |
| **3. Кишоварзӣ** | 35,2 | 43,0 | 46,1 | 50,2 | 53,5 | 57,8 | 63,0 | 78,9 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [24, с. 214, 253, 275]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноат ва кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар бахши иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, ҳамеша ба рушди ММД таъсири мусбат мерасонанд. Таҳлилҳо дар ин самт нишон медиҳанд, ки рушди ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби зиёдшавии як қатор соҳаҳои афзалиятнок тамоюли пешрафт дошта, тағйирёбии он дар солҳои 2017-2023 назаррас мебошад. Аз маълумоти ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, ки ҳаҷми ММД дар соли 2017 агар маблағи 64,4 млрд. сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 130,7 млрд. сомонӣ баробар гардид,

ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 102,9% афзоиш ёфтааст. Соҳаи саноат, агар дар соли 2017 маблағи 23,8 млрд. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 46,8 млрд. сомонӣ баробар гардид ва дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи 96,6% афзоиш ёфт. Дар соҳаи саноати сабук ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардида дар соли 2017 агар маблағи 2,5 млрд. сомониро ташкил диҳад, он дар соли 2023 ба 4,5 млрд. сомонӣ баробар гардида, дар қиёс ба соли 2017 ба андозаи 77,8% афзоиш ёфтааст. Қисми дигари ММД аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ ташаккул меёбад ва ин нишондиҳанда низ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Тибқи маълумоти ҷадвали мазкур дар соли 2017 соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 35,2 млрд. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, дар соли 2023 истеҳсолот ба 63,0 млрд. сомонӣ расонида шуд ва нишондиҳандаи мазкур дар соли 2023 дар таносуб ба соли 2017 ба андозаи 78,9% зиёд гардид. Новобаста аз оне, ки соҳаи саноат ва кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли пешравии иқтисодӣ доранд, ҳиссаи онҳо дар ММД назаррас мебошад, ки ин тамоюл дар диаграммаи 2.1. тасвиршуда манзур гардидааст.

**Диаграммаи 2.1. – Ҳиссаи соҳаи саноат, саноати сабук ва кишоварзӣ дар таркиби ММД дар солҳои 2017-2023, (бо %)**




** Маълумоти пешакӣ*

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Қайд кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушди умумиқтисодӣ қарор дошта, ҳамеша ба масъалаҳои муҳими соҳавӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Ин аст, ки ҳамасола тамоюли зиёдшавии ҳиссаи соҳаи саноат дар таркиби ММД ба назар мерасад. Аз таҳлили маълумоти диаграммаи овардашуда мушоҳида мегардад, ки ҳиссаи соҳаи саноат дар таркиби ММД дар соли 2017 ба 19,9% ва дар соли 2023 ба 16,2% баробар аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2023 дар муқоиса нисбат ба соли 2017 ба андозаи -3,7 б.ф. кам буда, аммо дар алоҳидагӣ ин соҳа тамоюли рушдро касб намудааст. Ҳиссаи соҳаи саноати сабук бошад, дар таркиби ММД дар соли 2017 агар 3,8%-ро ташкил намояд, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 3,4% баробар аст. Ҳиссаи соҳаи мазкур танҳо дар солҳои 2021 ва 2022 ба 4,2%-и ММД баробар гардида буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки новобаста аз гузаштан аз амсилаи кишоварзию саноатии рушди иқтисодиёт ба амсилаи саноатию кишоварзӣ ҳамоно ҳиссаи кишоварзӣ дар таркиби ММД назаррас ва дорои афзалияти баланд аст. Аз ин хотир, рушди соҳаҳои асосӣ ва ёрирасон дар сатҳи дохилӣ ва берунӣ аҳамияти макроиқтисодӣ доранд ва барои дастгирии ин соҳаҳо пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Аз таҳқиқоти анҷомдодашуда бармеояд, ки ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ агар дар соли 2017 нисбати ММД 20,9%-ро ташкил намояд, ин нишондиҳанда дар соли 2023 то ба 24,3% расида, дар муқоиса ба соли 2017 ба микдори 3,4% афзудааст. Дар солҳои дигари таҳлилшавандае, ки дар диаграмма оварда шудааст, ин нишондиҳанда тамоюли зиёдшавиро касб намудааст. Қобили зикр аст, ки дар таркиби рушди ММД рушди ҳиссаҳои саноат ва кишоварзӣ навобаста аз коҳишёбӣ назаррас мебошанд. Аз ин лиҳоз, дар ҳама шароит ҳам вобастагии соҳаи саноат ва ҳам кишоварзӣ дар такмил ва рушди якдигар ба назар намоён аст ва онҳо маҷмуан рушди ММД-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, ба сатҳи таркибии он таъсири мусбат ва дар сурати коҳишёбӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Афзоиши нишондиҳандаҳои хусусияти таркибӣ доштани ММД аз ҳисоби бахшҳои воқеӣ, махсусан соҳаи саноат боиси ба миён омадани

имконияти нав мегардад. Бо фароҳам овардани шароити муосид ва дастгирии бахши саноат ва кишоварзӣ, инчунин, додани имтиёзҳои қарзию андозӣ рушди ММД дар вобастагӣ ба соҳаҳои мазкур чашмрас буда, вале ҳамасола тамоюли пасту болоравӣ дорад. Тамоюли тағйирёбии суръати рушди ММД, саноат ва кишоварзӣ дар диаграммаи 2.2 тасвиршуда оварда шудааст.

**Диаграммаи 2.2. – Тамоюли тағйирёбии суръати рушди ММД, саноат ва кишоварзӣ дар солҳои 2017-2023, (бо %)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [24, с. 214, 275]

Дар асоси алоқамандии соҳаи саноат бо дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ қайд кардан зарур аст, ки рушди иқтисодиётро имрӯз тавассути соҳаи саноат дар заминаи ба кор андохтани имконият ва иқтидорҳои нав барои истеҳсол ва истихроҷи маъданҳо ва ангишт, қувваи барқ, рушди бахши хусусӣ, такмили саноати сабук ва хӯрокворӣ, металургияи сиёҳ ва рушди минбаъдаи металургияи ранга, истеҳсоли маводи барои сохтмонӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши ашёи хом аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ ба роҳ мондан зарур аст. Аз ин лиҳоз, имрӯз рушди соҳаи саноат ва кишоварзӣ калиди муваффақияти расидан ба рушди устувори мамлакат ба ҳисоб меравад.

Аз маълумоти дар диаграммаи 2.2 тасвиршуда мушоҳида мегардад, ки рушди ММД баръало буда, ҳамасола тамоюли болоравӣ дорад. Таҳлил нишон дод, ки суръати рушди соҳаи саноат дар муқоиса ба дигар соҳаҳо майли бештар ба рушд дошта, нишондиҳандаҳои рушди он дар солҳои

таҳлилшаванда хуб арзёбӣ мегарданд. Тибқи диаграмма, дар соли 2017 суръати рушди саноат 21,4%-ро ташкил дода, дар соли 2023 ба 9,0% расид, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи -12,4 б.ф. коҳиш ёфт, вале ба ҳисоби миёна ҳамасола дар сатҳи 13,3% рушд ёфтааст. Кишоварзӣ низ ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодӣ ва ёрирасон дар самти саноат майл ба пасту зиёдшавӣ дорад ва тағйирёбии он ҳамасола мушоҳида мегардад. Инчунин, аз диаграмма дида мешавад, ки агар дар соли 2017 рушди кишоварзӣ дар сатҳи 6,8% ҷамъбаст гардида бошад, ин меъёр дар соли 2023 ба 9,0% расида, дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи 2,2% ва ба ҳисоби миёна дар як сол 7,1% афзоиш ёфтааст.

Рушди ММД дар ин давра тамоюли тағйирёбиро касб карда, ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,4% афзоиш ёфт. Бар замми ин, қайд кардан зарур аст, ки сатҳи пасти рушди ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 2020 бо таъсири оқибатҳои вабои аср, бемории пандемияи COVID-19 андозаи 4,4%-ро ташкил дод, ки ин тамоюл баъд аз андешидани ҷораҳои зарурӣ дар солҳои минбаъда майл ба рушд намуд. Инчунин, дар таркиби иқтисодиёти миллӣ рушди тамоми соҳаҳо дар солҳои таҳқиқшаванда ба назар мерасад, ки инҳо маҷмуан рушди иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳанд ва ҳиссаи онро дар таркиби иқтисодиёт дар ҷадвали 2.2 тасвир менамоем.

**Ҷадвали 2.2. – Таркиби рушди иқтисодиёти мамлакат вобаста ба соҳаҳо дар солҳои 2017-2022, бо %**

| Соҳаҳои иқтисодӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Саноат | 21,3 | 11,8 | 13,6 | 9,7 | 22,0 | 15,4 |
| Кишоварзӣ | 6,8 | 4 | 7,1 | 8,8 | 6,6 | 8,0 |
| Сохтмон | 4,1 | 7,8 | 6,3 | -4,6 | 23,3 | 11,4 |
| Гардиши савдои чакана | 6,6 | 9,8 | 9,6 | -0,9 | 12,7 | 10,2 |
| Хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ | 1,8 | 2,1 | 2,9 | -2,6 | 7,9 | 16,0 |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллиф дар асоси [16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди соҳаи саноати сабук дар минтақаҳо ва бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт дар шароити гузариш ба

амсилаи саноатию кишоварзии рушди иқтисодиёти миллӣ, омӯзиши ҷанбаҳои муҳим ва воситаҳои рушди ин соҳаро дар таркиби иқтисодиёт зарурӣ мешуморем. Аз таҳлили маълумоти мазкур муайян мегардад, ки дар заминаи фароҳам овардани шароит ҷиҳати саноатикунонии босуръати мамлакат, рушди дигар бахшҳо низ дар сатҳи иқтисодиёт ба назар мерасад, ки маҷмуан ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат мерасонад. Илова бар ин, гуфтан зарур аст, ки рушди иқтисодиёти мамлакат вобаста ба соҳаҳо тамоюли болоравӣ дорад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки рушди соҳаи саноат дар таркиби иқтисодиёти миллӣ агар дар соли 2017 андозаи 21,3%-ро ташкил дода бошад, он дар соли 2022 ба 15,7% расид ва ин дар қиёс ба соли таҳлилшаванда -5,3 б.ф. коҳиш ёфтааст, ки ин коҳишёби аз ҳисоби рушди дигар соҳаҳо дар таркиби иқтисодиёти миллӣ рӯйпӯш гардидааст.

Новобаста аз он, ки тамоюли рушди соҳаи кишоварзӣ дар таркиби иқтисодиёт ба назар мерасад, ҳамасола ба таври муттасил дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки рушди соҳаи кишоварзӣ дар соли 2017 дар сатҳи 6,8%, сохтмон 4,1%, гардиши савдои чакана 6,6% ва хизматрасониҳои пулӣ 1,8%-ро дар бар гирифт. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 дар соҳаи кишоварзӣ 8,0%, сохтмон 11,4%, гардиши савдои чакана 10,2% ва хизматрасониҳои пулӣ 16%-ро ташкил дод.

Дар сатҳи рушди иқтисодиёт новобаста аз оне, ки саҳми афзалиятноки сонат ва кишоварзӣ бештар мебошад, лекин рушди соҳаи сохтмон, гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ зиёд гардидаанд. Фароҳам овардани шароити созгор дар бахши воқеии иқтисодиёт боиси он гардид, ки сатҳи хизматрасонӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳбуд ёфта, ҷараёни муҳити ҳамгирои субъективӣ ва обективӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Таҳлил нишон дод, ки соҳаи саноат аз якчанд зерсоҳаҳои фаъол, ки қисми асосии онро ташкил медиҳанд, иборат аст. Гузашта аз ин, фаъол гардонидани зерсоҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати сабук ҳоло вазифаи муҳим буда, дар иҷрои он нақши сармоягузории давлатию хориҷӣ ва маблағгузории

қарзии бонкӣ назаррас хоҳад буд. Ҳамин тариқ, дар саноати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои зерин афзалияти бештар доранд (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. – Сохтори соҳаи саноат ва ҳиссаи зерсоҳаҳои он дар таркиби умумии саноат барои солҳои 2017-2023, (бо %)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| **Саноат, ҳамагӣ** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **1. Саноати истихроҷи маъдан** | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 | 19,9 |
| **2. Саноати коркард** | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | 60,9 |
| **Аз ҷумла, саноати сабук** | 10,6 | 10,1 | 9,5 | 9,5 | 11,0 | 11,6 | 9,6 |
| **3. Истеҳсолу тақсими қувваи барқ, газ ва об** | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | 19,2 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [24, с. 257]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии рушди иқтисодиёт гуногун буда, афзалияти бештарро омилҳои дохилӣ ва истеҳсолоти дохилӣ ташкил медиҳанд. Дар ин росто, тамоми омилҳои берунӣ дар сатҳи рушди иқтисодиёт хусусияти ёрирасонӣ дошта, истифодаи онҳоро дар самти самаранокии рушди соҳаҳо метавон мақбул шуморид. Аз ин нуқтаи назар, вобаста ба рушди соҳаҳое, ки дар заминаи онҳо ба дигар самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ шароит фароҳам оварда мешавад, чораандешӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад. Ғайр аз ин, тақя намудан ба бахши саноати сабук таъмини рушди дигар самтҳоро муҳайё месозад.

Таркиби асосии соҳаи саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан саноати коркард ташкил медиҳад, ки ба таркиби он саноати сабук ворид мегардад, ки он ҳамасола зиёда аз 57%-и умумии тамоми соҳаи саноатро дар бар мегирад. Сохтори соҳаи саноат вобаста ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар соли 2017 ба 22,6% баробар бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 дар сатҳи 19,9% расид. Илова бар ин, саноати коркард дар сохтори саноати мамлакат афзалият дошта, ҳиссаи он агар дар соли 2017 андозаи 58,6%-ро ташкил намуда бошад, дар соли 2023 ба 60,9% баробар гардидааст.

Ҳиссаи саноати сабук агар дар соли 2017 ба 10,6% баробар бошад, дар соли 2023 ҳиссаи он ба 9,6% баробар шуд ва танҳо дар солҳои 2021 ба андозаи 11,0% ва 2022 ба 11,6% баробар гардидааст. Саҳми истеҳсолу тақсими қувваи барқ, газ ва об агар дар соли 2017 ба 18,8% баробар бошад, дар соли 2023 он ба 19,2% расид. Аз таҳлили маълумоти мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки имрӯз ҷиҳати саноатикунонии босуръати мамлакат афзалияти бештар ба саноати коркард дода шудааст, ки соҳаи саноати сабуки мамлакат як бахши калидии он маҳсуб меёбад.

Дастгирии молиявии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла саноати сабук дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ шарти зарурӣ буда, бояд давлат ва ташкилотҳои қарзӣ роҳҳои дастгирии саноати сабукро вазифаи аввалиндараҷаи худ шуморанд. Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, ҷиҳати рушди ҳаматарафаи саноат бо бахшҳои афзалиятноки он, фаъол гардонидани бахши давлат ва низоми бонкӣ дар масъалаҳои зерин бояд шарти асосӣ бошад:

– баланд бардоштани фаъолнокии бахши бонкӣ ба рушди саноат бо роҳи ҷорӣ намудани ҳиссаҷудокуниҳо ва додани имтиёзҳо;

– пурзӯр кардани сатҳи хизматрасонии соҳаи саноат бо роҳи ҳамкориҳои муштарак;

– дар сатҳи давлат нигоҳ доштани нуфӯзи соҳаи саноат ва бо ин роҳ баланд бардоштани ҳавасмандгардонии ниҳодҳои қарзӣ;

– додани имтиёзҳои андозӣ ва сохторӣ ба соҳаҳои алоҳидаи саноат ва корхонаҳои истеҳсоли молҳои саноатӣ.

Навобаста аз оне, ки ба ин соҳа дастгирии бахши давлатӣ ва низоми бонкӣ ба назар мерасад, аммо тибқи талаботи рушди соҳа ин масъала айни замон қаноатмандкунанда нест. Тамоюли сусти қарздиҳии соҳаи саноат аз ҷониби бонкҳо ва маблағгузориҳои буҷети давлатӣ нишон медиҳад, ки сатҳи пасти қарзӣ дар ин соҳа агар аз як тараф ба фаъолияти маблағгузории давлат ва қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар ин масъала ба худи соҳаи саноат ва корхонаҳои хурди саноатӣ вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағгузории буҷетии соҳаи саноат (соҳаи

саноат ва сохтмон дар якҷоягӣ) аз ҷониби бахши давлатӣ қариб бетағйир буда, зиёдшавии он танҳо дар бахши низоми бонкӣ мушоҳида мегардад (диаграммаи 2.3).

**Диаграммаи 2.3. – Ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи саноат додашудаи низоми бонкӣ дар маҷмуи қарзҳо ва хароҷоти давлатӣ ба соҳаи саноат дар солҳои 2017-2023, (бо %)**




| | 2017 с. | 2018 с. | 2019 с. | 2020 с. | 2021 с. | 2022 с. | 2023 с. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи маблағгузориҳои давлатӣ дар саноат | 6,5 | 5,3 | 5,7 | 6,9 | 6,7 | 6,1 | 6,5 |
| Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар саноат | 37,8 | 37,7 | 8,7 | 3,4 | 10,3 | 10,2 | 13,7 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [16; 17; 18; 19; 20; 21; 22; 31]

Новобаста аз оне, ки соҳаи саноат дар бахши иқтисоди миллӣ ҳамчун соҳаи афзалиянок ба ҳисоб меравад, ҳамоно сатҳи пасти қарздиҳии низоми бонкӣ ва маблағгузори ночизи давлатӣ ба ин соҳа мушоҳида мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди асосии корхонаҳои бахши соҳаи саноатро дар сатҳи хурду миёна бахши фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад, ки саҳми низоми бонкӣ ва давлат дар ин масъала кам мебошад. Аз маълумоти диаграммаи мазкур мушоҳида мегардад, ки дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи давлат дар соҳаи саноат кам буда, он аз соли 2017 то соли 2023 дар доираи 6,5% бетағйир мондааст. Вале, ин нишондод танҳо дар солҳои 2020 ба 6,9% ва 2021 ба 6,7%-и тамоми хароҷотҳои буҷети давлатӣ баробар гардидааст, ки тибқи тартиби қонунҳои буҷет дар бахши хароҷотҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои ҷудошуда дар якҷоягӣ ҳам барои соҳаи саноат ва ҳам сохтмон ҳамасола муқаррар гардида, дар алоҳидагӣ барои ин ду соҳа ҷудо нагардидааст.

Саҳми низоми бонкӣ дар соҳаи саноат назррас мебошад, аммо ин саҳм ҷиҳати рушди соҳа ва бахши саноати сабук вобаста ба талаботи имрӯза қаноатмандкунанда нест, зеро аз таҳлилҳо муайян мегардад, ки қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноат низ солҳои охир тамоюли коҳишёбӣ дорад. Масалан, агар ҳиссаи қарзҳои соҳаи саноат дар маҷмуи умумии қарзҳои низоми бонкӣ дар соли 2017 ҳамагӣ 37,8%-ро ташкил дода бошад, он дар соли 2023 ба 13,7% баробар гардид, ки ин нишондиҳанда ба андозаи -24,1 б.ф. коҳиш ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи фоизнокии қарзҳои бонкӣ агар мутаносибан афзоиш ёбад, ин миқдор дар сатҳи номиналӣ низ афзоиш меёбад. Дастгирии бахши институтсионалии низоми бонкӣ ба соҳаи саноат яке аз механизмҳои асоии рушди соҳа дар шароити имрӯза маҳсуб ёфта, бояд ба он аз нуқтаи назари равобити дутарафа аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Зеро, мушкилоти имрӯзае, ки ба самаранокии тамоми самтҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи саноати сабук хос мебошад ва таъсири манфии худро ба ин соҳаҳо расонида, ҳавасмандии субъектҳои иқтисодӣ ва истеҳсолкунандагонро коста мегардонанд, ин баланд будани меъёри фоизи қарз, набудани имтиёзҳои қарзӣ вобаста ба муҳлат ва як қатор масъалаҳои дигар мебошанд. Бо сабаби баланд будани меъёри фоиз, гузаронидани дигар амалиётҳои ба меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ таъсиррасон имкон намедиҳанд, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба қадри кофӣ меъёри фоизи қарзро барои соҳаҳои гуногуни саноат ва истеҳсолкунандагони сатҳи гуногун паст намоянд.

Таҳлили шароит ва хусусиятҳои пешниҳод кардани воситаҳои қарзӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар раванди саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки байни эҳтиёҷоти воқеии соҳа ба маблағгузории қарзии дарозмуҳлати дастрас ва нишондиҳандаҳои воқеии қарздиҳии бонкӣ зиддияти доимӣ вуҷуд дорад. Бартарии қарзҳои кӯтоҳмуҳлат, арзиши баланди воситаҳои қарзӣ ва талаботи сахт ҷиҳати гарав фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноати сабукро ба таври назаррас маҳдуд карда,

қобилияти онҳоро барои навсозии технологӣ ва васеъ кардани иқтидори истеҳсолии худ коҳиш медиҳад.

Муқаррар карда шудааст, ки дар шароити саноатикунонӣ, нақши қарзҳои бонкӣ барои корхонаҳои саноати сабук аз доираи маблағгузории ҷории сармояи гардон берун баромада, мақоми захираи стратегиро барои навсозии воситаҳои асосӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин, рушди истеҳсолот ва занҷираҳои таъминоти устувор мегирад. Аммо, амсилаи мавҷудаи таъминоти воситаҳои қарзӣ асосан хусусиятҳои даври истеҳсолӣ ва талаботи сармоягузории соҳаро ба назар намегирад, ки ин ба рушди иқтисодии корхонаҳои саноати сабук таъсири манфӣ мерасонад.

Дар низоми қарздиҳӣ иштироки давлат дар ташаккули шароити институтсионалӣ ва молиявӣ барои васеъ кардани дастрасӣ ба қарз барои корхонаҳои саноати сабук аҳамияти хоса дорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки бидуни истифодаи фаъоли механизмҳои қарздиҳии имтиёзнок, субсидияҳои фоизӣ, кафолатҳои давлатӣ ва воситаҳои маблағгузории дарозмуҳлат, таъмини сатҳи зарурии дастгирии сармоягузории соҳа ғайриимкон аст. Ин ҳолат зарурати мутобиқ кардани сиёсати қарздиҳии бонкҳоро бо афзалиятҳои сиёсати саноатӣ ва сохтории давлат нишон медиҳад.

Ба андешаи мо, айни ҳол баланд будани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, муҳлатҳои кӯтоҳи қарз ва набудани имтиёзҳои қобили қабул яке аз мушкилоти асосии ҳалталаб дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва ҳалли оқилонаи ин масъалаҳо барои рушди ҳаматарафаи саноати сабук бояд масъалаи асосӣ бошад. Барои амал намудан мувофиқ ба талаботи замони имрӯза бо дарназардошти такмили низоми қарздиҳии соҳаи саноат, аз ҷумла зиёд намудани ҳиссаи қарзҳои дарозмуҳлат дар бахшҳои алоҳидаи соҳаи саноат вобаста ба муҳлати истеҳсолот ба андешаи мо, бояд ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад:

– якум, сода ва самаранок кардани сатҳи дастрасӣ ба қарзҳои низоми бонкӣ ва дар баробари ин сода намудани раванди ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми

пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба соҳаи саноат, кишоварзӣ ва дигар зерсохторҳои ин ду бахши муҳим, ки ба якдигар ҳамбастагии зиёд доранд;

– дуюм, бо ташаббуси сохторҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба бештаргардонии қарзҳои имтиёзнок ва муофиқ ба талаботи соҳа қарорҳои дахлдор қабул гардида, дар ин замина афзалияти бештар ба соҳаи саноати сабук ва дар умум ба бахши воқеии иқтисодиёт дода шавад;

– сеюм, дар баробари бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳадди ақал то 50%-и қарздиҳии соҳаи саноат ва бахшҳои афзалиятноки онро давлат бояд тавассути қарздиҳии дарозмуҳлат ба истеҳсолкунандагон таъмин намуда, мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро зери назаорат гирифта, онҳоро бартараф кунад;

– чорум, пурзургардонии ҷараёни маблағгузорӣ ва ҳамчунин, қарздиҳии давлатӣ барои фароҳам сохтани шароит ҷиҳати дастрасӣ ба лизинг бо фаъол гардонидани ниҳодҳои бонкӣ;

– панҷум, ташкили шарикии қарзии якҷоя дар заминаи як ё якчанд бонки низомсоз бо шарикии давлат дар бахши воқии иқтисодиёт, махсусан соҳаи саноат ташкил карда шавад.

Илова бар ин, бояд иброз намуд, ки таъмини муҳити ҳамоҳангии ниҳодҳои молиявӣ ва сохторҳои марбут ба саноати сабук ҳадафи асосии рисолаи илмии мо буда, дар ин масъала як қатор нишондиҳандаҳое, ки рушди ҷонибҳоро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамояд, мавриди таҳлил қарор додаем ва ҷанбаҳои муҳими дигари онро дар қисматҳои дигари рисола таҳқиқ мекунем.

## 2.2. Таҳлил ва арзёбии мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз соли 1991 инҷониб, пас аз гузариш аз амсилаи иқтисодии ба банақшагирӣ асосёфта ба амсилаи бозорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста барои рушди соҳаҳои бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла бахши

воқеӣ, шароити институтсионалӣ ва иқтисодии муносибро фароҳам овардааст. Дар шароити табдили иқтисодӣ, ба истеҳсолоти саноатӣ ҳамчун асоси таҷдиди сохтори иқтисодӣ, васеъ кардани бозори дохилӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридот аҳамияти махсус дода мешавад. Бо мурури афзоиши шумораи субъектҳои иқтисодӣ ва таҳкими талаботи бозор ба молҳои саноатӣ, давлат ба истеҳсоли молҳои ниёзи аввал тамаркуз карда, ки ин на танҳо ҳамчун воситаи иқтисодӣ, балки ҳамчун воситаи стратегӣ барои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, амнияти озуқаворию иқтисодӣ, инчунин, саноатикунонии босуръати кишвар баррасӣ карда мешавад.

Дар чунин шароит, низоми дастгирии молиявии истеҳсолоти саноатӣ, пеш аз ҳама қарздиҳии бонкӣ, ки ҳамчун сарчашмаи асосии маблағҳои қарзӣ барои корхонаҳои бахши воқеӣ хизмат мекунад, махсусан муҳим аст. Барои корхонаҳои саноати сабук, ки бо сатҳи баланди фарогирии меҳнат, сатҳи нисбатан пасти фарогирии сармоя ва гардиши босуръати сармоя тавсиф мешаванд, дастрасӣ ба қарз барои густариши иқтидори истеҳсолӣ, навсозии таҷҳизот ва татбиқи технологияҳои муосир хеле муҳим аст. Бо вуҷуди ин, таҳияи механизми самараноки қарздиҳии бонкӣ барои ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳои низом рӯ ба рӯ аст, ки аз вазъи бахши бонкӣ ва хусусиятҳои фаъолияти худи корхонаҳои саноатӣ бармеоянд.

Бояд қайд кард, ки дар давраи пас аз ислоҳот, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити маҳдуд будани пойгоҳи захиравӣ, арзиши баланди воситаҳои қарзӣ ва хавфҳои зиёд рушд кардааст. Ин боис гардид, ки бонкҳои тиҷоратӣ асосан ба амалиёти кӯтоҳмуҳлат ва камхавф тамаркуз кунанд, дар ҳоле ки қарздиҳӣ ба корхонаҳои саноати сабук захираҳои молиявии миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, инчунин, шартҳои чандири хизматрасонии қарзро талаб мекунад. Дар натиҷа, қисми назарраси корхонаҳои саноати сабук бо норасоии музмини маблағгузории қарзии дастрас рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ба фаъолияти сармоягузории онҳо халал мерасонад ва рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ коҳиш медиҳад.

Омили дигаре, ки рушди қарздиҳии бонкиро ба саноати сабук мушкил мекунад, набудани устувории молиявӣ ва шаффофияти маҳдуди бисёре аз субъектҳои хоҷагидории ин соҳа мебошад. Сармоягузории паст, низоми суст рушдёфтаи баҳисобгирии молиявӣ, пойгоҳи заифи гарав ва вобастагии баланд аз ноустувории талабот сатҳи дарки хавфҳои қарзиро барои бонкҳо зиёд мекунад. Ин боиси сахттар шудани шартҳои қарздиҳӣ, баланд шудани меъёрҳои фоизӣ ва коҳиши ҳаҷми қарзҳои додашаванда мегардад, ки махсусан барои корхонаҳои хурд ва миёнаи саноати сабук ҳассос аст.

Дар баробари ин, рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти назаррасеро барои воридотивазкунӣ ва густариши истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар дохили мамлакат фароҳам меорад. Корхонаҳое, ки бевосита ба истеҳсоли молҳои саноатӣ машғуланд, қодиранд маҳсулоти воридотиро, ки на ҳамеша ба талаботи экологӣ ва сифат ҷавобгӯ мебошанд, ба таври назаррас иваз кунанд. Ғайр аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити мусоиди табиию иқлимӣ, қувваи кории назаррас, иқтидори рушди иқтисоди «сабз» ва рақамӣ, инчунин ва имконияти таъсиси шабакаи корхонаҳои саноатии хурд ва миёна мебошад, ки ҳамаи ин заминаҳои заруриро барои афзоиши қарздиҳии бонкӣ ба ин соҳа фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва арзёбии мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки робитаҳои байни шароити макроиқтисодӣ, хусусиятҳои институтсионалии низоми бонкӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаҳои ин соҳаро ба назар мегирад. Муайян кардани маҳдудияти асосӣ ва номутавозинӣ дар механизми қарздиҳӣ имкон медиҳад, ки самтҳои такмили пешниҳоди воситаҳои қарзиро ба саноати сабук асоснок карда, тавсияҳои амалиро барои тавсеаи дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ барои корхонаҳои соҳа таҳия карда шаванд.

Дар сатҳи имконияти мавҷудаи соҳавӣ ва дастгириҳои бевоситаи ҳаматарафа ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт, соҳаи саноат дар таҳкими минбаъдаи рушди дигар соҳаҳои иқтисодӣ бо роҳи дастрасӣ ба захираҳои

арзони молиявию қарзӣ ва сармоягузорӣ метавонад мавқеи ҳалкунанда дошта бошад. Дар ҳамин замина, ки онро ҳамчун омили асосии рушд арзёбӣ намудан мумкин аст, ин ғайридавлатикунонии моликият буда, он як қатор таҳаввулоти навро ба миён овард, ки дар онҳо молиякунонӣ ва бо захираҳои пулию қарзӣ таъмин намудани бахши воқеии иқтисодиёт бисёр зарур буд.

Ҷиҳати тақвияти рушди соҳа ва дастгирии пайвастаи он бо зерсохторҳои алоҳида ва алоқаманд хусусияти институтсионалӣ дошта, дар он нақши санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунанда асосӣ мебошад. Ҳамкориҳои Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироии рушди бахши воқеии иқтисодиёт бо бахши институтсионалии равандҳои қарзӣ ҳамеша зич буда, он пайваста дар маркази диққати роҳбарияти олии мамлакат, қарор дорад. Бар замми ин, дар самти таъминоти маблағгузории қарзӣ ба соҳаҳо, ворид кардани чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва тақвияти минбаъдаи он, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҷдиди қарзҳои мушкилситони корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ мусоидат кард ва якчанд қарор низ қабул намуд. Аз ҷумла, мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 1997, №124 «Дар бораи реструктуризатсияи қарзҳои корхонаҳо ва ташкилоҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи кредитҳои бонкҳо», қарзҳои пештар ба хоҷагиҳои воқеъ дар ноҳияҳои кӯҳистон додашуда ва фоизҳои онҳо ба қарз дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуданд, ки то андозае сандуқи қарзии бонкҳоро беҳтар намуд [6]. Вобаста ба зарурати қонунӣ ва дастгирии ҳаматарафаи соҳа, муҳимияти ин масъаларо дар сатҳи ислоҳоти бонкӣ муҳаққиқи тоҷик С. Қурбонов низ мавриди таҳқиқ қарор додааст [115, с. 47-59].

Масъалаҳои табдили бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун тарзи таҳаввулоти ташаккули бозори молиявӣ дар монографияи Б.М. Шарифзода (Б.М. Шарипов) баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки «Рушди иқтидори бахши бонкӣ дар бозори молиявӣ асосан ташаккули онро ҳамчун як низоми бахшҳои ҳамгиро ва таъмини иқтисодиётро бо захираҳои молиявии

дохилӣ ва берунӣ барои рушди пӯёни он муайян мекунад. ... Таъсиси пойгоҳи муосир ва муносиби танзимкунанда дар шакли бастаи қонунҳо, дастурҳо, низомномаҳо ва нишондодҳои методӣ барои фаъолияти пурра ва самараноки бонкҳо ба тӯл кашид. Ин аз бисёр омилҳо, аз ҷумла набудани таҷриба ва таҳаввулоти назариявии дахлдор дар иқтисоди ватанӣ, набудани кадрҳои муосири бонкӣ ва ғайра вобаста буд» [76, с. 142-146].

Б.М. Шарифзода дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки «Таҳлил ва арзёбии дастрасии маблағгузории қарзӣ барои бахши воқеӣ дар заминаи ташаккул ва рушди бозори молиявӣ ҳамчун як низоми бахшҳои ба ҳам алоқаманд муҳим аст. ... нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодӣ дар мамлакат ҷалби маблағгузории иловагиро барои рушди бахши воқеӣ тавассути захираҳои бозори молиявӣ, бахусус тавассути беҳтар кардани дастрасӣ ба қарздиҳии бонкӣ, талаб мекунад» [76, с. 219].

Дастгирии соҳаи саноат ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ қарор дошта, роҳбарияти давлат ба рушди ин соҳа аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Қайд кардан зарур аст, ки агар дар марҳилаи аввали дастгирии бахшҳои алоҳидаи саноат баъзе мушкилот ба назар мерасид, дар марҳилаҳои дигар рушди саноат ҳам барои рушди захираҳои пулии бонкҳо ва ҳам барои ғанӣ гардонидани бозори маҳсулоти ниёзи мардум ва беҳтаргардонии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Ташкили раванди коркарди истеҳсоли маҳсулотҳои саноати сабук ва истеҳсолоти дигари бахшҳои саноат, ки барои мамлакат зарур аст ва дар доираи табдили онҳо ба маҳсулоти тайёр муҳим ва зарур буда, ташкили муҳити ҳамгироии истеҳсолот байни соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ шарти асосӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити гузариш ба равандҳои нави иқтисодӣ бунёди корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ аз истеҳсоли ашёи хом то маҳсулоти тайёр бояд шарти асосӣ ва зарурӣ маҳсуб ёфта, фароҳам овардани шароити рушд бояд ҳамчун ҳадафи асосӣ дар назди субъектҳои соҳибкорӣ,

давлат ва дигар сохторҳои молиявию ғайримолиявӣ бошад. Бинобар ин, мо чунин меҳисобем, ки фароҳам овардани шароити ба рушд нигаронидашуда бояд ҳадафи асосӣ бошад ва ба он пайваста аҳамияти доимӣ дода шавад.

Аммо, дар шароити имрӯза, масъалаи норасоии захираҳои пулӣ дар сохторҳои алоҳидаи саноат ва истеҳсолот, ҳамеша масъалаи баҳснок ва зери назорат қарор дорад, ки ин масъала бояд дар доираи имконияти захиравии низоми бонкӣ ҳаллӣ худро пайдо намояд.

Тамоюлҳои тағйирёбандаи ҷаҳони муосир тақозо менамоянд, ки мустақилияти истеҳсолии ҳар як мамлакати алоҳида дар сатҳи зарурӣ таъмин гардида, вобастагии он аз молҳои воридотӣ то як андоза коҳиш дода шавад. Мусаллам аст, ки зарурати воридшавии муваффақ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва кам кардани таъсири манфии ин равандҳои печида ва манфӣ ба иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии аҳолӣ тақозо дорад, ки сиёсати иқтисодии мамлакат, аз ҷумла сиёсат дар соҳаи саноат самаранок роҳандозӣ шуда, сохтори иқтисодиёт ва фаъолияти соҳаҳои он дуруст ва дар асоси имконияти мавҷудаи миллӣ ва минтақавӣ рушд дода шаванд.

Дар чунин шароит, қарздиҳии бонкӣ воситаи асосии рушди иқтидори истеҳсолии саноати сабук мебошад, аммо нақши воқеии он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд боқӣ мемонад. Ин ҳам аз сабаби сармоягузории нокифояи низоми бонкӣ ва ҳам аз сабаби ҳассосияти баланди бонкҳо ба хавфҳои макроиқтисодӣ ва соҳавӣ мебошад. Дар натиҷа, қисми назарраси захираҳои қарзӣ ба бахшҳое равона карда мешавад, ки гардиши сармояи онҳо тезтар аст, дар ҳоле ки корхонаҳои саноати сабук бо норасоии маблағгузории дастрас ва дарозмуҳлат рӯ ба рӯ мешаванд.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ дар сохторҳои саноатӣ ва истеҳсолӣ аз сабаби номувофиқатии байни нишондиҳандаҳои қарздиҳии бонкӣ ва талаботи воқеии корхонаҳои саноати сабук шадидтар мешавад. Хароҷоти баланд, муҳлатҳои кӯтоҳи қарз ва талаботи қатъии гарав фаъолияти сармоягузориро коҳиш дода, имкониятро барои навсозии истеҳсолот маҳдуд мекунанд. Ин махсусан барои корхонаҳое,

ки ба даври пурраи истеҳсолот – аз коркарди ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёр тамаркуз мекунанд, мубрам буда, сармоягузории аввалии назаррас ва муҳлати тӯлонии боздеҳии маблағҳои қарзро талаб мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омили муҳими ба самаранокии қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабук таъсиррасон, – ин сатҳи нокифояи ҳамоҳангии сиёсати давлатии қарзӣ ва молиявию саноатӣ мебошад. Набудани механизмҳои устувори дастгирии давлатӣ ва тақсими хавфҳои қарзӣ байни бонкҳо ва бахши давлатӣ ангезаи бонкҳоро барои иштироки фаъол дар маблағгузории соҳа маҳдуд мекунад. Дар натиҷа, қарздиҳӣ пароканда буда, заминаи устувори молиявиро барои рушди дарозмуҳлати саноати сабук бунёд карда наметавонад.

Гузашта аз ин, дар мамлакат маҳдудияти институтсионалӣ, сатҳи пасти шаффофияти молиявии фаъолияти корхонаҳо, сифати пасти банақшагирии тиҷорат ва истифодаи нокифояи воситаҳои муосири молиявӣ ба назар мерасад. Ин ҳолатҳо нобаробарии иттилоотро байни бонкҳо ва қарзгирандагон шадидтар карда, натиҷаи арзёбии хавфҳои қарзиро баланд мебардоранд, ки ин ба ташаккули шартҳои пешниҳоди қарз таъсири манфӣ мерасонад ва дастрасии маблағгузориро барои корхонаҳои саноати сабук коҳиш медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мураккаб буда, аз таъсири муштараки омилҳои макроиқтисодӣ, институтсионалӣ ва соҳавӣ ба вуҷуд меоянд. Бартараф кардани ин мушкилот ба равиши муназзам асос ёфтааст, ки дар ҳамоҳангсозии ҳадафҳои сиёсати саноатӣ ва бонкӣ, таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва мутобиқсозии воситаҳои қарзӣ ба хусусиятҳои соҳа ифода меёбад. Ин нақши қарздиҳии бонкиро дар таъмини рушди устувори саноати сабук боз ҳам баланд мебардорад.

Сатҳи самараноки рушди соҳаи саноати сабук дар шароити имрӯза, пеш аз ҳама аз таъмини мустақилияти фаъолияти ташкилӣ, пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ ва маблағгузорию сармоягузорӣ имконпазир аст. Дар айни замон, таъмини соҳаҳои алоҳидаи саноатро, махсусан бахши саноати сабукро бо

воситаҳои қарзӣ ва сармоя метавон аз ҳисоби низоми бонкӣ ва сармоягузорони хориҷӣ таъмин кард. Вобаста ба ҳамаи мушаххасотҳои иқтидори бозсозӣ ва бозофарии воситаҳои қарзӣ, дастрасӣ ба онро яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва бунёди ҷойҳои нави корӣ зарур мешуморанд.

Воқеан, дар сохтори гузариш ба шаклҳои нави тиҷорат ва истеҳсолоти босамар тақозо карда мешавад, ки ҳамаи мушкилоти ҷузъие, ки асоси рушди соҳаро ташкил медиҳанд, бояд бартараф карда шаванд, аз қабили: норасоии захираҳои қарзӣ, захираҳои истеҳсолӣ, қувваи корӣ, технологияҳои ҳозиразамон ва ғайра. Аз ҷониби дигар, назорати истифодаи самаранокии воситаҳои қарзӣ бар дӯши бонкҳо дучанд мегардад ва онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба ҷараёнҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи саноат ҳамроҳ шаванд, зеро баъди гузаштан аз амсилаи кишоварзию саноатии рушди иқтисодиёт ба низоми саноатию кишоварзӣ зарурати маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ба соҳаи саноати сабук ба миён омада, таъмини равандҳои истеҳсолии саноати сабук бо захираҳои пулӣ шарти асосӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки қарздиҳӣ ба соҳаҳои гуногуни саноат дар бахши истеҳсолот, яке аз механизмҳои асосие маҳсуб меёбад, ки он бояд аз ҷониби низоми бонкӣ амалӣ гардад. Таҳлилҳо дар солҳои охир нишон доданд, ки пешравии ин ё он бахши воқеии иқтисодиётро бе дасгирии воситаҳои қарзии низоми бонкӣ тасаввур кардан мушкил аст. Тамоюлҳои боло гирифтанаи қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт нишон медиҳанд, ки дар давоми чанд соли охир ҳиссаи қарздиҳӣ ба соҳаи саноат назаррас гардида истодааст. Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 2.4 мушоҳида мегардад, дар баробари дигар соҳаҳои муҳими ҷамъиятӣ, қарздиҳӣ ба ин соҳа дар ҳоли зиёдшавӣ мебошад.

Вобаста ба маълумотҳои овардашуда ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки бинобар босамар гардидани фаъолияти соҳаи саноат таваҷҷуҳ ба қарздиҳии соҳа дар ҳоли болоравӣ қарор дошта, ин тамоюл метавонад дар солҳои оянда ба маротиб афзоиш ёфта, як рақобати комили қарзиҳиро дар соҳа ба миён оварад. Чунин тамоюл хусусияти дутарафаи соҳавӣ дошта, сабаби он аз як

тараф рушди бомароми соҳаи саноат ва аз дигар тараф зиёд гардидани иқтидори қарзии низоми бонкӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти олии мамлакат ба бахши воқеии иқтисодиёт мебошад.

**Ҷадвали 2.4. – Қарзҳои додашуда ва пардохтшудаи низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2014-2023, (ҳаз. сомонӣ)**

| Солҳо | Қарзҳои додашуда, ҳамагӣ | Саноат | Кишоварзӣ | Хизматрасонӣ | Истеъмолот |
|---|---|---|---|---|---|
| **2014** | 8 443,7 | 1 072,8 | 1 023,6 | 339,7 | 1 243,0 |
| **2015** | 7 360,5 | 2 112,5 | 611,5 | 205,7 | 859,6 |
| **2016** | 4 373,5 | 1 551,5 | 474,3 | 194,0 | 615,5 |
| **2017** | 5 038,0 | 2 373,0 | 329,2 | 330,9 | 702,9 |
| **2018** | 4 646,4 | 893,3 | 403,6 | 337,9 | 952,9 |
| **2019** | 6 095,8 | 167,6 | 417,6 | 744,4 | 1 189,7 |
| **2020** | 687 363 | 209 263 | 72 935 | 100 131 | 305 034 |
| **2021** | 808 476,1 | 97 762,1 | 83 301,9 | 141 464,9 | 485 947,2 |
| **2022** | 779 285,8 | 92 304,5 | 84 742,3 | 46 249,2 | 555 989,8 |
| **2023** | 982 778,7 | 171 260,2 | 113 305,5 | 67 582,2 | 630 630,8 |
| **2023 нисбат ба соли 2014, бо %, мар.** | **116,3 мар.** | **159,6 мар.** | **110,6 мар.** | **198,9 мар.** | **507,3 мар.** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Новобаста аз оне, ки таваҷҷуҳи ҳукумати мамлакат ва роҳбарияти олии он ба рушди соҳаи саноат зиёд гардидааст, аз дигар тараф, саривақт бозпасгардониии қарзҳо омили дигаре мебошад, ки ҳавасмандии низоми бонкӣ барои қарздиҳӣ ба соҳаи саноат зиёд гаштааст. Аз ҳамин хотир, нишондиҳандаҳои марбут ба соҳа низ дар чанд соли охир болоравии чашмрасро касб намудаанд. Тибқи маълумотҳои таҳлилгардида дар соли 2014 агар ин нишондиҳанда 8443,7 ҳаз. сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2023 ба 982 778,7 ҳаз. сомонӣ баробар гардида, таносубан бо соли таҳлилшаванда 116,3 маротиба афзоиш ёфт. Қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда дар соли 2014 ба 1023,6 ҳаз. сомонӣ баробар шуда, дар соли 2023 он маблағи 113 305,5 ҳаз. сомониро ташкил дод ва ё 110,6 маротиба зиёд гардид.

Қарзҳои додашуда ва пардохтшуда дар ин давра, дар бахши хизматрасонӣ 198,9 маротиба ва истеъмолӣ 507,3 маротиба афзоиш ёфтанд.

Боиси қайд аст, ки имрӯз, ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои рушди саноат ва дигар соҳаҳои ба он ёрирасон, пеш аз ҳама додани имконияти қарздиҳӣ ба онҳо мебошад. Сарчашмаҳо ба он далолат доранд, ки Ҳукумати мамлакат дар се соли охир, дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ кардааст. Воқеан, соҳаҳои аҳамияти ҷамъиятидошта бевосита зарурат ба имтиёз доранд, ки яке аз онҳо ин қарздиҳӣ ба соҳаҳои зикргардида, махусусан ба соҳаи саноати сабук мебошад.

Дар солҳои охир, қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки ин тамоюл аз тарафи низоми бонкӣ, махсусан баъд аз соли 2021 дар ҳоли зиёдшавӣ қарор гирифт (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5. – Нишондиҳандаҳои рушди қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2010-2023, (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Соҳаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамаи қарзҳо | Саноат | Кишоварзӣ | Сохтмон | Хизматрасонӣ | Истеъмолот |
| **2010** | 3 291,9 | 723,9 | 564,7 | 390,1 | 162,4 | 292,5 |
| **2011** | 4 167,4 | 803,6 | 945,5 | 490,7 | 181,1 | 324,8 |
| **2012** | 4 486,2 | 828,7 | 777,0 | 502,1 | 203,1 | 512,1 |
| **2013** | 6 155,3 | 1 254,1 | 931,7 | 688,3 | 2046,1 | 694,9 |
| **2014** | 7 888,9 | 1 502,5 | 945,0 | 847,4 | 243,6 | 872,6 |
| **2015** | 9 350,0 | 2 254,5 | 1 003,0 | 1 241,6 | 206,0 | 853,4 |
| **2016** | 8 230,1 | 2 424,7 | 1 036,7 | 1 037,0 | 251,4 | 846,0 |
| **2017** | 6 913,0 | 2 613,4 | 832,3 | 639,6 | 220,5 | 795,3 |
| **2018** | 6 700,7 | 2 529,9 | 770,7 | 529,8 | 233,4 | 863,1 |
| **2019** | 7 664,6 | 670,6 | 154,2 | 350,2 | 574,9 | 1 023,6 |
| **2020** | 8 903,6 | 299,6 | 896,7 | 476,8 | 596,8 | 1 120,6 |
| **2021** | 13 682,2 | 1 410,9 | 2 104,1 | 5 330,6 | 1 794,3 | 4 850,9 |
| **2022** | 14 382,1 | 1 478,5 | 2 433,9 | 527,0 | 1 463,8 | 5 603,0 |
| **2023** | 18 991,1 | 2 678,6 | 2 734,4 | 726,0 | 1 350,7 | 8 189,5 |
| **2023/2010, бо %, мар.** | 5,7 мар. | 3,7 мар. | 4,8 мар. | 1,8 мар. | 8,3 мар. | 27,9 мар. |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Қайд кардан бо маврид аст, ки қарздиҳии соҳаи саноат дар шароити имрӯза, имконият медиҳад, ки соҳаи мазкур ва дигар бахшҳои ба он вобаста, ба мисли саноати сабук ба таври назаррас рушд намоянд, зеро дар сурати рушди соҳаи саноат имконияти нигоҳубини маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, коркард ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашёи хоми таъиноти гуногундошта, коркарди маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва як қатор масъалаҳои дигар дар пояи соҳаи саноат рушд меёбанд. Аз ҳамин лиҳоз, бо талошу дастгирии бахши воқии иқтисодиёти мамлакат аз ҷониби ҳукумат таваҷҷуҳ ва дастгирии соҳаҳои муҳим зиёд гардидааст. Илова бар ин, дар сатҳи низоми бонкӣ, қарздиҳии соҳаи саноат дар солҳои охир тамоюли болоравиро касб намудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъд аз соли 2010 тамоюли қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноати ҷумҳурӣ ва бахшҳои алоҳидаи он зиёд гардид. Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ агар дар соли 2010 маблағи 3 291,9 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондод дар соли 2023 ба 18 991,1 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки дар қиёс ба соли таҳлилшаванда 5,7 маротиба зиёд гардид.

Дар бахши саноат, агар қарзҳо дар соли 2010 ҳамагӣ маблағи 723,9 млн. сомониро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 2 678,6 млн. сомонӣ расида, дар тафовут ба соли 2010 ба андозаи 3,7 маротиба зиёд гардид. Ҳамин нишондод дар соҳаи кишоварзӣ 4,8 маротиба, сохтмон 1,8 маротиба, хизматрасонӣ 8,3 маротиба ва истеъмолот бошад 27,9 маротиба афзоиш ёфт. Агар чанде, ки қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар муқоиса ба соли пойгоҳии (базавии) таҳлилшаванда 3,7 маротиба афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо ин нишондиҳанда ҳоло ҳам қаноатмандкунанда ба ҳисоб намеравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар маҷмуи худи соҳа агар тамоюли зиёдшавӣ дошта бошад, пас ин нишондиҳанда дар муқоисаи ҳиссавӣ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ майли коҳишёбӣ дорад (диаграммаи 2.4).

Саноат ҳамчун бахши афзалиятнок ва калидии иқтисодиёти давлат ҳамеша дар зери таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумати мамлакат ва вобаста ба самти

афзалиятнок ва фоидаовар буданаш дар таваҷҷуҳи низоми бонкии мамлакат қарор дошта, ба рушди он ҳамавақт аҳамияти авалиндараҷа дода мешавад.

**Диаграммаи 2.4. – Ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи саноат додашуда дар маҷмуи умумии сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2023, (бо %)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Вобаста ба татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, дар сатҳи лозима фароҳам овардани инфрасохтори дахлдор ҷиҳати рушди соҳаи саноати сабук ва ислоҳоти фарогир дар ин соҳа такмили маблағгузорӣ, сармоягузорӣ ва қарздиҳии низоми бонкӣ бисёр муҳим мебошад. Тибқи маълумоти мавҷуда, ки дар диаграммаи 2.4 тасвир шудааст, қарзҳои низоми бонкӣ агар дар соли 2014 ҳамагӣ 12,7%-и сандуқи қарзии низоми бонкиро ташкил намояд, он дар соли 2016 ба 35,4% ва дар соли 2017 ба 47,1% баробар гаардид, ки ин нишондиҳанда дар соҳаи мазкур аз ҳама баландтарин ҳисоб меёбад. Лекин, бо таъсири як зумра омилҳо, аз ҷумла осебпазир гардидани низоми бонкӣ ва таъсири як қатор омилҳои дигар ин саҳм дар маҷмуи умумии сандуқи қарзии низоми бонкӣ, майли коҳишёбиро касб намуда, мутаносибан баъд аз соли 2018 рӯ ба пастравӣ овард, ки ин нишондиҳанда аз 47,1%-и соли 2017 ба 13,7% дар соли 2023 баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи -33,4 б.ф. кам гардидааст. Аммо, ҳиссаи қарзҳо навобаста аз он, ки дар давраи таҳлилӣ тамоюли пасту баландшавӣ дорад, он дар соли 2023 нисбат ба соли 2014 дар

сатҳи 1,0% афзун гардидааст. Дар самти қарздиҳии бахши воқеӣ, бехатарии бозпасгардонии қарзҳо низ шарти асосӣ буда, ба ин самт дар ҳама ҳолат аҳамияти аввалиндарача дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки низоми бонкӣ дар ҳама марҳилаҳои рушди фаъолияти худ кӯшиш менамояд, ки ба коҳиши шиддати хавфҳои худ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин самт пайваста корбарӣ кунад ва бозпасгардии қарзҳоро зери назорати доимии худ қарор медиҳад. Он ба коҳиш додани хавфҳои қарзӣ афзалият медиҳад, вазъи молиявии қарзгирандагонро пайваста пайгирӣ ва равандҳои пардохти қарзро назорат мекунад. Аммо, ин тамаркуз ба кам кардани хавфҳо, бо назардошти набудани гуногунрангии иқтисодӣ ва воситаҳои маҳдуди суғуртаи хавфҳои қарзӣ, боиси талаботи сахттар барои тиҷорат дар бахши воқеӣ, аз ҷумла дар соҳаи саноати сабук шудааст.

Паҳншавии равиши консервативӣ (кӯҳнапарастӣ) ҷиҳати пешниҳоди воситаҳои қарзӣ боиси кам шудани шумораи қарзгирандагони имконпазир, ки метавонанд ба талаботи бонкҳо оид ба устувории молиявӣ, амнияти гарав ва шаффофияти ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ бошанд, гардид. Барои корхонаҳои саноати сабук, ки қисми назарраси онҳоро корхонаҳои хурд ва миёна ташкил медиҳанд, ин ба дастрасии маҳдуд ба захираҳои бонкӣ, бахусус барои қарзҳои сармоягузории дарозмуҳлат, ки барои навсозии технологӣ ва васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ заруранд, табдил меёбад.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки амалияҳои имрӯзаи идоракунии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои саноати сабук, аз ҷумла даври истеҳсолӣ, мавсимии талабот ва сохтори хароҷотро ба таври кофӣ ба назар намегиранд. Набудани маҳсулоти қарзии мутобиқшуда ва механизмҳои тақсими хавф байни бонкҳо, давлат ва қарзгирандагон самаранокии қарздиҳии бонкиро ҳамчун воситаи рушди соҳа коҳиш медиҳад ва вазифаи ҳавасмандгардонии онро маҳдуд месозад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук, ки дар ин зербоби таҳқиқот муайян шудаанд, хусусияти муназзам доранд ва ҳам аз маҳдудияти дохилии низоми бонкӣ ва ҳам аз хусусиятҳои

институтсионалии рушди соҳа маншаъ мегиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи зербоби мазкур зарурати гузариш аз амсилаи қарздиҳии асосан ба хавф нигаронидашуда ба равиши мутавозинтарро, ки таъмини устувории молиявии бонкҳоро бо ҳадафҳои рушди саноат ҳамгиро мекунад, тасдиқ мекунанд. Ин мавқеъ, зарурати таҳияи стратегияҳои беҳтарсозии қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабукро асоснок мекунад, ки дар боби сеюми таҳқиқот муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки барои татбиқи амалии ҳадафҳои дар Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 овардашуда, ки якчанд вазифаҳои калидиро барои рушди ҳаматрафаи соҳа муайян менамояд, корҳои назаррасеро дар ин самт анҷом додан муҳим ба ҳисоб меравад [11]. Дар ин раванд, вазифаи асоси таъмини рушди устувор танҳо тавассути диверсификатсия ва афзоиши рақобатпазирии иқтисоди миллӣ имконпазир аст. Иҷрои бобарори ин вазифа асосан аз ҳисоби соҳаи саноат ва афзоиши саҳми он дар таркиби ММД вобастагӣ дорад.

Барои ривоҷи мунтазами соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз ҳама имконияти озоди иқтисодӣ муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи ин дастгирии молиявӣ, дастрасии сода ба захираҳои молиявӣ, доштани шарикони доимии стратегӣ, имконияти ҳамлу нақли беталафи молҳои истеҳсолшуда ва талаботу сифат аз масъалаҳое мебошанд, ки бидуни ягон шубҳа рушди саноати миллиро дар сатҳи мамлакат афзоиш медиҳанд ва дар заминаи он як қатор масъалаҳои дигари меҳвариро ба вуҷуд меоранд. Аз инҷост, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба муҳимияти соҳаи саноати мамлакат зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси олии мамлакат қайд менамоянд, ки «... Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии мамлакат қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад» [9].

Илова бар ин, ҷиҳати расидан ба ин мақсадҳо ва ҳадафҳои дигари ба ин вобаста дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат, андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

– фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати бунёди корхонаҳои хурди сноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикиситон;

– андешидани чораҳои зарурӣ дар самти ҳавасмангардонии бахши институтсионалии қарздиҳӣ ба соҳаи саноат бо роҳи ҷалби диққати давлат ба ин самт;

– зиёд намудани қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи саноат аз ҳисоби захираҳои арзон ва дарозмуҳлати қарзӣ;

– додани кафолатҳои давлатӣ ба соҳаи саноат ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ;

– додани имконият ба истеҳсолкунандагони молҳои саноатӣ ҷиҳати баромадан ба бозорӣ рақобатнок;

– афзоиш додани сатҳи сармоягузориҳои давлатӣ ба соҳаи саноат ва бо ин восита иштирок намудан дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ;

– назорат аз рӯйи истеҳсолкунандагони субъектҳои соҳаи саноат ва ғ.

## 2.3. Таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук ва ташаккули мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, нақши қарздиҳии бонкӣ аз доираи воситаҳои комилан молиявӣ берун баромада, ҳамчун омили табдили сохтории саноатӣ аҳамияти муназзам пайдо мекунад. Самт ва миқёси ҷараёнҳои қарзӣ бевосита ба пӯёи рушди саноат, тақсимоти захираҳо дар байни соҳаҳои иқтисодӣ ва ташаккули афзалиятҳои сиёсати саноатии давлат таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки саноати сабук, ки яке аз соҳаҳои аз ҳама меҳнатталаб ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст, ба таври назаррас аз сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ, пеш аз ҳама аз қарзҳои бонкӣ вобаста аст. Захираҳои молиявии маҳдуди корхонаҳои соҳа фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузории онҳоро ба шароити қарздиҳӣ хеле ҳассос мегардонанд ва низоми бонкиро ба омили муҳиме табдил медиҳанд, ки ба суръати афзоиш, навсозӣ ва рақобатпазирии саноати сабук таъсир мерасонад.

Ҳамзамон, таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук ғайримустақим буда, тавассути тағйирот дар ҳаҷми истеҳсолот, васеъ шудани доираи маҳсулот, афзоиши шуғл ва зиёдшавии саҳми соҳа дар маҳсулоти саноатии кишвар зоҳир мешавад. Ин нишондиҳандаҳо на танҳо нишондиҳандаҳои миқдории рушди саноати сабук, балки тағйироти сохтории сифатии онро низ, ки бо дастрасӣ ва самаранокии захираҳои қарзӣ ташаккул меёбанд, инъикос мекунанд.

Дар ин замина, таҳлили мавқеи саноати сабук дар сохтори умумии истеҳсолоти саноатӣ махсусан муҳим аст, зеро тағйироти сохторӣ имкон медиҳанд, ки самаранокии воқеии қарздиҳии бонкӣ ҳамчун воситаи рушди соҳавӣ арзёбӣ карда шавад. Афзоиш ё коҳиши саҳми саноати сабук дар комплекси саноатии мамлакат дараҷаи мутобиқшавии онро ба шароити бозор ва самаранокии дастгирии молиявию қарзӣ аз ҷониби низоми бонкӣ нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, таҳлили хусусиятҳои рушди саноати сабук ва саҳми он дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ бо дастгирии қарзии низоми бонкӣ аз ҷиҳати методологӣ дуруст ва зарурӣ ба назар мерасад. Ин равиш имкон медиҳад, ки робитаҳои устувор байни пӯёи қарздиҳии бонкӣ ва тағйироти сохторӣ дар саноат ошкор карда шуда, ҳамзамон, дараҷаи таъсири захираҳои қарзӣ ба ташаккули афзалиятҳои соҳа муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, барои арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук, мақбул аст, ки ба таҳлили нишондиҳандаҳое, ки рушди саноат ва мавқеи онро дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат тавсиф

мекунанд, диққат диҳем. Маҳз ҳамин воситаи таҳлилӣ, ки дар ин зербоби таҳқиқот истифода мешавад, ба мо имкон медиҳад, ки нақши низоми бонкиро дар ташаккули шароит барои рушди устувори саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври асоснок арзёбӣ кунем.

Мусаллам аст, ки рушди иқтисоди миллии ҳар як мамлакат аз тараққиёти соҳаи саноати он вобастагии калон дошта, соҳаи мазкур яке аз муҳимтарин бахши иқтисодиёти ҳар як мамлакати алоҳида ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мамлакати соҳибистиқлолу узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати иқтисодии худро мустақилона таҳия ва татбиқ намуда истодааст, ки яке аз самтҳои муҳими татбиқи сиёсати иқтисодии мамлакат ин ривоҷ додани соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он муқаррар гаштааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи саноат таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуд ва бо гузашти давраҳои муайян, сиёсати давлатиро дар самти рушди соҳаи саноат тағйир дода истодааст.

Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза собит мекунад, ки мавҷудияти соҳаи саноат метавонад ашёи хому нимтайёрро ба маҳсулоти тайёр табдил дода, барои истеъмол омода намояд ва дар бозори миллӣ ва берун аз он ба фурӯш барорад. Аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда мушоҳида мегардад, ки соҳаи саноат ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёти ҳар як мамлакати алоҳида барои ба ҷойи кори доимӣ ва бо маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолӣ нақши муҳим мебозад.

Қобили қайд аст, ки пас аз ба даси овардании соҳибистиқлолии мамлакат «аввалин маротиба суръати афзоиш дар соҳаи саноат соли 1997 ба 1,0% таъмин гардид, ки ин дар ҳамон давра натиҷаи хело ҳам мусбӣ ба ҳисоб мерафт» [160, с. 6-10].

Бояд тазаккур дод, ки аз ҳисоби истифодаи босамари захираҳои табиӣ, коркарди маҳсулоти хому нимтайёри ватанӣ ва содироти он ба мамлакатҳои хориҷӣ соҳаи саноат ва бахшҳои он ба рушди иқтисоди миллӣ ва даромадҳои иловагӣ ба буҷети давлатӣ замина мегузорад. Барои ба ин мақсадҳо ноил гардидан «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2003 Консепсияи

рушди саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард, ки он асоси рушди соҳаи саноати мамлакат ва инкишофи инноватсионии он гардида истодааст. Натиҷаи амали анҷомдодашуда ба соҳаи саноати мамлакат замина гузошт, ки аз оғози соли 2010-ум болоравии ҳарсолаи соҳаи саноат дар мамлакат мушоҳида гашта истодааст. Ин болоравӣ дар солҳои охир нисбат ба солҳои қаблии соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоби миёна аз андозаи 10,0 то ба андозаи 70,0 фоиз ба мушоҳида расида истодааст» [160, с. 6-10].

Ҳамин тариқ, бо ташабусси бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ дар сатҳи баланд санаи 23-юми апрели соли 2014 дар Паёми солона пешниҳод гардид, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрӣ табдил дода шавад» [8]. Дар ин замина, ҳадафи чоруми миллӣ низ «Саноатикунонии босуръати мамлакат» қабул гардид ва солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шуд. Дастгирию ташаббусҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар самти саноатикунонии мамлакат куллан тағйир ёфта, рӯз аз рӯз таваҷҷуҳ ба ин соҳаи калидӣ меафзояд ва ин соҳа зери таваҷҷуҳи махсуси давлат қарор дорад.

Қобили қайд аст, ки барои рушди соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он, ки соҳаи калидии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад, барномаҳои мухталиф, стратегияҳои давлатӣ таҳия ва дар амал татбиқ гашта истодаанд. «Вобаста ба ин ва бо таваҷҷуҳ ба нақши саноат дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбии рушду инкишофи ин бахши муҳими иқтисодиёт ва омилҳои таъсирбахш бар он аз аҳамияти назаррас бархурдор мебошад» [125, с. 152]. Вобаста ба дастгириҳои пайвастаи соҳа ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки дастгирии пайватаи соҳа метавонад дар давраҳои оянда ба калиди рушди муваффақиятҳои соҳа эътироф гардад.

Нишондиҳандаҳои омории бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати онро медиҳанд, ки ин соҳаи муҳими иқтисодӣ ба таври назаррас сол аз сол тамоюли пасту баландшавиро касб карда истодааст. Тавре, ки аз ҷадвали

2.6 бармеояд, дар шаш соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ 1454 адад (72,7%) афзоиш ёфт. Нишондиҳандаҳои мазкур дар шароити мураккаби иқтисодии ҷаҳони муосир, яке аз нишондиҳандаҳои хуб ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2.6. – Пӯёи нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | Аз ҷумла, саноати сабук, воҳид | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ | Аз ҷумла, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ сабук бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ | Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар | Аз он коргарон, ҳазор нафар | Аз ҷумла, шумораи миёнаи солонаи кормандони соҳаи саноати сабук, ҳазор нафар | Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта |
| 2017 | 1 999 | 409 | 23815 | 2 530 | 86,8 | 73,8 | 15,4 | 121,3 |
| 2018 | 2 161 | 443 | 26339 | 2 680 | 85,6 | 72,1 | 18,0 | 110,6 |
| 2019 | 2 164 | 403 | 29816 | 2 855 | 84,2 | 73,2 | 17,5 | 113,2 |
| 2020 | 2 283 | 435 | 32440 | 3 103 | 84,3 | 67,7 | 18,6 | 108,8 |
| 2021 | 2 397 | 453 | 39187 | 4 341 | 85,3 | 68,3 | 19 | 120,8 |
| 2022 | 2 802 | 496 | 42988 | 5 004 | 86,3 | 71,2 | 18,5 | 109,7 |
| 2023 | 3453 | 545 | 46857 | 4 500 | 87,5 | 72,2 | 17,4 | 109,0 |
| 2023/2017 (бо %) | 72,7 | 33,2 | 96,7 | 77,8 | 1,0 | -2,1 | 12,9 | -12,3 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [24, с. 253]

Маълумоти дар ҷадвали 2.6. овардашуда шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар интиҳои соли 2023 нисбат ба охири соли 2017 ба андозаи 96,7% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 23,8 млрд. сомонии соли 2017 то ба 46,8 млрд. сомонӣ дар соли 2023 расида, 23,0 млрд. сомонӣ зиёд шуд. Дар ин давра, шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ 1,0% зиёд, вале коргарон бошанд -2,1 б.ф. коҳиш ёфт. Шумораи корхонаҳои саноати сабук дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 33,2%, ҳаҷми маҳсулоти соҳа 77,8% ва шумораи кормандон 12,9% бештар гардидааст. Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ, ба ҳисоби фоиз дар соли 2023 нисбат ба соли 2017  дар сатҳи -12,3 б.ф. кам гардид.

Ба андешаи мо, амалӣ кардани чораҳои зарурӣ дар ин самт аз манфиат холӣ нест. Коҳишёбии шумораи кормандонро дар соҳаи саноат ба воридшавии технологияҳои муосири ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалии истеҳсоли

молу маҳсулотҳои соҳаи саноатӣ рабт додан ҳам мумкин аст. Ҳамзамон, хурд будани ҳаҷми корхонаҳои навтаъсиси саноатӣ ва ҷойи кории маҳдуд доштани онҳо низ сабаби дигари коҳишёбии нишондиҳандаи мазкур ба шумор меравад.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳлилӣ дар соҳаҳои асосии саноат дар ҳоли рушди босуръат қарор дорад (ҷадвали 2.7). Рушди бештар дар ҳар гуна соҳаҳои саноат ва истеҳсоли кимиёвӣ мушоҳида мегардад, ки онҳо 5,6 маротиба ва ё мутаносибан 171,0 млн. сомонӣ ва 495,0 млн. сомонӣ афзош ёфтаанд. Дар ҷойи дуюм, мошинсозӣ меистад, ки он 4,4 маротиба ва ё 485,0 млн. сомонӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 зиёд гардид.

**Ҷадвали 2.7. – Пӯёи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар солҳои 2017-2023, (млн. сомонӣ)**

| Соҳа | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | 2023/2017 (бо %, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 298 | 331 | 377 | 429 | 485 | 582 | 578 | 93,9 |
| II | 4 226 | 4 355 | 4 476 | 3 880 | 7 924 | 8 324 | 8 758 | 107 |
| III | 4 304 | 4 900 | 5 399 | 7 089 | 7 608 | 10 383 | 11 621 | 2,7 мар. |
| IV | 2 354 | 2 479 | 2 636 | 2 870 | 4 096 | 4 720 | 4 500 | 91,1 |
| V | 57 | 63 | 71 | 91 | 120 | 137 | 133 | 2,3 мар. |
| VI | 119 | 138 | 148 | 142 | 125 | 147 | 203 | 70,5 |
| VII | 142 | 241 | 260 | 182 | 210 | 272 | 417 | 2,9 мар. |
| VIII | 79 | 105 | 127 | 87 | 123 | 77 | 85 | 7,5 |
| IX | 107 | 147 | 154 | 182 | 268 | 439 | 602 | 5,6 мар. |
| X | 157 | 200 | 265 | 291 | 390 | 524 | 533 | 3,3 мар. |
| XI | 2 091 | 2 298 | 2 593 | 2 713 | 2 856 | 2 924 | 3 122 | 49,3 |
| XII | 2 187 | 2 708 | 3 874 | 4 978 | 5 967 | 6 093 | 6 486 | 2,9 мар. |
| XIII | 142 | 203 | 308 | 291 | 392 | 588 | 627 | 4,4 мар. |
| XIV | 37 | 38 | 117 | 138 | 158 | 193 | 208 | 5,6 мар. |
| XV | 3 729 | 5 688 | 6 808 | 7 527 | 8 107 | 7 622 | 8 984 | 2,4 мар. |

***Эзоҳ:*** I. истихроҷи маводҳои энергетикӣ; II. истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ; III.истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он нӯшокиҳо ва тамоку, IV. истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ; V. истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол; VI. коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб; VII. истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр; VIII. истеҳсоли маҳсулоти нафт; IX. истеҳсоли кимиёвӣ; X. истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ; XI. истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ; XII. истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ; XIII. мошинсозӣ; XIV. ҳар гуна соҳаҳои саноат; XV. истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об.

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [24, с. 14-15]

Маълумоти ҷадвали 2.7 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи таҳлилӣ, яъне дар охири соли 2023 нисбат ба интиҳои соли 2017 истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 3,3 маротиба ва 376 млн. сомонӣ, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 2,9 маротиба ва ё 4,2 млрд. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он нӯшокиҳо ва тамоку 2,7 маротиба ва ё 7,3

млрд. сомонӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 2,3 маротиба ва ё  76 млн. сомонӣ, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 91,1% ва ё 2,1 млрд. сомонӣ, истеҳсолу тақсими нерӯйи барқ, газ ва об 2,4 маротиба ва ё 5,2 млрд. сомонӣ афзуд. Маълум гардид, ки истеҳсоли маҳсулотҳои бахши саноати сабук низ афзалияти бештар дошта, дар давраи таҳлилшаванда дар сатҳи аз 70,5% то 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар соҳаҳои дигар саноат афзоиш мушоҳида гардида, ҳамин тариқ, дар охири соли 2023 нисбат ба интиҳои соли 2017  дар мамлакат истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ  107% ва ё 4,5 млрд. сомонӣ, истихроҷи маводҳои энергетикӣ 93,9% ва ё 280 млн. сомонӣ, истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр  2,9  маротиба ва ё 275 млн. сомонӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ  49,3% ва ё 1,0 млрд. сомонӣ, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб  70,5% ва ё 84 млн. сомонӣ зиёд гардид. Коркарди чӯбу тахта, ки низ ба таркиби саноати сабук дохил мегардад, дар ин давра 84 млн. сомонӣ ва ё 70,5% афзудааст, ки ин нишондиҳандаи назаррас аст. Ҳамзамон, дар ин давра афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нафт мушоҳида мегардад, ки он ба 7,5% ва ё 6 млн. сомонӣ зиёд гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз сабабҳои асосии инкишофи маҳсулоти ин соҳаҳо аз афзоиши талабот ба маҳсулоти ин намуди молу маҳсулотҳо дар бозорӣ дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ бошад, ба талабот вобаста буда, омили асосии он дар бештар коркард шудани бозёфтҳои захираҳои мавҷудаи мамлакат дар соли 2023 мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳамеша ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори ҷаҳонӣ талабот ба маҳсулоти нафтӣ  сол аз сол зиёд шуда истодааст. Аз ин лиҳоз, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ дар шароити муосир ба манфиат буда, коркарди он низ аз манфиат холӣ нест. Ба назари мо, дар самти мазкур андешидани чораҳои зарурӣ дар доираи имконияти ҷойдоштаи мамлакат муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2023 ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноат тибқи ҳисоби пешакии бахши омори мамлакат дар таркиби ММД

16,2%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 ба андозаи -3,7 б.ф. коҳиш ёфт (ҷадвали 2.8). Вале, нишондиҳандаи мазкур дар давоми солҳои таҳлилшаванда тамоюли болоравиро касб дошт. Он агарчи дар соли 2022 дар таркиби ММД-и мамлакат 23,5% буд, вале нисбат ба соли 2021 ба андозаи -0,3 б.ф. кам гардид. Дар соли 2021 бошад, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар таркиби ММД ба 23,8% баробар шуда, нисбат ба соли 2020 ба андозаи 0,7% афзоиш ёфт. Ин нишондод, дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 ба миқдори 1,9% афзун шуда, дар қиёс ба соли 2017 ба андозаи 1,3% зиёд гардид. ҳиссаи соҳаи саноати сабук дар соли 2023 агар 3,4%-ро ташкил намуда бошад, он дар соли 2017 ба 3,8% баробар буд, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 дар ҳаҷми 0,4 б.ф. коҳиш ёфтааст, вале нишондиҳандаи мазкур дар солҳои 2021-2022 ба андозаи 4,2%-и ММД баробар буд. Камшавии ҳиссаи саноати мамлакат ва бахши афзалиятноки он, ба монанди бахши саноати сабук шаҳодати онро медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти дигар соҳаҳо нисбат ба соҳаи саноат дар таркиби ММД дар соли 2023 ҳиссаи бештарро касб намудаанд.

**Ҷадвали 2.8. – Пӯёи ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноати мамлакат ва бахши саноати сабук дар таркиби ММД дар солҳои 2017-2023**

| Нишондиҳанда | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | 2023/2017, (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | 102,9 |
| II | 19,9 | 21,2 | 21,2 | 23,1 | 23,8 | 23,5 | 16,2* | -3,7 б.ф. |
| III | 3,8 | 3,6 | 3,5 | 3,6 | 4,2 | 4,2 | 3,4 | -0,4 б.ф. |

*Эзоҳ:* I. Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ), II. Ҳиссаи саноат дар таркиби ММД, бо ҳисоби фоиз, III. Ҳиссаи саноати сабук дар таркиби ММД, бо ҳисоби фоиз,

* тибқи ҳисоби пешакӣ

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [25, с. 23]

Дар таркиби ММД-и мамлакат ҳамеша соҳаи саноат ва бахшҳои он афзалияти бештар дошта, ба ин соҳа пайваста аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад ва ин таваҷҷуҳ боиси зиёд гардидани саҳми бахши саноат дар таркиби ММД ва рушди он мегардад. Тавре, ки аз маълумоти дар ҷадвали 2.8.

овардашуда мушоҳида мегардад, ҳаҷми ММД-и мамлакат дар соли 2023 ба 130,7 млрд. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2017 ба андозаи 102,9 фоиз ё ба маблағи 66,3 млрд. сомонӣ зиёд гардид.

Дар солҳои охир, дар бахши саноати мамлакат ва бахшҳои он тамоюли зиёдшавии корхонаҳои саноатӣ ба назар расида истодааст, вале шумораи кормандони ин соҳа баракс рӯ ба коҳишёбӣ оварда истодааст. Маълумоти дар давоми солҳои 2017-2023 овардашуда (ҷадвали 2.9) шаҳодати онро медиҳанд, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 шумораи миёнаи солонаи коргарони соҳаҳои саноати мамлакат дар маҷмуъ -2,1 б.ф. ва ё -1,6 ҳаз. нафар кам гардид.

Агар нишондиҳандаи мазкурро аз рӯйи соҳаҳо таҳлил намоем, мушоҳида мегардад, ки шумораи коргарон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 40,4% ва ё 3,4 ҳаз. нафар зиёд гардид. Ин нишондиҳанда дар соҳаи саноати коркард бошад баракс -3,8 б.ф. ва ё -2 ҳаз. нафар коҳиш ёфт. Шумораи коргарони соҳаи истеҳсолу тақсими нерӯйи барқ, об, газ ва гармӣ нисбати дигар соҳаҳои зикргардида, бештар дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ба андозаи -21,2 б.ф. ё -3,0 ҳаз. нафар кам шуданд.

Аз маълумоти ҷадвали 2.9 бармеояд, ки шумораи коргарони соҳаҳои саноати мамлакат танҳо дар бахшҳои алоҳидаи он ба монанди истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 2,5 маротиба ё 1,1 ҳаз. нафар, ҳаргуна соҳаҳои саноат 2,6 маротиба ё 800 нафар, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм 40,0% ё 200 нафар, истеҳсоли коғаз, фаъолияти табъу нашр 55,5% ё 500 нафар, истихроҷи маводҳои энергетикӣ 53,8% ё 700 нафар, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ 38,0% ё 2,7 ҳаз. нафар зиёд ва истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бошад, -2,9 б.ф. ё -400 нафар кам гардид.

Таҳлил нишон медиҳад, ки айни замон афзоиши шумораи коргарон дар корхонаҳои саноати сабук, аз ҷумла дар корхонаҳои истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм 200 нафар дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 бештар гардидааст, ки ин барои ҳам ба ҷойи кор таъмин намудани 200 нафар аҳолии мамлакат ва ҳам

зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар ин корхонаҳо имконият фароҳам овардааст.

**Ҷадвали 2.9. – Пӯёи шумораи миёнаи солонаи коргарон дар соҳаҳои саноат дар солҳои 2017-2023, (ҳаз. нафар)**

| Бахшҳои саноат | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | 2023/2017 (бо %, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | **73,8** | **72,1** | **73,2** | **67,7** | **68,3** | **71,2** | **72,2** | **-2,1 б.ф.** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **8,4** | **9,2** | **9,8** | **11,0** | **12,0** | **11,2** | **11,8** | **40,4** |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,3 | 1,5 | 1,4 | 1,5 | 1,9 | 1,8 | 2,0 | 53,8 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 7,1 | 7,7 | 8,4 | 9,5 | 10,1 | 9,4 | 9,8 | 38,0 |
| **Саноати коркард** | **51,3** | **45,2** | **50,3** | **46,7** | **46,1** | **48,9** | **49,3** | **-3,8 б.ф.** |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока | 11,7 | 8,0 | 10,6 | 9,3 | 8,7 | 9,8 | 9,9 | -15,3 б.ф. |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 13,4 | 13,0 | 13,4 | 12,7 | 13,2 | 14,0 | 13,0 | -2,9 б.ф. |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм | 0,5 | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,9 | 0,7 | 40 |
| коркарди чӯбу тахта ва маснуот аз чӯб | 1,3 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | -7,6 б.ф. |
| истеҳсоли коғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,9 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | 1,2 | 1,5 | 1,4 | 55,5 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,3 | 0,4 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | -66,6 б.ф. |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 1,8 | 1,2 | 1,1 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,8 | бетағйир |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,7 | 0,8 | 1,1 | 1,4 | 1,4 | 1,8 | 1,8 | 2,5 мар. |
| истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 7,0 | 7,0 | 7,5 | 7,5 | 7,7 | 4,4 | 8,1 | 15,7 |
| истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ | 11,9 | 10,6 | 11,4 | 8,9 | 9,1 | 9,1 | 9,2 | -22,6 б.ф. |
| мошинсозӣ | 1,3 | 1,3 | 1,2 | 1,8 | 1,1 | 0,9 | 0,8 | -38,4 б.ф. |
| харгуна соҳаҳои саноат | 0,5 | 0,5 | 1,2 | 1,2 | 1,1 | 1,1 | 1,3 | 2,6 мар. |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯйи барқ, об, газ ва гармӣ** | **14,1** | **17,7** | **13,1** | **10,0** | **10,2** | **11,1** | **11,1** | **-21,2 б.ф.** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [25, с. 22]

Дар дигар соҳаҳо бошад, шумораи коргарон рӯ ба коҳишёбӣ овардааст, ки аз ҳама бештар ин коҳишёбӣ дар бахши истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ -66,6%, истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ -37,1 б.ф., истеҳсоли маҳсулоти

хӯрока -15,3 б.ф., истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ -2,9 б.ф., коркарди чӯбу тахта ва маснуот аз чӯб -7,6 б.ф., истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ -22,6 б.ф. мошинсозӣ -38,4 б.ф. ба назар мерасад ва дар бахши истеҳсоли кимиёвӣ бошад, нишондод бетағйир мушоҳида мегардад. Дар соли 2023 шумораи онҳо 49,3 ҳаз. нафарро ташкил дода, нисбат ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан 4,1 маротиба ва нисбат ба соҳаи истеҳсолу тақсими нерӯйи барқ, об, газ ва гармӣ 4,4 маротиба зиёд мебошад, ки дар маҷмуъ 68,2%-и тамоми коргарони соҳаи саноати ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дигар нишондиҳандаи муҳими соҳаи саноати мамлакат индекси самаранокии меҳнат буда, дар давраи таҳлилӣ тамоюли рушд дорад. Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 2.10 бармеояд, индекси самаранокии меҳнат дар давраи солҳои 2017-2023 дар сатҳи 79,1% рушд намуд. Вале, дар давраҳои гуногун индекси самаранокии меҳнат тамоюли пасту баландшавӣ дорад. Чунончӣ соли 2018 нисбат ба 2017 ҳамагӣ 7,3%, 2019 нисбат ба 2018 дар сатҳи 5,9%, 2020 нисбат ба 2019 тақрибан 5,7%, 2021 нисбат ба 2020 ҳамагӣ 5,7%, 2021 нисбат ба 2020 дар сатҳи 24,3%, 2022 нисбат ба 2021 дар сатҳи 9,6% ва 2023 дар қиёс ба 2022 ба андозаи 7,3% мушоҳида мегардад.

**Ҷадвали 2.10. – Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат дар солҳои 2017-2023**

| Солҳо | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба солҳои | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| **2017** | 100 | 93,2 | 86,3 | 81,6 | 65,7 | 59,9 | 100 |
| **2018** | 107,3 | 100 | 92,6 | 87,6 | 70,4 | 64,3 | 59,9 |
| **2019** | 115,9 | 108,0 | 100 | 94,6 | 76,1 | 69,4 | 64,7 |
| **2020** | 122,5 | 114,2 | 105,7 | 100 | 80,5 | 73,4 | 68,4 |
| **2021** | 152,3 | 142,0 | 131,4 | 124,3 | 100 | 91,2 | 85,0 |
| **2022** | 166,9 | 155,6 | 144,0 | 136,2 | 109,6 | 100 | 93,2 |
| **2023** | 179,1 | 166,9 | 154,5 | 146,2 | 117,6 | 107,3 | 100 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [25, с. 20]

Аз маълумоти ҷадвали 2.10. мушоҳида мегардад, ки сатҳи номуътадилии рушд дар ин самт мавҷуд аст, ки корхонаҳои саноатии мамлакат то кунун зери таъсири омилҳои берунӣ қарор доранд. Яъне тағйироти ками муҳити хориҷӣ метавонад ба раванди фаъолияти корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ халал расонанд ва ин моро ба он водор месозад, ки бештар ба омилҳои таъсиррасон дар муҳити дохилӣ такя намоем. Иқтидори корӣ ва қобилияти пешбарии истеҳсолти саноати сабку аз зумраи он масъалаҳое маҳсуб меёбанд, ки тавассути он индекси самарнокии меҳнатро тақозо менамояд.

Аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда мушоҳида мегардад, ки рушди иқтисодиёт бештар ба самаранокӣ, ҳосилнокии меҳнат ва такрористеҳсоли мол алоқамандии зич дорад. Омили дигари номуътадил рушд намудани индекси самаранокии меҳнат ба манфӣ будани ҳамгироии корхонаҳои саноатӣ бо шарикони хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда аз рӯйи соҳаҳои саноат барои рақобат дар бозори истеҳсолӣ кифоягӣ намуда, дар истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда бояд нақши бориз дошта бошанд.

Воридоти маҳсулоти соҳаи саноат ба мамлакат аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар давраи солҳои 2017-2023, ки маълумот дар бораи он дар ҷадвали 2.11 оварда шудааст, ба андозаи  2,1 маротиба (3164,1 млн. долл. ИМА) афзоиш ёфт.  Дар ин давра, танҳо воридоти чорвои зинда ва маҳсулоти чорводорӣ -12 б.ф. (-7,5 млн. долл. ИМА) коҳиш ёфтааст. Аз рӯйи воридот дар бахши молҳои саноати сабук дар давраи таҳлилӣ ба ҷойи коҳишёбӣ баракс афзоиш ба мушоҳида расида, дар соли 2023 нисбат ба 2017 воридоти молҳои чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта 87,6%, нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ 2,1 маротиба, пойафзол, калапӯшҳо ва ғайра 33,8% бештар гардидааст.

Ин нишондод, то ҳол қаноатмандкунанда нест, чун заминаи истеҳсолии молҳои соҳаи саноати сабук дар мамлакат муҳайё буда, танҳо рақобатпазириро дар бозори берунӣ талаб менамояд. Аз ин нуқтаи назар, андешидани чораҳои зарурӣ ва инноватсиякунонии истеҳсолот дар бахши саноати сабук дар мамлакат аз манфиат холӣ нест.

**Ҷадвали 2.11. – Воридоти маҳсулотҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳҳои молҳо дар давраи солҳои 2017-2023, (млн. долл. ИМА)**

| Номгӯйи маҳсулот | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | 2023/2017 бо (%, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои зинда ва маҳсулоти чорво-парварӣ | 62,5 | 62,3 | 67,6 | 57,1 | 46,9 | 45,0 | 55,0 | -12,0 б.ф. |
| Маҳсулоти растанӣ | 264,9 | 240,3 | 305,4 | 351,2 | 387,5 | 478,9 | 476,5 | 79,8 |
| Чарбу, равғани растанӣ ва равғани чорво | 93,7 | 83,0 | 106,4 | 114,4 | 148,0 | 172,8 | 141,2 | 50,6 |
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он | 216,8 | 232,0 | 277,5 | 295,2 | 390,2 | 458,2 | 480,5 | 2,2 мар. |
| Маҳсулоти маъданӣ | 485,6 | 582,6 | 628,1 | 551,1 | 738,9 | 997,4 | 988,5 | 2,0 мар. |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 319,0 | 302,9 | 326,9 | 331,0 | 357,5 | 495,0 | 467,5 | 46,5 |
| Пластмасса ва маснуоти он | 93,9 | 105,8 | 127,5 | 117,0 | 131,8 | 200,9 | 205,8 | 2,1 мар. |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо | 1,7 | 1,6 | 2,4 | 1,1 | 1,9 | 2,6 | 3,8 | 2,2 мар. |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | 131,8 | 123,9 | 127,5 | 120,8 | 149,7 | 215,0 | 247,3 | 87,6 |
| Коғазпораҳо, партовҳои картону коғаз ва коғазкуҳнаҳо | 51,6 | 48,9 | 43,9 | 40,4 | 48,6 | 59,1 | 68,3 | 32,3 |
| Нассоҷӣ ва маснуоти насоҷӣ | 66,4 | 60,1 | 80,6 | 82,7 | 89,2 | 124,3 | 124,2 | 2,1 мар. |
| Пойафзол, калапӯшҳо ва ғайраҳо | 13,0 | 8,5 | 12,0 | 9,5 | 13,0 | 11,7 | 17,4 | 33,8 |
| Маснуот аз санг, гулгач, семент | 91,8 | 84,7 | 70,8 | 60,9 | 94,9 | 117,1 | 140,7 | 53,2 |
| Филизоти арзонбаҳо | 283,8 | 407,8 | 323,5 | 338,7 | 404,4 | 506,2 | 527,2 | 85,7 |
| Мошинҳо, дастгоҳҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо | 299,6 | 427,6 | 423,9 | 339,0 | 657,1 | 615,2 | 747,9 | 2,4 мар. |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | 216,3 | 307,2 | 325,7 | 226,8 | 381,6 | 502,6 | 864,6 | 3,9 мар. |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ, соатҳо ва ғайраҳо | 22,0 | 17,7 | 24,0 | 67,6 | 73,4 | 38,7 | 55,1 | 2,5 мар. |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | 43,5 | 44,9 | 53,2 | 41,9 | 60,4 | 70,3 | 81,3 | 86,8 |
| Асарҳои фарҳангӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,1 | 41,9 | 0,0 | - |
| Дигар молҳои маънидоднашуда | 17,0 | 9,2 | 22,4 | 4,5 | 33,4 | 14,6 | 187,3 | 11,0 мар. |
| Ҳамагӣ: | **2724,9** | **3151,0** | **3349,3** | **3150,9** | **4209,5** | **5167,5** | **5889,0** | **2,1 мар.** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси [25, с. 38]

Дар давраи таҳлилшаванда воридоти маҳсулот ба мамлакат дар дигар соҳаҳо низ тамоюли болоравӣ дорад, аз ҷумла воридоти воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ 3,9 маротиба (648,3 млн. долл. ИМА), пластмасса ва маснуоти он 2,1 маротиба (111,9 млн. долл.ИМА, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаи он 2,2 маротиба (263,7 млн. долл. ИМА), маҳсулоти маъданӣ 2,0 маротиба (502,9 млн. долл. ИМА), мошинҳо, дастгоҳҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо 2,4 маротиба (448,3 млн. долл. ИМА) ва дигар молҳои маънидоднашуда 11,0 маротиба (170,3 млн. долл. ИМА) мушоҳида мегардад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар аксар ҳолат нерӯи содиротии мамлакатҳои алоҳидаеро, ки тавассути истеҳсолоти саноатӣ, махсусан саноати сабук мувафақ мебошанд, аз рӯйи истеҳсолоти саноати сабук баҳо медиҳанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар мамлакати мо баштар ба ташкили корхонаҳои саноатии ба истеҳсоли маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда рӯ оварда шавад. Зеро, захираҳои бойи табиӣ ва шароиту имконияти ташкили чунин корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат мавҷуд мебошад ва айни ҳол дар ҷумҳурӣ барномаҳои миёнамуҳлати мухталиф вобаста ба фароҳам овардани имконият барои истеҳсоли молҳои воридивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда амалӣ гардида истодаанд, ки ин то андозае бояд ҳолати ҷойдоштаро тағйир диҳад.

Маълумоти расмии омории овардашуда шаҳодати онро медиҳад, ки солҳои охир ҳаҷми воридот ба таври назаррас дар мамлакат тамоюли зиёдшавӣ дорад. Аз ин хотир, зарурати тақвияти сатҳи содирот ва бартараф намудани омилҳои таъсиррасони қурбӣ тавассути ин масъала шарти асосӣ ва зарурӣ мебошад. Тибқи маълумоти расмии оморӣ дар давраи таҳлилшаванда содирот аз рӯйи гурӯҳи маҳсулотҳои соҳаи саноат афзоиш ёфтааст. Масалан, дар соли 2023 ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2017 ба андозаи 2,0 маротиба (1250,8 млн. долл. ИМА) афзуд.

Маълумоти дар ҷадвали 2.12. овардашуда гувоҳии онро медиҳанд, ки содироти бештари маҳсулот аз рӯйи гурӯҳи молҳо ба чорвои зинда ва

маҳсулоти чорводорӣ, маҳсулоти саноати кимиё, молҳои гуногуни саноатӣ, дигар молҳои маънидоднашуда, коғазпораҳо, партовҳои картону коғаз ва коғазкуҳнаҳо, ва мошинҳо, дастгоҳҳо, механизмҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо рост меояд. Вале, аз рӯйи нишондиҳандаи пулӣ дар давраи таҳлилшаванда содироти бештар ба дигар молҳои маънидоднашуда рост меояд, ки ба 1 141,9 млн. долл. ИМА дар соли 2023 баробар аст ва он нисбат ба соли 2017 ба андозаи 928,1 млн. долл. ИМА ё 5,3 маротиба афзоиш ёфтааст.

Содироти маҳсулоти бахши саноати сабук низ дар давраи таҳлилшаванда афзоиш ёфта, ҳаҷми содирот дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 дар соҳаи нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ 52,8%, пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо 63,6%, пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо 2,1 маротиба зиёд гардидааст, вале ин нишондод дар бахши чӯбу тахта ва маснуот аз чӯбу тахта дар сатҳи -0,2 млн. долл. ИМА кам гардидааст. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи саноати сабуки мамлакат бештар хусусияти воридотивазкунандагӣ дошта, барои таъмини бозори дохилӣ нигаронида шудаанд. Агар дар маҷмуъ тавозуни воридот ва содироти маҳсулотро аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар соли 2023 мавриди таҳлил қарор диҳем, муайян мегардад, ки дар соли 2023 ҳаҷми содирот 2 448,8 млн. долл. ИМА ва ҳаҷми воридот 5 889,0 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки касри тавозуни савдои ҷумҳурӣ дар соли 2023 ба -3 440,2 млн. долл. ИМА ё -58,4 б.ф. баробар мебошад, ки нисбат ба соли 2017 ба ҷойи камшавӣ, баракс дар сатҳи -2,4 б.ф. боло рафтааст (дар соли 2017 касри тавозуни савдои мамлакат -56,0 б.ф. буд).

Новобаста аз тамоюли рушдро касб намудани баъзе нишондиҳандаҳо ҳамоно дар сатҳи ҷумҳурӣ тақвияти чораҳои таъминкунандаи рушди соҳаи мазкур бояд дар ҳама ҳолат афзалият дошта бошад, то ин ки таъмини мувозинати рушд дар ҳама ҳолат ва шароит имконпазир гардад.

**Ҷадвали 2.12. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳҳои молҳо дар солҳои 2017-2023, (млн. долл. ИМА)**

| Номгӯйи маҳсулот | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | 2023/2017 бо (%,мар.) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои зинда ва маҳсулоти чорвопарварӣ | 0,6 | 0,9 | 1,0 | 0,4 | 0,9 | 4,1 | 3,4 | 5,6 мар. |
| Маҳсулоти растанӣ | 25,9 | 20,1 | 26,9 | 26,0 | 39,9 | 62,4 | 51,2 | 97,6 |
| Чарбу, равғани растанӣ ва равғани чорво | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машру-боти спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазку-нандаи он | 5,0 | 3,8 | 5,1 | 8,8 | 7,1 | 8,2 | 14,1 | 2,8 мар. |
| Маҳсулоти маъданӣ | 487,1 | 544,4 | 459,3 | 275,6 | 619,4 | 894,4 | 535,0 | 9,8 |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 2,8 | 8,0 | 8,1 | 5,9 | 12,2 | 15,9 | 36,1 | 12,8 мар. |
| Пластмасса ва маснуоти он | 0,8 | 0,5 | 0,9 | 0,5 | 1,8 | 1,6 | 1,4 | 75,0 |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 2,9 | 4,1 | 3,9 | 5,3 | 2,1 мар. |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 0,4 | 0,2 | -50,0 б.ф. |
| Коғазпораҳо, партов-ҳои картону коғаз ва коғазкуҳнаҳо | 0,1 | 0,9 | 1,2 | 0,6 | 0,8 | 4,0 | 5,4 | 54,0 мар. |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | 181,8 | 226,4 | 200,5 | 196,3 | 279,3 | 277,9 | 296,3 | 63,6 |
| Маснуот аз санг, гулгаҷ, семент | 0,0 | 0,0 | 0,3 | 0,2 | 0,4 | 0,5 | 0,1 | - |
| Филизоти арзонбаҳо | 229,4 | 235,4 | 217,9 | 187,1 | 266,0 | 319,4 | 302,6 | 31,9 |
| Мошинҳо, дастгоҳҳо, механизмҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо | 14,9 | 10,6 | 7,0 | 5,3 | 10,1 | 7,8 | 42,6 | 2,8 мар. |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | 25,9 | 16,3 | 16,0 | 6,0 | 8,9 | 9,9 | 10,0 | -61,3 б.ф. |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусикӣ, соатҳо ва ғайраҳо | 6,5 | 0,6 | 0,9 | 0,2 | 0,5 | 0,5 | 1,6 | -75,3 б.ф. |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | 0,3 | 0,3 | 0,6 | 1,2 | 1,3 | 1,3 | 1,6 | 5,3 мар. |
| Асарҳои фарҳангӣ | 0,0 | - | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| Дигар молҳои маъни-доднашуда | 213,8 | 2,0 | 225,6 | 689,8 | 896,7 | 529,8 | 1141,9 | 5,3 мар. |
| Ҳамагӣ: | **1198,0** | **1073,3** | **1174,3** | **1406,9** | **2149,6** | **2142,0** | **2448,8** | **2,0 мар.** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [25, с. 39]

Ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то ҳол бозори дохилии мо ва корхонаҳои саноатии мамлакат зери таъсири омилҳои берунӣ қарор доранд ва бештари молу маҳсулот хусусияти воридотӣ доранд. Такя намудани молҳои содиротиии дорои афзалият механизмҳои иловагии рушди бахшҳои хусусияти занҷиравидошта ба соҳаи саноат мебошад. Аз ин хотир, ба андешаи мо, зарур аст, ки дар ин самт аз ҷониби сохторҳои ваколатдор тадбирҳои саривақтӣ андешида шуда, ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 20-30% содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд ва ҳиссаи воридот ба маротиб коҳиш дода шавад.

Татбиқи ҳадафҳои асосии ҳукумати мамлакат дар доираи барнома ва стратегияҳои тасдиқгардида, таъсиси корхонҳои истеҳсолкунандаи молҳои саноатӣ ва сохторҳои ёрирасони онҳо буда, ба ин масъала аҳамият хоса дода мешавад. Аз таҳлил ва арзёбии бахши саноати мамлакат ва таркиби он, аз ҷумла саноати сабук хулоса кардан мумкин аст, ки рушди ин соҳа дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, тибқи сенарияи индустриалии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амал карда истодааст.

Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023 дар таркиби ММД тибқи ҳисоботи пешакӣ ба 16,2% баробар буд. Дар ҳоле, ки «тибқи сенарияи индустриалии СМР-2030 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар таркиби ММД барои солҳои 2021-2025 то 16,0% ва солҳои 2026-2030 то 20,0-20,5% муқарар гардидааст» [11]. Қобили қайд аст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 аллакай дар сатҳи 0,2% барзиёд иҷро гардидааст. Иброз бояд намуд, ки дар шароити муосир мақсади асосии сиёсати саноатӣ ин рушди истеҳсолот, беҳтар кардани сифати маҳсулот ва дар ин замина гирифтани фоидаи назаррас маҳсуб меёбад. Асоси татбиқнамоии сиёсати саноатӣ ин маблағгузорӣ ва ё қарздиҳӣ ба корхонаҳои саноатӣ мебошад. «Арзёбии воқеии устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ (қарзгир) ва баҳисобгирии хавфҳои имконпазир оид ба амалиёти қарзӣ ва низоми қарзию молиявӣ имкон медиҳанд, ки захираҳои қарзиро мутобиқи мақсадҳои сиёсати саноатӣ самаранок истифода намояд ва фоида ба даст оварад» [60, с. 307]. Маҳз барои ҳамин, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро зарур меояд,

ки аввал қобилияти қарзадокунии корхонаҳои саноатиро ҳамаҷониба арзёбӣ намуда, сипас воситаҳои қарзии худро ба онҳо пешниҳод намоянд.

Дар таркиби иқтисодиёти воқеӣ, рушди соҳаи саноат ва омилҳои дигари рушди он дар Тоҷикистон яке аз қисматҳои калидии бахши воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, он ҳамчун заминаи ибтидоии гузариш аз як сохти саноат ба сохти дигари он, ки дар таркиби он рушди даигар бахшҳои ёрирасони соҳаи саноат мавҷуд мебошанд, маҳсуб меёбад. Дар шароити норасоии захираҳои пулӣ ва сарчашмаҳои тақивияти соҳаи саноат тамоми бахши инситутсионалиро водор ба он месозад, ки дар доираи имконияти мавҷуда марҳила ба марҳила бахши мазкурро дастгирии ҳаматарафа намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз механизмҳои асосии рушди самараноки корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити имрӯза дастрасии онҳо ба захираҳои арзони молиявӣ мебошад ва ин масъаларо метавон дар заминаи захираҳои қарзии низоми бонкӣ ҳал намуд. Қобили тазаккур аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосии дастгирии бахши саноат, аз ҷумла саноати сабук ин пеш аз ҳама дастгирии бевоситаи давлат дар доираи салоҳиятҳои он ва тақвияти пайвастаи маблағгузорӣ бо усулҳои имтиёзнок мебошад. Дар сатҳи дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт захираҳои барзиёди пулии бонкҳо ва сафарбар сохтани онҳо ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ аз иқтидори захиравии бонкҳо ва воситаҳои арзони ҷалбкардаи онҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бештар гардонидани захираҳои қарзии худ, низоми бонкиро зарур меояд, ки ҷалби пасандозҳои аҳолиро зиёд намуда, ба ин васила ба тамоми соҳаҳо, хусусан соҳаи саноати мамлакат қарзҳои хурду миёнаро дар асоси фоизҳои бозоргир пешниҳод созанд.

Дар заминаи таҳлили гузаронидашуда бояд таъкид кард, ки таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук на танҳо тавассути нишондиҳандаҳои микдории ҳаҷми қарзҳо, балки тавассути тағйироти сифатии сохтори истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакат низ зоҳир мешавад. Дастрасии захираҳои қарзӣ қобилияти корхонаҳои соҳаро барои густариши иқтидори истеҳсолӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои муосир ва баланд

бардоштани дараҷаи коркарди ашёи хом муайян мекунад, ки дар ниҳоят ба мавқеи саноати сабук дар сохтори саноати миллӣ таъсир мерасонад.

Ҷанбаи муҳими таъсири қарздиҳии бонкӣ ва таъсири он ба равандҳои табдили сохтории саноат мебошад. Афзоиши дастгирии қарзӣ ба афзоиши саҳми соҳаҳои дорои арзиши иловашудаи баланд, аз ҷумла саноати сабук мусоидат мекунад. Дар баробари ин, таъмини устувори қарзӣ барои гузариши ботадриҷи таваҷҷуҳ аз истеҳсолоти саноатии ба ашёи хом такякунанда ба рушди соҳаҳои коркард, ки ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ нигаронида шудаанд, заминаҳои мусоидро фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки қарздиҳии маҳдуд ва ноустувори бонкӣ ба рушди саноати сабук таъсири манфӣ мерасонад ва ба муқаррар намудани он ҳамчун унсури муҳим дар дар сохтори истеҳсоли саноатӣ монеъ мешавад. Бо назардошти набудани захираҳои молиявии дарозмуҳлат, корхонаҳои ин соҳа маҷбуранд, ки дар реҷаи мутобиқшавии кӯтоҳмуҳлат амал кунанд, ки фаъолияти сармоягузориро коҳиш медиҳад ва имконияти рушди устуворро маҳдуд мекунад. Ин зарурати таҳия ва корбурди амсилаи мутавозини дастгирии қарзиро барои соҳа таъкид мекунад.

Ғайр аз ин, таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии қарздиҳии бонкӣ дар рушди саноати сабук аз сатҳи ҳамоҳангӣ байни низоми бонкӣ ва мақомоти давлатӣ вобаста аст. Мавҷудияти механизмҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла субсидияҳо ва кафолатҳои фоизӣ, нақши ҳавасмандкунандаи қарзҳои бонкиро афзоиш медиҳад ва ба ҷалби фаъолтари захираҳои молиявӣ дар гардиши саноатӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, ҷанбаҳои баррасишуда нишон медиҳанд, ки қарздиҳии бонкӣ омили калидии муайянкунандаи пӯёи рушди саноати сабук ва муқаррар шудани мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат мебошад. Таҳлили дар ин зербоб гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки робитаҳои мавҷударо байни ҳаҷм ва мухлатҳои пешниҳоди воситаҳои қарздиҳӣ ва нишондиҳандаҳои рушди соҳа муайян карда, заминаро барои асоснок кардани самтҳо ҷиҳати беҳтар кардани сиёсати қарзӣ нисбат ба саноати сабук фароҳам

оварем. Ин тасдиқ мекунад, ки арзёбии таъсири қарздиҳии бонкӣ тавассути таҳлили рушди соҳа ва саҳми он дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ аз ҷиҳати методологӣ асоснок буда, имкон медиҳад, ки нақши низоми бонкӣ дар таъмини рушди устувори саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад.

Ҳамчунин, таҳлил нишон дод, ки қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири назаррас мерасонад, имконияти афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, навсозии корхонаҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаро муайян мекунад. Дастрасӣ ва шартҳои захираҳои қарзӣ омилҳои калидии ташаккули пӯёи рушди саноати сабук дар бахши воқеии иқтисодиёт мебошанд.

Муқаррар карда шуд, ки тағйирот дар ҳаҷми қарздиҳии бонкӣ бевосита ба саҳми саноати сабук дар сохтори истеҳсоли саноатии мамлакат таъсир мерасонад. Афзоиши дастгирии қарзӣ мавқеи саноатро тақвият медиҳад, дар ҳоле ки захираҳои маҳдуди молиявӣ рушди онро суст мекунанд ва нақши онро дар комплекси саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиш медиҳанд.

Ҳамзамон, муайян карда шуд, ки таъсири устувори қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук танҳо бо сиёсати ҳамоҳангшудаи ҳукумат ва низоми бонкӣ, ки ба густариши маблағгузории дарозмуҳлат, кам кардани арзиши воситаҳои қарзӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои соҳавии корхонаҳо нигаронида шудааст, имконпазир аст. Дар акси ҳол, қарздиҳӣ пароканда аст ва тағйироти сохтории заруриро дар саноат таъмин карда наметавонад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ БА САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкӣ ба соҳаи саноати сабук

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, воситаҳои қарзӣ василаи муҳими рушди самтҳои гуногуни иқтисодӣ дар мамлакат маҳсуб меёбанд. Ба воситаи онҳо доираи фаъолияти иқтисодӣ васеъ гардида, имокниятҳои истифоданагардида мавриди корбурд қарор мегиранд ва ба тамоми соҳаҳо инноватсияҳо ворид карда мешаванд. Норасоии захираҳои пулӣ, дар аксар маврид тавассути карзҳои бонкӣ бароварда шуда, онҳо барои дигаргунсозии таркиби иқтисодиёт ва беҳбудии сатҳи иҷтимоӣ истифода мешаванд. Дар ҳама шароит, нақши воситаҳои қарзӣ дар рушди иқтисодиёт зиёд буда, зарурати истифодаи онҳо ба таври доимӣ дар муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

Таҷрибаи рушди муносибатҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мавҷудияти заминаҳои нави сохторҳои қарздиҳӣ ба соҳаи саноат, ҳамчунин, бештар ҷалб намудани ташкилотҳои молиявию қарзии мавҷуда дар масъалаи пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан саноати сабук, таъмини табақаҳои камбизоати аҳолӣ ба ҷойи кори мусоид ва самаранок, афзун намудани даромадҳои пулӣ ва тавсеаи манбаъҳои даромади аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ, зарурати омода кардани заминаҳои ҳуқуқӣ барои ташаккули сохтори маблағгузорию қарздиҳӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва такмили фаъолият дар ин самт боис мешавад, ки нақши соҳаҳои номбаршуда дар рушди иқтисодиёт, аз ҷумла афзоиши ММД ҳамасола назаррас бошад.

Нақши воситаҳои қарзиро дар ташаккул ва рушди тамоми соҳаҳои муҳими ҷомеа новобаста аз мушкилоти меъёрии онҳо дар ҳама самту соҳаҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Қайд кардан

зарур аст, ки нақши воситаҳои қарзии бонкӣ дар таъмини талаботи доимӣ ва мавсимии субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои гуногун, аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ ифода меёбад. Ин нақш дар истеҳсоли маҳсулоти гуногуни хурокӣ ва ғайрихурокӣ, бунёди коргоҳҳои хурду миёнаи истеҳсолию хизматрасонӣ, ташкили захираҳои молӣ дар соҳа, хариди ашёи хом, техникаю технологияҳои нав, пӯшонидани хароҷоти дигари истеҳсолӣ ва васеъ кардани истеҳсолот назаррас аст, вале он мутобиқшавии иловагиро ба хотири таъмини амният ва манфиатҳои дуҷониба тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, вобаста ба як қатор имконият ва бартариҳо, ки онҳо дар иқтидори таъсиррасонӣ ба ҳама соҳаҳо таалуқ доранд, воситаҳои қарзӣ вобаста ба афзалиятҳои худ дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

- дар навбати аввал, воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии қонеъкунандаи талаботи субъектҳои иқтисодӣ дар самти тезонидани ҷараёнҳои такрористеҳсол маҳсуб ёфта, иловатан метавонад ба гирдгардиши босуръати сармоя мусоидат намояд;

- дар навбати дуюм, воситаҳои қарзӣ дар баробари доштани имконияту имтиёзҳои рушд дорои ҳолатҳои ногувор ва манфӣ низ мебошанд, ки дар сурати нодуруст истифода кардани онҳо корхонаҳои қарзгир ба як қатор мушкилоти хатарафзо рӯ ба рӯ мегарданд;

- нақши воситаҳои қарзӣ дар фароҳам овардани имконияти нав ва дар баробари ин баланд бардоштани дараҷаи корчалонии қарзгирандагон, онҳоро ба он водор менамояд, ки ба хароҷоти беасос хотима дода, роҳҳои дарёфти даромади иловагиро ҷустуҷӯ намоянд.

Яке аз қисматҳои асосӣ ва таркибии иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир низоми бонкӣ маҳсуб гардида, тавассути пешниҳоди воситаҳои қарзии худ рушди бахши воқеии иқтисодиётро, ки ҳамчун қисми таркибии ММД маҳсуб меёбад, ба таври пайваста тақвият мебахшад. Агар чанде, ки дар рушди иқтисодиёт нақши низоми бонкӣ зиёд аст, дар баробари ин баландшавии

ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ низ дар ҳама шароит ба таври назаррас зоҳир мегардад (диаграммаи 3.1).

**Диаграммаи 3.1. – Ҳиссаи афзалиятноки дороиҳои низоми бонкӣ дар қиёс бо ММД дар солҳои 2010-2023, (млн. сомонӣ)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Қайд кардан зарур аст, ки нақши низоми бонкӣ дар баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ назаррас буда, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки бо хавфи нисбатан паст тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллиро дастгирӣ кунанд. Албатта, ба роҳ мондани чунин тарзи фаъолият ва ҳамкорӣ ҳамеша аз иқтидори захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дошта, тавассути истифодаи захираҳои озод метавон сатҳи маблағгузории иқтисодиётро таҳким дод. Аммо, таҳлил нишон медиҳад, ки низоми пулию қарзии мамлакат бо дарназардошти дороиҳои низоми бонкӣ, рушди устувор надошта, ҳамеша дар доираи тағйирот дар бозорҳои молиявӣ ба вуқуъ пайваста, метавонад ба таври мусбат ва дар баъзе ҳолатҳо ба таври манфӣ ба сатҳи истеҳсолоти дохилӣ таъсири худро расонад. Таҷриба муайян менамояд, ки ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ аз иқтидори захиравӣ ва дороиҳои низоми бонкӣ вобастагии калон дорад.

Маълумоти диаграммаи боло шаҳодат медиҳад, ки ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ дар муқоиса ба ММД тағйирёбанда буда, дар аксар маврид тамоюли манфиро касб кардааст. Тибқи маълумоти мавҷуда мушоҳида мегардад, ки агар дороиҳои низоми бонкӣ дар соли 2010 сатҳи 27,66%-и ММД-ро ташкил дода бошанд, он соли 2023 ба 31,76% баробар гардида, нисбат ба соли таҳлилшаванда, дар сатҳи 4,1% афзоиш ёфт. Ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ танҳо дар соли 2016 тамоюли болоравиро ба андозаи 38,8% касб намуд, ки ин нишондиҳанда дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҳама баландтарин аст. Ба андешаи мо, барои таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- фароҳам овардани шароит ҷиҳати дар сатҳи низоми бонкӣ зиёд намудани теъдоди ташкилотҳои қарзии молиявии фаъолияти гуногундошта;

- ба таври доимӣ тибқи нақша вобаста ба манбаъ ва ҳаҷми даромад зиёд намудани воситаҳои таъиноти махсус барои қарздиҳии иловагӣ дар сатҳи 10%;

- таъсис додани шуъбаҳои ҳамкорӣ ва коркарди лоиҳаҳои сармоягузоришаванда дар минтақаҳо, алалхусус дар минтақаҳои имконияти иқтисодии бештардошта;

- вобаста ба имконияти минтақавӣ ва фароминтақавӣ пешниҳод намудани шароит барои таъсис додани корхонаҳои саноати сабук бо иловаи дастгириҳои бевоситаи молиявию қарзӣ аз тарафи давлат ва дигар ниҳодҳои молиявию қарзии дохилию хориҷӣ;

- ташкили равзанаи озоди бонкӣ ва дар доираи меъёрҳои қонун ба бозори бонкӣ ворид намудани ташкилотҳои фаъолияти молиявии гуногундошта ва ғ.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи нокифоягии захираҳои озоди пулии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, алалхусус воситаҳои худии онҳо, боиси бо суръати паст рушд кардани қарздиҳӣ ва муносибатҳои қарзӣ гардидааст. Аз маълумоти расмии оморӣ мушоҳида мешавад, ки рушди қарздиҳӣ дар мамлакат дар муқоиса бо дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ қонеъкунанда набуда, ҳатто қариб бетаъсир ба назар мерасад. Агар чанде, ки

қарздиҳии низоми бонкӣ дар ҳоли рушд бошад ҳам, ҳиссаи он нисбат ба ММД назаррас нест (диаграммаи 3.2).

**Диаграммаи 3.2. – Ҳиссаи қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ дар қиёс бо ММД барои солҳои 2017-2023, (бо %)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [17; 18; 19; 20; 21; 22]

Мусаллам аст, ки низоми бонкӣ дар иқтисодиёт ҳамчун муҳаррики асосии пешбар амал мекунад. Ин муҳимиятро дар низоми имрӯзаи иқтисодӣ тавассути амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ кардан мақбул аст. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ нақши низоми бонкӣ дар барқарорсозии шохаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ назаррас аст. Аммо, вобаста ба таҳлили нишондиҳандаҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодиёт қайд кардан зарур аст, ки таъсири онҳо вобаста ба ҳиссаашон дар иқтисодиёт то андозае назаррас нест ва мушоҳида мегардад, ки рушди онҳо ба таври хеле суст пеш меравад.

Аз диаграммаи 3.2 тасвиршуда мушоҳида мегардад, ки қарзҳои низоми бонкӣ дар таносуб ба ММД афзун шуда истодаанд. Масалан, агар дар соли 2017 ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар қиёс ба ММД андозаи 13,9%-ро ташкил дода бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 15,4% расид, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1,5% зиёд гардид.

Бонкҳо ва умуман низоми бонкӣ дар ҳамон ҳолате таъсиргузор мегарданд, ки агар тамоми ниҳодҳои молиявии қарзӣ ва ғайриқарзӣ фаъол бошанд ва онҳо тавонанд тибқи имконияти худ ба бахши воқеии иқтисодиёт қарз диҳанд. Маҳз дар ҳамин масъала дуруст арзёбӣ гардидааст, ки «он унсури муҳими иқтисодӣ буда, вазифаи ҷамъоварии маблағҳои озоди пулӣ ва равона кардани онҳо барои таъмини рушди иқтисодиётро иҷро мекунад, ҳамчун низомсоз дар рушди муносибатҳои сармоягузорӣ ва амалиётӣ мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат вобастагии вазъияти иқтисодӣ ва сиёсиро дар мамлакат аз сатҳ ва ҳолати амалкарди низоми бонкӣ нишон медиҳад» [177, с. 16-17].

Иқтисодиёт ва махсусан бахшҳои воқеии он дар ҳамон ҳолате афзоиш меёбанд, ки агар дар дастгирии он тамоми ниҳодҳои молиявӣ фаъол буда, онҳо тавассути роҳу воситаҳои гуногун ин бахши муҳимро дастгирӣ кунанд. Бинобар он, ки иқтисодиётро истеҳсолкунандагон дар зинаҳои гуногун пеш мебаранд, аз қабили: сатҳи хурд, миёна ва калон дар ҳамин радиф ташкили низоми бонкии мукаммали дузинагӣ ё бисёрзинагӣ низ бевосита ба ҳамин масъала алоқаманд аст. Тибқи ҳамин талабот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми дузинагии бонкӣ ташкил гардида, соли 2000 фаъолияти мукаммали он тибқи маълумоти расмии оморӣ доир ба теъдоди ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки дар диаграммаи 3.3 тасвиршуда оварда шудаанд, ба таври васеъ ба мушоҳида намерасад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки низоми бонкӣ дар ҳамон ҳолате пешрафта мегардад, ки агар давлат иқтисодиёти пешрафта дошта, дар он татбиққунандагони истеҳсолот фаъол бошанд ва дар ин росто, онҳо тавонанд дар алоқамандӣ бо якдигар заминаи мусоиди рушди тарафайнро фароҳам оваранд. Бунёди низоми мукаммали бонкӣ агар аз як тараф ба бонкҳои дорои имконият шабоҳат дошта бошад, аз дигар тараф он бояд дорои имконияти ба рушд нигаронидашуда бошад. Чунин низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соли 2000-ум шакл гирифта, имрӯз ба яке аз муҳаррикҳои асосии пешбаранда мубадал гардидааст.

**Диаграммаи 3.3. – Тамоюли тағйирёбӣ ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1992-2023, (адад)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [22; 61]

Ҳамасола теъдоди бонкҳои гуногуншакл, ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ зиёд шуда истодааст. Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба шумораи бонкҳои низомсоз яке аз омилҳои асосие маҳсуб меёбад, ки дар он нақши назарраси рушди иқтисодиётро мушоҳида намудан имконпазир мегардонад ва иловатан ба мушкилоти норасоии захираҳои пулии бахши саноат ва дигар бахшҳои муҳими иқтисодӣ низ мусоидат менамояд.

Аз маълумоти дар диаграммаи 3.3 тасвиршуда маълум мегардад, ки оғоз аз соли 1992 то интиҳои соли 2004 шумораи бонкҳо тағйирёбанда буд, вале шумораи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қариб, ки бетағйир буд. Мутобиқи маълумоти диаграммаи мазкур дар соли 1997 теъдоди бонкҳо дар мамлакат ба 25 адад расид, вале бо талаботи бозорӣ ин шумора дар охири соли 2023 ба 15 адад расонида шуд. Ин гуна тағйирёбӣ дар натиҷаи гузаронидани реформаҳо дар низоми бонкӣ ба вуқуъ пайваст, ки гузариш аз шумора ба сифатро дар худ касб карда буд. Як қатор бонкҳое, ки ба талаботи бозори муосир ҷавобгӯ набуданд, муфлис шуданд ва қисми дигаре ба ҳамдигар мутаҳид карда шуданд.

Тибқи маълумоти диаграмма (диаграммаи 3.3), зиёдшавии теъдоди ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 1997 назаррас буда, самаранокии пастро доро буданд ва шумораи бонкҳо сароғоз аз соли 1992, ки ҳамагӣ 8 ададро ташкил медод дар соли 1996 ба 20 адад ва дар соли 1997 ба 25 адад расид. Дар ин давра, бонкҳои амалкунанда, ки фаъолияти ноустувор доштанд, танҳо як микдори маҳдуди амалиёти бонкиро ба анҷом мерасонданд.

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» (соли 1998), ва мутобиқ намудани фаъолияти низоми бонкӣ ба меъёрҳои ин қонун, шумораи бонкҳои дорои пардохтпазирии заиф то ба ҳадди 14 адад дар соли 2000-ум коҳиш дода шуд. Тибқи маълумоти диаграмма, шумораи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2006 кам гардид, ки ин аз заиф будани қисмати монобонкӣ дар сатҳи низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Қабули сандаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бахши имрӯзаи низоми бонкӣ нақши калидӣ дошта, зимнан замина фароҳам оварданд, то бонкҳои аз лиҳози иқтисодӣ рушдёфта тавонанд бидуни мамониат ба бахши воқеии иқтисодиёт ба хотири суботи минбаъдаи иқтисодӣ таъсир расонанд. Навобаста аз он, ки низоми бонкии мамлакат дар як давраи муайян аз лиҳози нуфуз, шумора ва мавқеъ пешсафиро касб намуд, ҳамоно баъзе мушкилоти дохилию берунӣ ба он боис гардидаанд, ки ин суръат ба маротиб коҳиш ёбад. Ҳамзамон, дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки барои тақивияти низоми қарздиҳии рушди соҳаи саноати сабук дар давраҳои минбаъда бояд масъалаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

– чорандешии доимӣ тибқи барномаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дар самти тақвияти низоми ғайринақдикунонии амалиёт ва бартараф кардани мушкилоти ба пули нақд алоқаманд;

– ба таври нақшавӣ ва тавассути корбурди воситаҳои дар ихтиёри бонкҳо қарордошта пурзур намудани захираҳои пулии бонкӣ ва дар заминаи ин зиёд намудани қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт;

– ташкили идоракунии таъсирбахши хавфҳо дар шуъбаҳои алоҳидаи бонкӣ, ки онҳо метавонанд ҳолати пешини қарорҳоро дуруст арзёбӣ намуда, хавфҳои пешомадаро дуруст муайян кунанд;

– пурзӯр намудани низоми назоратӣ аз рӯйи омилҳои берунӣ, ки бевосита ба омилҳои қурбӣ, таваррумӣ ва ғайриқурбӣ дахл доранд;

– ба таври нақшавӣ зиёд намудани ҳаҷми захираҳои қарзӣ ё сандуқи қарзӣ аз ҳисоби воситаҳои худӣ ва фоидаи дар давоми сол ба даст овардашуда ва ғ.

Қобили зикр аст, ки яке аз дастовардҳои асосии низоми бонкӣ дар бозори бонкӣ ин тақвияти низоми қарздиҳӣ ва рушди бомароми муносибатҳои қарзӣ дар самту соҳаҳои гуногуни муҳими ҷомеа мебошад. Иловатан, гуфтан зарур аст, ки пешбурди низомҳои нави қарзӣ ба он далолат менамоянд, ки ташкили воситаҳои ҳадафноки қарзӣ барои рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба сифати як амалкарди доимӣ қарор гирифта, дар ин самт бонкҳо бояд пайваста тадбирҳои зарурӣ андешанд. Ташаккул ва рушди низоми қарзӣ ба он далолат менамояд, ки онро дар сатҳи иқтисодиёт низоми дузинагии бонкӣ ташкил медиҳад ва ин имкон медиҳад, ки дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба низоми нави қарзгирӣ мураккаб набошад.

Чӣ тавре маълум аст, дар низоми бонкии мамлакат БМТ ҳамчун мақоми калидии қарздиҳӣ ба низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, он дар навбати аввал ҳамчун мақоми қарздиҳанда бaромад намуда, дар навбати дуюм ташкилкунандаи муносибатҳои нави қарздиҳӣ дар сатҳи бехавф мебошад. Маъмулан агар ба таърихи соҳибистиқлолии мамлакат ва рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ назар афканем, мушоҳида мекунем, ки дар марҳилаҳои аввали рушд низоми бонкӣ яке аз унсурҳои асосии таъминкунандаи рушди иқтисодӣ ва ташаккулдиҳандаи муносибатҳои нави пулию қарзӣ маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, маблағгузорӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва рушди доимии бахши воқеиии иқтисодиёт дар заминаи қарздиҳӣ тақозо менамояд, ки таъмини амният дар заминаи мувофиқаи тарафҳо ба таври доимӣ мавриди таваҷҷуҳ

бошад. Вобаста ба ин, мо рушди низоми қарздиҳиро дар заминаи соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додем (ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. Тамоюли тағйирёбии қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 1995-2023, (млн. сомонӣ)**

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт | 9,1 | 377,4 | 1286,3 | 6027,3 | 11341,7 | 10882,2 | 11970,4 | 13577,6 | 17844,8 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба солиҳои гузашта, (млн. сомонӣ) | - | 368,3 | 908,9 | 4741 | 5314,4 | -459,5 | 1088,2 | 1607,2 | 4267,3 |
| Тағйирёбӣ, бо %, мар. | 100 | 41,4 | 3,4 мар. | 4,6 мар. | 1,8 мар. | -0,95 б.ф. | 1,09 | 1,13 | 31,0 |

**Сарчашма:** ҳисоби муалллиф дар асоси [21; 22; 61]

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ гарчанде, ки дар мамлакат ғайридавлатӣ намудани моликият босуръат идома меёфт, вале воситаҳои қарзии ҷудонамудаи низоми бонкии мамлакат яке аз воситаҳои муассир ва таъсиррасон дар пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ба ҳисоб мерафтанд. Дар шароити бо пул таъмин набудани бахши воқеии иқтисодиёт, ҳамавақт чораандешӣ намудан ҷиҳати такмили қарздиҳии низоми бонкӣ ҳамчун масъалаи асосӣ ва аввалиндараҷа буд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳамавақт дар рушди муносибатҳои қарзӣ ва ҳаҷмҳои пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба субъектҳои иқтисодӣ таъсири омилҳои дохилию берунӣ зиёд аст ва ин таъсир боис мешавад, ки ин масъала тамоюли манфиро касб намояд. Бинобар ин, аз таҳлили маълумот пай бурдан мумкин аст, ки то соли 2015 тамоюли рушди қарздиҳӣ назаррас буда, ин баъд аз соли 2015 то соли 2020 то як андоза коҳиш ёфт.

Тибқи маълумоти ҷадвали 3.1 муайян аст, ки афзоиши бештари қарздиҳӣ асосан ба солҳои 2005-2010 рост меояд, ки дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ба андозаи 4,6 маротиба афзоиш ёфт. Рушди қарзиҳӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 ба 1,8 маротиба афзоиш ёфт. Дар

солҳои охир, рушди назарраси қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодии мамлакат дар соли 2023 мушоҳида мегардад, ки нисбат ба соли 2022 ба андозаи 31,0% афзоиш ёфт.

Новобаста аз он, ки қарздиҳӣ ба иқтисодиёт дар давоми солҳои 1995-2023 ба маротиб афзоиш ёфтааст, аммо чунин ҳисса ба таври зарурӣ рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиётро пурра таъмин карда наметавонад. Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза нишон медиҳад, ки сатҳи пасти қарздиҳӣ ва ҳолати бетағйири афзоиши он наметавонад муносибатҳои қарзиро дар як чорчӯбаи муайян ривоҷ дода, ҳиссаи воситаҳои қарзиро дар иқтисодиёт ба таври қаноатмандкунанда афзун гардонад.

Дар шароити имрӯзаи саноатикунонии босуръати мамлакат ва расидан ба ҳадафҳои ба рушд нигаронидашудаи соҳаи саноати мамлакат, ба анешаи мо, ислоҳоти сатҳӣ дар як қатор самтигириҳои бонкӣ муҳим ва зарурӣ мебошад:

– ташкили бонкҳои соҳавӣ дар асоси сармояи сетарафаи ҳадафнок ба хотири тавсеаи дастгирии қарзии рушди саноат;

– муттаҳидсозии низомҳои нави хизматрасониҳои қарзӣ аз ҳисоби бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои молиявии хориҷӣ ва дигар субъектҳои иқтисодии пуриқтидор;

– роҳҳои самараноки ҷалби аҳолӣ барои ба бонкҳо пешниҳод кардани маблағҳои озоди пулӣ ва дар ин замина ташкил намудани фонди ҳадафноки қарзӣ;

– ҳамасола дар сатҳи 15-20% зиёд намудани қарздиҳӣ ба соҳаи саноати мамлакат ва дастгирӣ намудани соҳибкории истеҳсолӣ;

– баланд бардоштани пардохтпазирии низоми бонкӣ бо роҳи гуногунрангсозии амалиёт ва хизматрасониҳо, ҳамчунин, зиёд намудани ҳиссаи қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи саноат;

– пурзур намудани низоми мукаммали қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои саноатӣ ва дар ин замина ба ниҳодҳои қарзӣ додани имконият;

– андешидани тадбирҳои зарурӣ дар самти пешниҳод намудани қарзҳои дарозмуҳлат ва имтиёзнок ба бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ;

– фаъол гардонидани ниҳодҳои давлатии соҳавӣ ба хотири рушди бомароми соҳаҳои саноат дар мамлакат.

Дар замони имрӯзаи рушди иқтисодӣ ва густариши соҳаи саноати мамлакат, гаронии меъёрҳо ва ҳаққи хизматрасонӣ аз рӯйи қарзҳои низоми бонкӣ дар рушди соҳа, боиси коҳиш ёфтани муносибатҳои доимии қарзӣ бо бонкҳо гардидааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза, гарчанде, ки талабот ба қарз зиёд бошад ҳам, аммо бо сабаби гаронии меъёри фоизи онҳо, муносибатҳои пулию қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо муштариён аз доираи корхонаҳои истеҳсолӣ коҳиш меёбад (диаграммаи 3.4).

**Диаграммаи 3.4. – Меъёри фарққунандаи фоизи қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ дар муносибатҳои қарзӣ дар солҳои 2012-2023, (бо %)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Агар ба таърихи низоми муносибатҳои қарзӣ назар афканем, дар ин сурат маълум мегардад, ки дар ин масъала чанд омили ба ҳам алоқаманди дутарафа ҷой дорад, ки ин аз як тараф сатҳи нокифоягии захираҳои пулии бонк ва аз дигар тараф меъёри баланди фоизи қарзу нокифоя будани сатҳи

пардохтпазирии субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, гуфтан мумкин аст, ки ин мушкилот метавонанд дар сатҳи рушди муносибатҳои қарзӣ таъсири манфӣ расонида, ин ҳиссаро метавонанд коҳиш диҳанд.

Таҳлилҳои анҷомгардида ба он ишора менамоянд, ки сарфи назар аз он, кӣ дар дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан соҳаи саноат нақши қарздиҳии бонкӣ назаррас аст, лекин ҳоло ҳам ин нишондиҳандаҳо қаноатмандкунанда нестанд. Илова бар ин, меъёри фоизи қарзҳои додашуда низ дар давраи таҳлилӣ ба ҷойи коҳиш ёфтан, баракс боло гардидааст ва он дар давоми солҳои 2012-2023, яъне дар давоми 11 соли охир ҳадди ақал ба меъёри 1,0% коҳиш наёфта, баракс дар охири соли 2023 нисбат ба интиҳои соли 2012 ба андозаи 1,4% афзудааст. Ин тамоюлро дар таҳқиқоти илмии худ мо метавонем ба чанд масъала рабт диҳем, ки ҳар кадоми он метавонад омилу таъсирҳои гуногун дошта бошад. Ба ин масъала метавонад сатҳи пасти рақобатпазирии низоми бонкӣ дар пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, кифоя набудани воситаҳои худӣ дар таркиби сандуқи қарзӣ, кӯтоҳ будани муҳлати пасандозҳо ва нисбатан баланд будани меъёри фоизи онҳо, инчунин, ҷанбаҳои дигар ба он боис мегардад, ки ин тамоюл дар сатҳи қаноатмандкунанда рушд накунад. Аз ин хотир, мо бар он андешаем, ки тамоюлҳои мазкур дар сатҳи низоми бонкӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошанд:

– нокифоягии сатҳи захираҳои пулии бонк барои афзоиши ҳаҷм ва ҳиссаи қарздиҳӣ;

– вобастагии ҳисса ва ҳаҷми даромади бонкӣ аз ҳисоби амалиёти қарзӣ, яъне вобаста будани бонк ба ин амалиёт;

– дар сатҳи нокифоя қарор доштани рақобат байни бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ба соҳаи саноат қарздиҳанда;

– фаъолияти монанди амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ, махсусан амалиёти қарзии бонкҳо;

– сатҳи нокифояи гуногунрангии амалиёти қарзӣ вобаста ба талаботи субъектҳои иқтисодӣ, махсусан бахши саноати мамлакат.

Ҳоло ҳам мо гуфта метавонем, ки сатҳи рушди назарраси нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ аз рушди бахши воқеии иқтисодиёт вобаста мебошад ва ҳолати пасти онҳо низ метавонад ба ин ҷараён таъсир расонад. Бинобар ин, зарурати ташкили муҳити рақобат роҳи ягонаи баромадан ба низомҳои нави ба рушд нигаронидашудаи низоми бонкӣ мебошад, ки он албатта соҳаи саноатро низ дар бар мегирад. Гуфтан мумкин аст, ки таъсири таркибии иқтисодиёт хосияти занҷиравӣ дошта, дар сурати рушди он на танҳо ба ҷамъият фоида меорад, балки амалиёти бонкӣ низ метавонанд густариш ёбанд. Илова ба рушди захираҳои пулии бонкҳо, васеъшавии доираи амалиёт ва як қатор масъалаҳои дигар бевоиста ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт вобастагии зиёд дорад. Ғайр аз ин, самаранокии захираҳо, афзоиши онҳо ва ба самтҳои афзалиятнок сафарбар кардани онҳо ҳам, аз фаъолияти дурусти низоми бонкӣ вобастагӣ дорад.

Аз таҳлилҳо пай бурдан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ бинобар сабаби рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ тамоюли зиёдшавиро касб намудаанд ва дар баробари он, нишондиҳандаҳои қарзӣ низ тамоюл ба зиёдшавӣ доранд. Бинобар ин, тақвият ва рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ яке аз роҳҳои самарноки расидан ба ҳадафҳои ба рушд нигаронидашудаи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар ин радиф, сандуқи қарзӣ низ яке аз самтҳои афзалиятноки дигари иқтисодӣ маҳсуб ёфта, рушди ҳаҷм ва беҳтаргардонии сифати он омили муҳими рушд ва дастгирии пайвастаи бахши воқеии иқтисодиёт мебошад (ҷадвали 3.2).

Қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи низоми бонкӣ масъалаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои таркибӣ ва ҳамаҷонибаи низоми бонкӣ аз ҳисоби арзёбии омилҳои манфӣ бар он далолат менамояд, ки дар сурати анҷоми амалиёти нақдӣ ё зиёд намудани ҳиссаи онҳо ва ҷавоб гардонидан ба амалиёт бидуни техника ва технологияи муосир, низоми бонкии мо дар ин самт метавонад то як андоза осебпазир гардад. Аз ин хотир, тақвияти амалиёти рақамӣ ва такя намудан ба дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт роҳи ягонаи расидан ба ҳадафҳои муқарраршуда мебошад.

**Ҷадвали 3.2. – Сифати сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023, (млн. сомонӣ)**

| Гурӯҳбандии қарзҳо | Солҳо | | | | | | | 2023/2014, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Ҷамъи қарзҳо | 9 661,3 | 9 823,1 | 8 652,5 | 10 882,5 | 11 970,4 | 13 269,5 | 17 473,9 | 80,8 |
| Қарзҳои фаъол | 7 482,1 | 5 220,0 | 6 021,5 | 8 336,7 | 10 363,6 | 9 624,5 | 14 137,3 | 88,9 |
| Қарзҳои ғайри-фаъол | 2 179,2 | 4 603,1 | 2 631,0 | 2 545,8 | 1 606,8 | 3 645,0 | 3 336,6 | 53,1 |
| Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар маҷмуи қарзҳо | 22,6% | 46,9% | 30,4% | 23,4% | 13,4% | 27,4% | 19,0% | -3,6 б.ф. |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2023 дар ҷадвали 3.3 оварда шудааст. Дар асоси таҳлили маълумоти дар ҷадвали мазкур овардашуда муайян намудан мумкин аст, ки дар давраи таҳлилӣ  ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар соли 2023 бо таносуб ба соли 2014 дар ҳаҷми 80,8% зиёд гардидааст ва ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар муқоиса ба соли 2014 ба андозаи -3,6 б.ф. кам гардидааст, ки ин ба беҳтар шудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, таҳлили ҷадвали мазкур аз беҳ шудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ далолат медиҳад, аммо ин ҳисса барои рушди иқтисодиёти мамлакат қаноатмандкунанда нест ва ин ҷиҳатро дар нақшаи дурнамо низ дар сатҳи зарурӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар баробари ҳамаи он, ки имрӯз бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ таваҷҷуҳи бевосита ба бахши воқеии иқтисодиёт зоҳир мекунанд, зарур аст, ки дар баробари ҳамаи ин барои боз ҳам зиёд намудани чунин тамоюл ва дастгирии пайвастаи соҳаи саноат ва қарздиҳӣ ба он андешидани тадбир зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- зиёд намудани қарзҳои мақсаднок ва дарозмуҳлат ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан соҳаи саноат ва кишоварзӣ;

- ташкили идораи пешгирикунандаи зиддихавфӣ ва ояндабинӣ дар самти истифодаи мақсадноки қарзҳои низоми бонкӣ;

- ҷалби сармояи арзони хориҷӣ ба самтҳои афзалиянок ва дар заминаи ин дастгирии бевоситаи бахши воқеӣ;

- қабул намудани барномаҳои махсуси мақсадноки қарздиҳии бахши воқеии иқтисодиёт;

- дар доираи имкониятҳо, тавассути захираҳои дохилии ҷорӣ, ташкили ширкати идоракунии дороиҳо, аз ҷумла дороиҳои ғайрифаъол;

- пеш бурдани сиёсати дурусти қарздиҳӣ тавассути пули миллӣ ё захираҳои пулии бо сомонӣ асосёфта ва ғ.

**Ҷадвали 3.3. – Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2023, (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2023/ 2014, бо %, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 14 854,1 | 21 187 | 21201,0 | 26 307,4 | 22 414,7 | 30 030,6 | 37 679,5 | 2,5 мар. |
| Сндуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ | 9 661,3 | 9 823,1 | 8 677,2 | 10 882,5 | 11 970,4 | 13 269,5 | 17 473,9 | 80,8 |
| Қарзҳои қолабӣ | 7 482,1 | 4 111,0 | 6 045,0 | 8 336,7 | 10 363,6 | 10 471,7 | 14 137,3 | 88,9 |
| Қарзҳои таснифшуда | 2 179,2 | 5 712,1 | 2 632,2 | 2 545,8 | 1 606,8 | 2 797,8 | 3 707,5 | 70,1 |
| Ухдадориҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 12 507,8 | 15690,1 | 15287,3 | 33 86,8 | 17 339 | 23 731,6 | 30 318,8 | 2,4 мар. |
| Амонатҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 6 691,5 | 9244 | 9723,8 | 11414,2 | 10159,3 | 15 507,8 | 19 462,6 | 2,9 мар. |
| Сармояи тавозунии маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ | 2 346,3 | 5 496,9 | 5 913,6 | 7 175,7 | 5 075,7 | 6 299,0 | 7 360,6 | 3,1 мар. |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [13; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22]

Дар сатҳи низоми бонкӣ ва коҳиш додани сифати сандуқи қарзии бонкҳо, масъалаи норасоии асъори хориҷӣ дар давраи пардохти қарзҳо як қатор мушкилотро ба миён овард, ки ба сифати сандуқи қарзии бонкҳо таъсири

манфӣ расонид. Ба ҳамин мақсад, дедолларикунонии сандуқи қарзии низоми бонкӣ, дар шароити норасоии асъори хориҷӣ яке аз шартҳои асосии паст кардани шиддати хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ маҳсуб меёбад.

Дар раванди таҳлилу таҳқиқи иқтидори қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноати сабук, дороиҳои бонкӣ, ҳолати сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва пардохтпазирии корхонаҳои саноати сабук мушкилот ошкор гардида, роҳу усулҳои вусъат бахшидани онҳо пешниҳод карда шуданд. Дар ин баробар, дар рафти таҳқиқи масоили мазкур механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии низоми бонкӣ дар доираи имконият ва шароити ҷойдошта ошкор карда шуда, бобати дарёфти роҳҳо ва механзимҳои муносиби қарздиҳӣ ба бахши саноати сабук як зумра хулоса ва пешниҳоди мушаххас манзур карда шуд. Таҳлилҳо айён сохтанд, ки нишондодҳои маҷмуии низоми бонкӣ дар ҳолати рушд қарор гирифтанд, вале нишондиҳандаҳои қиёсӣ дар баъзе ҳолат майли баракс дошт. Имрӯзҳо дар сатҳи иқтисодиёт яке аз масоили появие, ки ба воситаи он ба ҳавасмандсозии қарздиҳандаю қарзгиранда метавонад баҳогузорӣ намояд, ин қарздиҳии низоми бонкӣ ба рушди истеҳсолоти саноатӣ мебошад.

## 3.2. Такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ дар саноати сабук

Дар шароити татбиқи стратегияи рушди устувори иқтисодӣ ва саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи такмили механизмҳои қарздиҳии бонкӣ барои корхонаҳои бахши воқеӣ, аз ҷумла саноати сабук, махсусан муҳим аст. Таҳлили дар боби 2-и таҳқиқот гузаронидашуда нишон дод, ки шаклҳо ва шартҳои мавҷудаи пешниҳоди қарз ба хусусиятҳои соҳавӣ ва талаботи сармоягузории корхонаҳои саноати сабуки мамлакат пурра ҷавобгӯ нестанд, ки ин ба самаранокии захираҳои қарзӣ ва дараҷаи боздеҳии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи баргардонидани қарз унсури асосии устувории низоми бонкӣ ва ҳамзамон, омили муайянкунандаи дастрасии қарз барои корхонаҳои саноати сабук мебошад. Мутобиқ набудани механизмҳои қарзӣ ба хусусиятҳои даври истеҳсолии соҳа, мавсимии талабот ва сохтори хароҷот боиси афзоиши хавфҳои қарзӣ ва ташаккули равиши консервативӣ дар муносибати бонкҳо ба қарздиҳӣ мегардад, ки воридшавии захираҳои молиявиро ба соҳаи саноати сабук маҳдуд мекунад.

Аз ин рӯ, такмили механизмҳои пешниҳоди қарз бояд на танҳо ҳамчун воситаи тавсеаи дастрасии корхонаҳои саноати сабук ба маблағгузории бонкӣ, балки ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи қарз ва таъмини баргардонидани саривақтии онҳо баррасӣ карда шавад. Беҳтар кардани шартҳои қарздиҳӣ, аз ҷумла муҳлатҳо, меъёрҳои фоизӣ, шаклҳои гарав ва ҷадвали пардохт, – ҳамаи ин имкон медиҳад, ки муносибати нисбатан мутавозин байни бонкҳо ва қарзгирандагон аз доираи корхонаҳои саноати сабук таъмин карда шавад ва сатҳи хавфҳои байниҳамдигариро коҳиш ёбад.

Дар шароити имрӯза, татбиқи равишҳои гуногуни қарздиҳӣ ба корхонаҳои саноати сабук, вобаста ба миқёс, вазъи молиявии корхонаи қарзгир ва марҳилаи даври истеҳсолот, махсусан муҳим аст. Истифодаи механизмҳои фасеҳи таҷдиди сохтори қарз, тамдиди муҳлат ва истифодаи воситаҳои молиявии муттаҳидкардашуда ба беҳтар шудани қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон ва тақвияти эътимод ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, самти муҳими такмили механизмҳои баргардонидани қарзҳо рушди муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла баланд бардоштани шаффофияти ҳисоботи молиявии корхонаҳо, ҷорӣ намудани низомҳои муосири идоракунии хавфҳо ва васеъ кардани доираи истифодаи кафолатҳои давлатӣ ва механизмҳои суғуртаи хавфҳои қарзӣ мебошад. Ин тадбирҳо ба коҳиш додани бори низоми бонкӣ мусоидат мекунанд ва ҳамзамон, афзоиши фаъолияти қарздиҳиро дар саноати сабук ҳавасманд месозанд.

Ҳамин тариқ, зарурати такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани қарзҳо дар саноати сабук ҳам аз ҳадафҳои баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ ва ҳам аз эҳтиёҷоти соҳа ба маблағгузории дарозмуҳлат ва дастрас бармеояд. Баррасии ин масъалаҳо дар зербоби мазкури таҳқиқот имкон медиҳад, ки маҷмуи тадбирҳоеро, ки ба таҳияи амсилаи муассири қарздиҳии бонкӣ нигаронида шудаанд ва қодир ба таъмини рушди устувори саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, асоснок карда шавад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди пешрафта ва ба амнияти иқтисодӣ асосёфта моро зарур аст, ки таваҷҷуҳи ниҳодҳои молиявиро барои додани қарзҳои имтиёзнок ба бахши саноати мамлакат густариш дода, ба пешрафти яке аз масъалаҳои асосии бахши саноати мамлакат, аз ҷумла соҳаи саноати сабук мусоидат намоем. Бояд иброз намуд, ки талошҳои пайвастаи ҳукумати мамлакат, бо роҳи фароҳам овардани шароит дар бахши ниҳодӣ, ҷиҳати дастгирии ин соҳа, пайваста идома дорад. Бахши молиявии Тоҷикистон дар соли 2030 «низоми муосири босуръат афзоишёбандаи муассисаҳои молиявии рақобатпазир, ки дорои қобилияти пешниҳод намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти мухталифи босифат ва инноватсионии молиявӣ ба истеъмолкунандагон мебошад ва шароитҳои мусоид барои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ фароҳам оварда, ба таъсири таконҳои берунӣ устувор мебошад» [11].

Вобаста ба ҳадафҳои асосии ин стратегия, дар самти тақвияти рушди устувори ҳаматарафаи низоми бонкӣ, зарурати беҳтаргардони фазои сохторҳои доимоамалкунандаи назоратӣ дар самти коркарди ҳодисаҳои эҳтимолии бавуҷудоянда, ки онҳо метавонанд боиси бо суръати баланд ворид намудани техника ва технологияҳои муосир гарданд, шарти зарурӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт такя намудан муҳим ва зарурӣ мебошад. С.Ҷ. Махшулов қайд менамоянд, ки «хатарҳои бонкӣ хусусияти вобастагӣ дошта, дар баробари дигар хатарҳои ҷиддидошта таъсиррасон ба фаъолияти иқтисодии бонкҳо маҳсуб меёбад» [122, с. 78-84]. Новобаста аз оне, ки хатарафзо гардидани

фаъолияти бонкҳо вобаста ба таъсири омилҳои берунӣ баръало эҳсос мегардад, бахши низоми бонкиро зарур аст, ки ба бахши саноати ҷумҳурӣ, аз ҷумла саноати сабук такя намоянд.

Моро зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ бо талошҳои ҳукумати мамлакат ва талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи саноат ва бахшҳои асосии онро пайваста тақвият дода, баҳри татбиқи амалии дастурҳои Сарвари давлат талош намоем. Аз таърихи мавҷудияти давлатҳои мутараққии ҷаҳон мушоҳида мегардад, ки устувории давлат ҳамон вақт бардавом нигоҳ дошта мешвад, ки агар соҳаи саноати мамлакат самаранок фаъолият намояд. Бо дарки ин мақсад дар қатори ҳадафҳои нахустини стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд.

Дар паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 26-уми декабри соли 2018 қайд карданд, ки «бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [9]. Дар воқеияти имрӯза, рушди соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи онро калиди рушди дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, маънидод кардан мумкин аст. Вобаста ба татбиқи рушди башхи саноат дар меҳвари худ дигар соҳаҳои муҳимро ташаккул дода, як қатор мушкилотҳои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ доштаро дар сатҳи зарурӣ ҳал менамояд. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи зарурӣ афзоиш додани шумораи корхонаҳои саноатӣ агар аз як тараф сатҳи бекориро таъмин намояд, аз тарафи дигар бозори дохилиро бо молҳои истеҳсолӣ таъмин ва ҳиссаи содиротро дар арсаи байналмилалӣ зиёд менамояд.

Айни замон, соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус бахши саноати сабуки он дар баробари соҳаи муҳим ва зарурӣ буданаш, ҳамеша ба маблағгузориҳои иловагӣ аз сарчашмаҳои гуногун вобаста мебошад. Ҷиҳати таъмини соҳаи саноати сабук ба воситаҳои қарзӣ бояд массъалаҳои зерин вазифаи давлат ва дигар ниҳодҳои молиявию қарзӣ бошад:

– дарёфти роҳҳои имконпазири соҳаи саноати сабук ба дастрасии қарзҳои лоиҳавӣ, ҷиҳати рушди корхонаҳои соҳа;

– фароҳам овардани шароити мусоид, ҷиҳати дастрасии ҳамаҷонибаи соҳаи саноат ба қарзҳои гуногун;

– фароҳам овардани шароити мусоид, ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои арзони дарозмуҳлат ва дорои имтиёзҳо;

– додани имконият ва имтиёзҳои зарурии давлат ба бахшҳои алоҳида ва ёрирасони соҳаи саноат ва ғ.

Боиси зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳаи саноат ва сохторҳои алоҳидаи он фарохмаҷро буда, дар доираи он дигар соҳаҳои муҳим низ метавонанд ташаккул ва инкишоф ёбанд. Аз ин нуқтаи назар, дар шароити имрӯза саноати сабук метавонад маҳаки рушди иқтисодиёт бошад ва дар ҳама ҳолат ба воситаҳои пулӣ дар шакли қарз ва субсидияҳои давлатӣ таъмин кардани он шарти зарурӣ маҳсуб меёбад. Ҷиҳати таъмини корхонаҳои хурд ва миёнаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба зарурат мо метавонем аз як қатор сарчашмаҳое, ки дорои имконияти молиявӣ мебошанд, истифода барем.

Дар таҷрибаи давлатҳои пешрафта соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти онҳо мавқеи асосӣ дошта, тавассути он давлатҳои аз лиҳози молҳои саноатӣ қафомондаро дастгирӣ менамоянд. Шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имконияти иқлимӣ дар муқоиса ба соҳаи кишоварзӣ бештар имконияти хуби рушди соҳаи саноати сабукро доро мебошанд. Захираҳои бойи табиию гидроэнергетикӣ, ба мо имкон медиҳад, ки тавассути имконияти мавҷудаи васеъ, соҳаи саноати сабукро тақвият дода, рушди бомароми онро зина ба зина мустаҳкам намоем.

Ташкили муҳити ҳамгирой дар соҳаи саноати сабук бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад:

- ташкили муҳити солими ҳамгирой дар бахши саноати сабук ва хизматрасонӣ ҳангоми мубодилаи молҳо, иттилоот ва дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ;

- фароҳам будани шароит, ҷиҳати дастрасӣ ба молҳо ва маҳсулоти сатҳи гуногуне, ки дар натиҷаи коркард шакл ва арзиши худро дигар мекунанд;
- ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ дар сатҳи иқтидорҳои дохилӣ ва бо ин роҳ густариш додани самтҳои фаъолияти онҳо;
- ташкили муҳити ҳисобдорӣ дар ҳама сохторҳои соҳаи саноат, ҷиҳати сода гардонидани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои молиявӣ ва мақомоти давлатӣ;
- ҳамоҳанг сохтани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҷиҳати пешбурди фаъолият дар ҷараёни ҳамкориҳои дохилию берунӣ.

Таҷрибаи дастгирии молиявӣ ва дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон собит намуд, ки аз ҳама бештар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ фаъол буда, ҳиссаи давлат ва сармоягузорони хориҷӣ кам ба назар мерасад. Сарфи назар аз он, ки таваҷҷуҳи ҳукумат ба соҳаи саноат тавассути як қатор барнома ва стратегияҳои соҳавӣ бештар гардидааст, солҳои охир ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаи саноат низ афзоиш ёфта истодааст, аммо аз рӯйи ҳисса дар маҷмуъ вобаста ба оне, ки ин соҳа имконияти қарзгирии бештарро дорад, қарзҳои ҷудогардида ҳанӯз қаноатмандкунанда нестанд (диаграммаи 3.5).

Аз маълумоти дар диаграммаи 3.5 тасвиршуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки тамоюли болоравии қарзҳои дебеторӣ нисбат ба қарзҳои кредиторӣ аз беҳтаршавии фаъолияти бахшҳои алоҳидаи соҳаи саноат мебошад. Дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамеша ба он масъалае вохӯрдан мумкин аст, ки онҳо таркибан хусусияти якхела дошта, бидуни якдигар амал карда наметавонанд. Вобаста ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа, муносибатҳои бонкӣ бо дигар субектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт назаррас гардида истодаанд, аммо то ҳол қаноатмандкунанда нестанд. Тибқи таҳлилҳои бадастомадаи бахши воқеии иқтисодиёт, соҳаи саноат дар муқоиса ба соҳаи кишоварзӣ рақобатпазирии зиёд дошта, имконияти қарздиҳии бештарро низ доро мебошад.

**Диаграммаи 3.5. – Тамоюли тағйирёбии иқтидори қарзии соҳаи саноат вобаста ба қарзҳои дебеторӣ ва кредиторӣ дар солҳои 2013-2023, (бо %)**




**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф дар асоси [24, с. 427-428]

Дар замони имрӯзаи хоҷагидорӣ, вобаста ба имконияти қарзадокунӣ, аз ҳисоби қарзҳои дебеторӣ, ки дар оянда имконияти қарзгирии корхонаҳои саноатиро бештар мегардонад, бояд ҳиссаи қарздиҳӣ ба ин соҳа бештар карда шавад. Аз таҳлили маълумоти диаграммаи 3.5. муайян кардан мумкин аст, ки қарзҳои кредиторӣ дар маҷмуи умумии қарзҳои дебеторӣ ҳиссаи бештарро доро мебошанд. Масалан, агар ҳиссаи қарзҳои соҳаи саноат дар соли 2013 ҳамагӣ 68%-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 90,2% баробар гардида, дар соли 2023 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 22,2% бештар гардид. Ҳиссаи қарзҳои дебеторӣ бошад, дар соли 2013 андозаи 49,6%-ро ташкил намуда, дар соли 2023 ба 79,8% расонида шуд, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2013 тамоюли зиёдшавиро касб карда, ба андозаи 30,2% афзуд, ки он имконияти қарзгирии субъектҳои соҳаи саноатро барои гирифтани қарз васеъ гардонид.

Қобилияти қарзадокунии корхонаҳои саноатӣ низ аз он масъалаҳое махсуб мeёбанд, ки он дар назди ниҳодҳои молиявию қарзӣ нақши асосӣ ва калидӣ дорад. Ҳамчунин, аз як қатор маълумоти расмии омории мушаххас

бармеояд, ки сатҳи қарзпазирии соҳаи саноат дар муқоиса бо дигар соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, тамоюли пастро касб намудааст (ҷадвали 3.4).

**Ҷадвали 3.4. – Тағйирёбии қарздорӣ аз рӯйи уҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 2000-2023, (млн. сомонӣ)**

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2023 |
| Ҷамъи қарздорӣ, аз рӯйи уҳдадориҳо | 646,7 | 2142,7 | 5935,0 | 15684,7 | 35522,1 | 39114,4 | 78920,9 |
| Аз ҷумла, қарзҳои мухлаташон гузашта | 335,9 | 132,1 | 428,2 | 38,7 | 2728,1 | 3901,9 | 1507,4 |
| Қарзҳои додаи бонкҳо | 16,5 | 274,8 | 472,3 | 1900,3 | 7857,0 | 8340,4 | 52121,2 |
| Аз ҷумла, қарзҳои мухлаташон гузашта | 0,1 | 22,7 | 0,0 | 5,0 | 1357,5 | 1945,2 | 1547,7 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [26, с. 41; 24]

Амсилаҳои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ва дастгирии ҳаматарафаи ин соҳа боиси фаъол гардидани дигар соҳаҳо шуда, ҳамвора ба татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат, мусоидат менамояд. Қобили тазакур аст, ки яке аз механизмҳои асоии дастрасии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, дастёбӣ ба захираҳои қарзӣ мебошад ва ин аз қобилияти бозпасгардонии қарзҳо ва масъулияти баландӣ онҳо низ вобастагии зиёд дорад. Чунончӣ аз маълумоти ҷадвали 3.4 бармеояд, қобилияти базпасгардонии қарзҳо аз тарафи корхонаҳои сатҳи гуногуни соҳаи саноатӣ дар назди бонкҳо тамоюли коҳишбӣ дошта, ҳатто дар соли 2000 ба 0,1 млн. сомонӣ ва дар соли 2010 ба сифр баробар гардида, дар соли 2015 бошад, ба 5,0 ва дар соли 2023 андозаи 1547,7 млн. сомониро ташкил намуд.

Вобаста ба ҳадафҳои стратегии давлат дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат, махсусан саноати сабук шумораи корхонаҳои саноатӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, сатҳи даромаднокии онҳо низ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад ва ин тамоюл метавонад дар асоси барномаву стратегияҳои муайяни соҳавӣ суръати рушди худро идома диҳад (диаграммаи 3.6).

**Диаграммаи 3.6. – Пӯёи тағйирёбии шумораи корхонаҳои саноатӣ ва фаъолияти молиявии онҳо дар солҳои 2014-2023**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [24, с. 420]

Тақвияти рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси афзоиши истеҳсоли молҳои саноатӣ ва ҳиссаи онҳо дар таркиби ММД гардида, як қатор соҳаҳои дигарро низ ҳамчун омили ёрирасон тақвият медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навобаста аз оне, ки соҳаи саноат дар баробари соҳаи кишоварзӣ дорои афзалияти бештар мебошад, ба сатҳи рушди он метавонад як қатор омилҳо таъсири манфӣ расонанд. Аз ин хотир, дар як қатор барнома ва стратегияҳои қабулгардидаи миллии рушд масъалаи тақвияти соҳаи саноат ва зерсоҳаҳои асосию афзалиятноки он ба монанди соҳаи саноати сабук ва ба ин васила беҳбудӣ бахшидан ба сатҳи фаъолияти дигар соҳаҳо низ дар назар гирифта шудааст.

Дар асоси андешидани чораҳои зарурӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумати мамлакат ба ин масъала, ҳамасола шумораи корхонаҳои саноатӣ ба таври чашмрас дар ҳоли рушд қарор доранд. Таҳлилҳо дар ин масир нишон

медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ агар дар соли 2014 ба 643 адад баробар бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 2546 адад расонида шуд, ки дар муқоиса ба соли 2014 ба микдори 1903 адад ва ё 3,9 маротиба зиёд гардидаанд.

Сатҳи даромаднокии корхонаҳои саноатӣ як қисми дигари имконияти мавҷудаи онҳо дар тақвияти бомароми соҳа ва маҳсулотҳои саноатии ниёзи дохилӣ ва ба содирот нигаронидашуда мебошад. Сатҳи даромаднокӣ ё фоида ва зарари корхонаҳои саноатӣ аз вазъи иқтисодии давлат ва муҳити берунии иқтисодии он вобаста буда, ҳамасола тамоюли тағйирёбӣ дорад. Таҳлилҳои маълумоти дигараммаи мазкур нишон медиҳанд, ки агар сатҳи даромаднокии корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 2014-2017 тамоюли коҳишёбӣ дошта бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2018 маблағи 572,3 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 андозаи 1137,4 млн. сомонӣ баробар гардид. Нишондиҳандаи зикршуда дар соли 2020 бинобар сабаби хуруҷи паҳншавии вабои ҳамагири COVID-19 ба андозаи -3807,6 млн. сомонӣ коҳиш ёфта, дар соли 2023 натиҷаи мусбатро соҳиб гашт, ки ин тамоюл метавонад минбаъд низ афзоиш ёбад.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, яке аз механизмҳои дигаре, ки метавонад ба рушди соҳаи саноати сабук мусоидат намояд ин сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад. Иловатан, иброз доштан зарур аст, ки рушди соҳаи саноат дар мамлакат боиси афзоиши сатҳи сармоягузори ба соҳаҳои алоҳидаи саноат мебошад. Илова бар ин, муҳити сармоягузорӣ аз муҳити иқтисодиии мамлакат ва озодии он вобастагии зиёд дорад. Ҳамзамон, дар сатҳи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ба соҳаи саноат ва кишоварзӣ, яке аз бахшҳои калидии рушди ҳаматарафа мебошад, ки он дар маркази диққати ниҳодҳои молиявии дохилию хориҷӣ ва давлат қарор дорад. Дар самти дасгирии соҳаи саноати сабук сармоягузории мустақими хориҷӣ низ яке аз қисматҳои дигари бо пул таъмин кардани соҳаи мазкур ба шумор меравад, ки айни замон дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад (ҷадвали 3.5).

**Ҷадвали 3.5. – Таҳлили бартарии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2016-2023 (бо млн. долл. ИМА)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | 2023/2016, бо %, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023* | |
| **Сармоягузориҳои мустақим, ҳамагӣ** | 345,4 | 359,6 | 192,7 | 188,9 | 478,0 | 284,0 | -17,7 б.ф. |
| Кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал | 42,8 | 2,4 | 11,2 | - | 0,4 | 21,5 | -49,7 б.ф. |
| Ҳиссаи кишоварзӣ, бо % | 12,4 | 0,69 | 5,8 | - | 0,83 | 7,5 | -4,9 б.ф. |
| Саноати коркард | 106,1 | 99,2 | 8,2 | 5,2 | 104,4 | 49,9 | -52,9 б.ф. |
| Ҳиссаи саноати коркард, бо % | 30,7 | 27,6 | 4,2 | 2,7 | 21,8 | 17,5 | -13,2 б.ф. |
| Саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег | 110,1 | 210,8 | 131,1 | 87,4 | 353,6 | 125,5 | 13,9 |
| Ҳиссаи СИМТКР, бо % | 31,8 | 5.8 | 68,0 | 46,2 | 73,9 | 44,1 | 12,3 |
| Сохтмон | 6,4 | 14,1 | 12,4 | 13,1 | 47,5 | 28,1 | 4,3 мар. |
| Ҳиссаи сохтмон бо % | 1,8 | 3,9 | 6,4 | 6,9 | 9,9 | 9,8 | 8,0 |

*маълумоти пешакии БМТ

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [22, с. 244-248; 24]

Яке аз механизмҳои дигари рушди соҳаи саноат ва зербахшҳои он, ба монанди саноати коркард ва сабук, ин ҷалби сармояи арзони хориҷӣ мебошад, ки тавассути он минтақаҳои алоҳидаи мамлакат, ки имконияти рушди соҳаи саноатро доро мебошанд, тавассути он ривоҷ дода мешавад. Муҳаррики иловагии рушди соҳаи саноат ин сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад, ки аз лиҳози имтиёз ва истифода дорои бартарии бештар нисбат ба қарзҳои бонкӣ аз лиҳози мухлат ва фоиз маҳсуб меёбад. Вобаста ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт, тавҷҷуҳи бештарро соҳаи саноат ва бахшҳои он доро буда, ҳиссаи сармоягузорӣ ба он дар муқоиса ба соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳои ба ин баробар, бештар мебошад.

Таҳлили маълумоти дар ҷадавали 3.5. овардашуда нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард, ки ба таркиби он саноати сабук дохил мешавад, дар соли 2016 маблағи 106,1 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода бошад ҳам, ин нишондиҳанда дар соли 2023 тибқи ҳисоботҳои пешакии БМТ маблағи

49,9 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуда, дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 ба андозаи -52,9 б.ф. кам гардид. Вале, ин нишондод дар соли 2022 маблағи 104,4 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода, дар таносуб ба соли 2016 андозаи -1,6 б.ф. кам гардид. Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар бахши саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег соли 2016 маблағи 110,1 млн. долл. ИМА ва дар соли 2023 маблағи 125,5 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода, дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 ба андозаи 13,9% афзоиш ёфт, ки ин бахши саноат дар муқоиса ба саноати коркард афзалияти бештари сармогузориро доро мебошад.

Таҳлил дар бахши сармоягузории мустақим ба бахши сохтмон нишон дод, ки агар дар соли 2016 ба ин соҳа маблағи 6,4 млн. долл. ИМА сармоягузорӣ шуда бошад, дар соли 2023 он якбора ба 28,8 млн. долл. ИМА расонида шуд, яъне 4,1 маротиба бештар гардид. Дар бахши кишоварзӣ, шикор, моҳидорӣ ва хоҷагии ҷангал бошад, сармоягузории мустақим кам гардида, он дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 ба андозаи -49,7 б.ф. коҳиш ёфт. Аз таҳқиқот маълум гардид, ки солҳои охир таваҷҷуҳи сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи сохтмон ва саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег бештар гардида истодааст.

Т.Д. Низомова дар китоби худ зикр менамоянд, ки «Саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмуии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро имрӯзҳо зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва бештар аз 140 навъи маҳсулот муаррифӣ мекунанд, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук ва кимиё, мошинсозӣ, коркарди металл, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд» [62, с. 10]. Вобаста ба ин андеша иброз доштан муҳим аст, ки имрӯз саноати мамлакат аз ҷиҳати техникӣ пурра таъмин набуда, балки дар роҳ ба суйи муҷаҳҳазсозӣ бо дастгоҳу технологияҳои инноватсионӣ ва ҳушманди истеҳсолӣ мебошад ва барои беҳтаргардонии фазои рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои зарурӣ андешида шуда, дар ин самт як зумра созишномаҳои байнидавлатӣ ва барномаву стратегияҳои дахлдори давлтӣ баста ва қабул гардидаанд, ки ҳамаи

инҳо барои бунёд ва рушди соҳаи саноати мамлакат мусоидати ҳаматарафа менамоянд.

Дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатии рушди минтақавию соҳавӣ, масъалаи ҷойгиркунии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар минтақаҳо, мутобиқи кофӣ будани захираи ашёи хоми табиӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ афзалиятҳои сиёсати мамлакат дар соҳаи саноат муқаррар карда шудааст. Аз ин хотир, тамоми ниҳодҳои молиявӣ ва давлатро зарур аст, ки ҷиҳати рушди ҳаматарафаи соҳаи саноат тадбирҳои заруриро вобаста ба рушди ҳаматрафаи соҳа чораҳои зарурӣ андешида, роҳҳои бо пул таъминкунӣ ва сармоягузориро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳуриии Тоҷикистон ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи соҳаи саноат як қатор камбудиҳо ҳал ва як қатор афзалиятҳо бояд ҷорӣ карда шаванд:

- зиёд намудани ҳиссаи қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ба бахши саноати коркард ва дар заминаи он бомаротиб афзоиш додани корхонаҳои саноати сабук дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳал намудани сатҳи пасти ҳамкориҳои дохилисоҳавӣ, байнисоҳавию байниминтақавӣ ва ҳамгироӣ, рушд наёфтани муносибатҳои кластерӣ дар тамоми бахшҳои соҳаи саноат;

- ҳавасманд гардонидани саноати коркард ва дар заминаи ин муттаҳид гардонидани истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои саноатӣ ва бо ин роҳ зиёд намудани давраи ҳаёти мол;

- сода гардонидани ҷараёни қарздиҳӣ ба бахшҳои гуногуни соҳаи саноат дар заминаи кафолатҳои давлатӣ ва мақомоти тобеи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- беҳтаргардонии сифати пасти маҳсулот ва рақобатпазир гардонидани он, таъмини талаботи зиёд истифодаи нерӯ, таъмини роҳҳои самараноки меҳнат ё баланд кардани ҳосилнокӣ ба масолеҳ ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, ки сатҳи пасти рақобатпазирии онро қаблан муайян мекунад;

- додани қарзҳои имтиёзнок ва дар мавриди зарурат тағйир додани муҳлати қарз бо ҷорӣ кардани муҳлати иловагӣ ва тағйир додани ҳаҷми маблағи қарз вобаста ба талаботи иловагии рушди соҳа ва ғ.

Афзалият додан ба соҳаи саноат, агар аз як ҷониб рушди бомароми дигар соҳаҳоро аз нуқтани назари тамоюли нишондиҳандаҳои рушд инъикос намояд ҳам, аз ҷониби дигар ин масъала дар як давраи муайн боиси баробар рушд ёфтани соҳаҳои дигаре, ки ҳамгироии онҳо ба соҳаи саноат бештар мебошанд, мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, ба хотири такмили механизмҳои қарздиҳӣ ба корхонаҳои саноати сабук, ҷорӣ намудани равиши тафриқавӣ ҷиҳати қарздиҳӣ бо назардошти миқёси фаъолият, вазъи молиявӣ ва хусусияти даври истеҳсолии корхонаҳои қарзгир тавсия дода мешавад. Корхонаҳои хурд ва миёнаи соҳа бояд истифодаи расмиёти содакардашудаи қарздиҳиро, аз ҷумла кам кардани рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва мутобиқ кардани талаботи гаравро васеъ кунанд. Ин дастрасии захираҳои бонкиро бе афзоиши назарраси хавфҳои қарзӣ баланд мебардорад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок афзоиши саҳми қарздиҳии дарозмуҳлати бонкӣ мебошад, ки ба мақсадҳои сармоягузорӣ ва навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар саноати сабук нигаронида шудааст. Дар ин робита, тавсия дода мешавад, ки маҳсулоти қарзии махсус бо муҳлатҳои дарозтари пардохт ва таъхир дар пардохти маблағи асосии қарз таҳия карда шаванд. Ин ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки хизматрасонии қарзиро бо давраҳои ташаккули даромад (маблағи фурӯши маҳсулот) ҳамоҳанг созанд ва устувории вазъи молиявии худро беҳтар кунанд.

Барои баланд бардоштани сатҳи баргардонидани қарз, такмил додани механизмҳои банақшагирӣ ва мониторинги истифодаи захираҳои қарзӣ тавсия дода мешавад. Аз ҷумла, тавсия дода мешавад, ки амалияи маблағгузории марҳилавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тақвият дода шавад, ки дар он пардохти траншҳо (қисмҳои маблағи қарз) бо ноил шудан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташудаи истеҳсолӣ ва молиявӣ алоқаманд аст. Ин равиш ба

коҳиш додани хавфҳои истифодаи нодурусти маблағҳо ва беҳтар намудани интизоми қарзгирандагон мусоидат мекунад.

Унсури муҳим дар баланд бардоштани сатҳи самаранокии механизмҳои қарзӣ таҳияи низоми кафолатҳои давлатӣ ва воситаҳо барои тақсими хавфҳои қарзӣ байни бонкҳо ва давлат мебошад. Истифодаи фондҳои кафолатӣ ва барномаҳои субсидияи қисман фоизӣ бонкҳоро барои фаъолтар қарз додан ба саноати сабук ташвиқ мекунад ва ҳамзамон, бори корхонаҳои ин соҳаро барои хизматрасонии маблағҳои қарзии худ коҳиш медиҳад.

Барои таҳкими дараҷаи баргардонидашавии қарзҳо, тавсия дода мешавад, ки амалияи таҷдиди сохтори қарз барои корхонаҳое, ки лоиҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ ва дорои аҳамияти иҷтимоиро дар саноати сабук амалӣ мекунанд, васеъ карда шавад. Истифодаи ҷадвалҳои чандирии пардохт, таътилҳои муваққатии қарзӣ ва тамдиди муҳлати уҳдадориҳо бо риояи интизоми молиявӣ сатҳи қарзҳои ғайрифаъолро коҳиш медиҳад ва иқтидори истеҳсолии соҳаро нигоҳ медорад.

Самти дигари такмили механизмҳои баргардонидани қарзҳо баланд бардоштани шаффофияти молиявӣ ва идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноати сабук мебошад. Таҳияи низоми баҳисобгирии идоракунӣ, татбиқи стандартҳои муосири ҳисоботи молиявӣ ва такмили банақшагирии тиҷорат ба коҳиш додани нобаробарии иттилоот байни бонкҳо ва қарзгирандагон мусоидат мекунад ва барои арзёбии воқеъбинонаи хавфҳои қарзӣ шароит фароҳам меорад.

Амалӣ намудани тавсияҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки амсилаи самараноктар ва устувортари қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабук таҳия карда шавад, ки ба омезиши тадбирҳои васеъ кардани имконияти қарздиҳӣ, такмили механизмҳои пешниҳоди қарз ва қобилияти баргардонидани он асос ёфтааст. Ин дар навбати худ, барои рушди устувори соҳаи саноати сабук ва тақвияти нақши он дар сохтори истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муносиби молиявиро фароҳам меорад.

### 3.3. Самтҳои стратегии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавсеаи дастгирии қарзӣ

Дар шароити муосири тағйироти сохтории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди саноати сабук ҳам аз ҷиҳати гуногунрангсозии истеҳсолоти саноатӣ ва ҳам аз ҷиҳати шуғл, ивазкунии воридот ва афзоиши арзиши иловашуда дар дохили мамлакат аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Ба даст овардани натиҷаҳои устувор дар ин самт гузаришро аз тадбирҳои дастгирии пароканда ба таҳияи самтҳои стратегии дарозмуҳлати рушди соҳа, ки ба истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва қарзӣ асос ёфтаанд, талаб мекунад.

Тавре, ки таҳлили дар бахшҳои қаблии таҳқиқот анҷомдодашуда нишон дод, қарздиҳии бонкӣ яке аз омилҳои калидии муайянкунандаи имконияти густариши иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати сабук мебошад. Ғайр аз ин, таъсири дастгирии қарзӣ ба рушди соҳа на танҳо дар афзоиши кӯтоҳмуҳлати ҳаҷми истеҳсолот, балки дар фароҳам овардани заминаҳо барои навсозии технологӣ, афзоиши рақобатпазирӣ ва тақвияти мавқеи соҳа дар сохтори саноати миллӣ низ зоҳир мешавад.

Дар ин замина, равиши стратегӣ барои рушди саноати сабук махсусан муҳим аст. Ин равиш мутобиқ кардани афзалиятҳои соҳаро бо имконияти низоми бонкӣ ва механизмҳои дастгирии давлатӣ талаб мекунад. Тавсеаи дастгирии қарзӣ бояд на танҳо барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷории сармояи кории корхонаҳо, балки инчунин, барои таъмини шароит барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории дарозмуҳлат, ки ба ташкили даври пурраи истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловагии баланд нигаронида шудаанд, равона карда шавад.

Бояд қайд кард, ки самтҳои стратегии рушди саноати сабукро наметавон ҷудо аз шароити институтсионалӣ ва молиявие, ки дар он иқтисодиёт фаъолият мекунад, таҳия кард. Самаранокии дастгирии қарзӣ асосан аз дараҷаи ҳамоҳангии байни сиёсати саноатӣ, молиявӣ, қарзӣ ва сармоягузорӣ,

инчунин, аз мавҷудияти механизмҳои устувори ҳамкории байни давлат, низоми бонкӣ ва корхонаҳои саноатӣ вобаста аст.

Дар ин робита, таҳияи самтҳои стратегии рушди саноати сабук дар асоси тавсеаи дастгирии қарзӣ ба як равиши ҳамаҷониба, аз ҷумла рушди олоти махсуси молиявӣ, таблиғи қарздиҳии дарозмуҳлати бонкӣ ва фароҳам овардани шароит барои афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар байни корхонаҳои саноатӣ ниёз дорад. Ин равиш имкон медиҳад, ки дастгирии қарзӣ на ҳамчун унсури ёрирасон, балки ҳамчун омили низомсоз дар рушди саноати сабук баррасӣ шавад.

Ҳамин тариқ, зарурати таҳияи самтҳои стратегии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба густариш ва такмили дастгирии қарзӣ асос ёфтаанд, ҳам аз ҳадафҳои рушди устувори саноат ва ҳам аз зарурати бунёди амсилаи муассири ҳамкорӣ байни бахшҳои молиявӣ ва воқеии иқтисодиёт бармеояд. Баррасии ин самтҳо дар ин зербоби таҳқиқот имкон медиҳад, ки дастурҳои дарозмуҳлати рушди соҳаро асоснок кунем, ки мантиқи таҳқиқотро ба сурати комил мегардонад.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, саноатикунонии босуръати мамлакат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ қабул шудааст, ки татбиқи амалии он боиси рушди иқтисодиёти мамлакат гардида, заминаи мусоид барои таҳкими минбаъдаи бахши воқеии иқтисодиёт мегузорад. Маҳз ба ҳамин хотир, дастгирии ҳаматарафаи соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он, ба монанди бахши саноати сабук дар шароити имрӯза амалкардҳои ниҳодиро тақозо менамояд. Татбиқи дуруст ва босамари ҳадафҳои асосии стратегии мамлакат дар самти саноатикунонии босуръат ва паси сар намудани мушкилотҳои дар сатҳи иқтисодиёт ҷойдошта моро ба он водор месозад, ки дарёфти механизмҳои фаъолгардонии бахши саноатро дар доираи имконияти мавҷуда аз сатҳи микро ба макро табдил диҳем ва инро албатта дар доираи як қатор имконияти мавҷудаи истифоданашуда ва таҷрибаҳои андухташудаи дохилию хориҷӣ ҳаллу фасл намоем.

Дар шароити муосир, яке аз механизмҳои асосие, ки масъалаи саноатикунонӣ ва таъмини рушди минбаъдаи стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро имконпазир мегардонад, ин таҷрибаи солҳои аввали сипаришудаи замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Чун дар доираи мушкилоти ҷойдоштаи ҳамон давра, ки як қатор норасоиҳоро дар пай дошт. Бо истифода аз роҳи ҳалли онҳо ва дар марҳилаи нави рушд пеш рафтан бо имконияти муосир моро ба як қатор дастовардҳои нав ноил мегардонад. Бамаврид будани ҳолат доир ба ҷудо намудани рушди иқтисодиёти мамлакат ба марҳилаҳо моро ба он водор намуд, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллиро дар доираи бахшҳои калидии иқтисодиёт, яъне ба саноатикунонӣ ва ривоҷи соҳаи кишоварзӣ бештар такя намуда, ба роҳу воситаҳои гуногун ин соҳаҳоро равнақ бахшем.

Тибқи асари профессор Ш. Раҳимзода рушди иқтисодиёти Тоҷикистонро ба 3 марҳилаи асосӣ метавон ҷудо намуд [68, с. 103]:

1) марҳилаи таназзули иқтисодӣ, ки то бастани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон идома ёфт (солҳои 1991-1996);

2) марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт (солҳои 1997-2012), ҳангоме, ки рушди иқтисодиёт ба сатҳи он дар соли 1991 барбар гардид;

3) марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ (аз соли 2013 то ба имрӯз).

Қайд кардан зарур аст, ки барои рушди ҳаматарафаи соҳаи саноати мамлакат ва ҳамзамон, дастгирии молиявии он зарурати ба марҳилаҳо ҷудо намудани рушди иқтисодиётро ба миён меоварад, ки ин албатта метавонад ба таҳлили дақиқи нишондиҳандаҳои рушд мусоидат намуда, норасоиҳои ошкоргардидаро ҳал намояд. Албатта, дар доираи таҳқиқи масъалаи мазкур, интихоби ҷараёнҳои соҳаи саноат, ки асоси мушкилоти иқтисодиро ташкил менамуданд, бояд имрӯз маҳаки асосии рушди иқтисодиёти мамлакат бошанд.

Вобаста ба марҳилабандӣ намудани рушди иқтисодиёти мамлакат ҷараёни тағйирёбии онро дар диаграммаи 3.7 ба таври возеҳ тасвир менамоем.

**Диаграммаи 3.7. – Пӯёи тағйирёбии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020, (бо %)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [26; 24]

Вобаста ба маълумоти дар диаграммаи 3.7 тавсиршуда, қайд кардан зарур аст, ки асоси таназзули иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 1991-1996 аз кор мондани корхонаҳо, ба мондани корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ташкил намуд, ки ин дар як марҳилаи кӯтоҳ иқтисодиёти икшваррро рӯ ба таназзул овард. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки соли 1991 яку якбора дар оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ иқтисодиёти Тоҷикистон дар сатҳи -32,4 б.ф. коҳиш ёфта, ин тамоюл то соли 1996 идома пайдо намуд, ки дар ин сол аллакай нишондиҳандаи мазкур ба -16,7 б.ф. баробар гардида буд.

Гуфтан зарур аст, ки тамоюлҳои манфии рушди иқтисодиёти мамлакат, агар аз як тараф оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки вазъи мураккаби умумии мамлакатро ифода мекарданд бошанд, ба андешаи мо, омилҳои дигари асосӣ, ки ба вазъи микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ таъсири манфии худро мерасониданд, омилҳои зерин буданд:

– «канда шудани робитаҳои иқтисодии анъанавӣ бо мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва дар ин раванд

имконнопазир шудани хизматрасонии пардохтҳои байнидавлатии воҳидҳои хоҷагидорӣ»;

– таззодҳои қонунгузории амалкунанда дар танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии навташкили бахши хусусӣ;

– мушкил шудани ҳамлу нақли маводи гуногун дар қаламрави мамлакат, алоқаи устувор дар дохили ҷумҳурӣ;

– «дар муомилот истифода шудани пулҳое, ки таҳти назорати бонки марказии ватанӣ қарор надошт ва дар амалиёти ғайринақдӣ воситаи пардохт ба ҳисоб мерафт» [61];

– ба таври афзоянда аз кор боз мондани корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ ва рӯз то рӯз шиддат гирифтани болоравии сатҳи нархҳои истеъмолӣ дар дохили мамлакат;

– надоштани воҳиди ягонаи пулие, ки дар зери назорати давлат қарор дошта бошад ва ба воситаи он муносибатҳои пулӣ танзим гарданд;

– маҳдуд шудани муносибатҳои байниминтақавии ҳамлу нақли мол аз як гӯшаи мамлакат ба гӯшаи дигар, бо сабаби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ғ.

Ин ва як қатор сабабҳои дигар боис гардид, ки сатҳи рушди иқтисодиёти мамлакат дар солҳои 1992-1996 ба ҳисоби миёна дар як сол -19,8 б.ф. коҳиш меёфт. Ҳамзамон бо ин, дар шароити имрӯза ва оянда таҳкими суботи иқтисодии мамлакат дар ҳама ҳолат ва шароит албатта ин ташкили корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва тақвияти соҳаи саноат ва кишоварзӣ дар минтақаҳои баробари Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Зеро, имрӯз баҳои воқеии иқтисодиёти мамлакатро аз беҳшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ, дараҷаи бекории он дар сохторҳои саноатию кишоварзӣ медиҳанд. Бо ин хотир, зарурати тақвияти масъалаи мазкур бояд дар маркази диққати ҳукумати мамлакат қарор дошта, дастгирии он хусусиятҳои фарогирии институтсионалӣ дошта бошад.

Марҳилаи барқароршавии иқтисодиёти Тоҷикистон дар зинаи аввал аз бунёду навсозии корхонаҳои саноатию тиҷоратӣ дар заминаи ғайридавлатӣ гардонидни моликият ва ташкили бо низоми сиёсати пулию қарзӣ ва як қатор масъалаҳои дигар оғози нав бахшид, ки ин иқтисодиёти моро таҳкими дигар

бахшид. Вобаста ба маълумоти диаграммаи мазкур қайд кардан зарур аст, ки давраи барқароршавӣ солҳои 1997-2012-ро дар бар мегирад, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар ин давра ба нишондиҳандаҳои солҳои 1991 баробар гардидаанд. Инчунин, масъалаи мазкур маънои онро дорад, ки дар давраи барқароршавӣ сатҳи рушди иқтисодиёти мамлакат дар соли 2012 ба соли 1991 баробар гардид. Чунин баробарӣ нишон медиҳад, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари хисороти шадиди иҷтимоию иқтисодӣ пешрафти мамлакатро 12-13 сол ба қафо андохт. Абатта, нишондиҳандаҳои рушд дар марҳилаи сеюм аз нишондиҳандаҳои солҳои 1991 боло гардида, ба Тоҷикистон як оғози нав бахшид. Зеро, баъд аз соли 2013 рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо туфайли бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва рушди бомароми соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи 7,0% таъмин карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар баробари марҳилаҳои зикршудаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андешаи мо, аз соли 2018 то ин ҷониб марҳилаи рақамкунонии иқтисодиёт оғоз гардид, ки рушди ин марҳила метавонад як қатор мушкилотҳои ҷойдоштаеро, ки монеи рушди иқтисодиёти мамлакат гардидаанд, бартараф менамояд. Ёдовар гардидан ба маврид аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт агар аз як тараф танзими дурусти ҷараёнҳои иқтисодиро таъмин намояд, аз ҷониби дигар он боиси ташкили дурусти захираҳо, сатҳи афзоиши онҳо ва як силсила масъалҳои дигаре, ки ҳамчун мушкилот дар заминаи муносибатҳои пулӣ ба миён меоянд, бартараф карда мешавад. Аз ин лиҳоз, механизмҳои асосии рақамикунонии иқтисодиёт ва дар сатҳи низоми бонкӣ ташкили дурусти пардохтҳои электронӣ шарти зарурӣ ва асосӣ мебошад.

Дар шароити ба маротиб печида гардидани ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва номуътадилии вазъи геопалитикии ҷаҳон ва дар ҳамин асос кам кардани вобастагии иқтисодиёти мамлакат ба муҳити берунӣ, зарурати таҷдид ва рушди корхонҳои саноатиро дар дохили мамлакат ба миён овардааст. Аз ин лиҳоз, дастгирии молиявии соҳаи саноати сабук ва додани имтиёзҳои давлатӣ ба ин бахш айни ҳол яке аз механизмҳои самараноки рушди соҳаи саноат дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Рушди саноати сабук дар ҳамбастагӣ бо соҳибкории хурду миёна ва як қатор сохторҳои дигар, ки дар доираи дастгирии онҳо рушди соҳа имконпазир мегардад, мувофиқи мақсад мебошад.

Айни замон, бо туфайли зарурати рушди соҳаи саноат механизмҳои асосии рушду тақвият бахшидани соҳаи саноати миллиро дарёфт намудан, мувофиқи мақсад мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати рушди соҳаи саноат бояд сохторҳое, ки имконияти рушди бомароми соҳаи мазкурро доро мебошанд, фаъол гардонида шаванд, ки ин сохторҳоро мо дар расми 3.1 тасвир намудем.




**Расми 3.1. – Сохторҳои ёрирасони соҳаи саноат ва зерсоҳаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашм:** таҳияи муаллиф

Дар таҷрибаи 33 солаи соҳибистиқлолӣ, рушди низоми бонкӣ ва дар ҳамин замина таъмини рушди бахши воқеии иқтисодӣ бо воситаҳои қарзӣ муҳим буда, идомаи бо пул таъминкунии иқтисодиёт бо назардошти маҳдуд будани захираҳои пулӣ вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Низоми бонкӣ ҳамчун сохтори ёрирасони рушди соҳаи саноат метавонад дар самти кушодани хатти қарзӣ ва як қатор роҳу воситаҳои дигар, соҳаи саноати сабук ва корхонаҳои хурду миёнаи соҳаро бо воситаҳои пулӣ таъмин намояд.

Вобаста ба сохторҳои алоҳидаи соҳаи саноат, бахшҳои алоҳидаи низоми бонкӣ низ фаъол буда, дар ин масъла қарздиҳӣ мувофиқи талабот аз рӯйи ҳаҷм ва талаботи соҳа пешниҳод карда мешавад. Беҳуда нест, ки чӣ тавре рагҳои хунгард организмро бо хун таъмин менамоянд, ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ иқтисодиёти мамлакатро бо воситаҳои пулӣ таъмин месозанд. Бахши давлатӣ низ дар рушди иқтисоди миллӣ бо вазорату идораҳои худ нақши назррас дошта, ин вазорату идораҳо дар доираи салоҳиятҳои худ ба рушди саноати сабук, ки хоси шароити имрӯзаи Тоҷикистон аст, ривоҷ дода мешавад.

Дар таъмини рушди соҳаи саноати сабук ба назари мо, бояд масъалаҳои зерин вазифаи сохторҳои дар расми 3.8 овардашуда бошанд:

– таҳияи стратегияи рушди бахши соҳаи саноат дар минтақаҳои алоҳида, алалхусус минтақаҳои дорои имконият ва митақаҳои дурдаст;

– дастгирии давлат вобаста ба додани имконияҳои ташкили сода ва самараноки фаъолияти сохторҳои соҳаи саноат бо додани имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо дар ҷараёни ҳуҷҷатгузорӣ;

– аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба соҳаҳои алоҳида додани қарзҳои имтиёзнок бо дарназардошти меъёри пасти фоиз, муҳлати дароз ва иловагӣ;

– ташкили корхонаҳои хурди саноатӣ ва корхонаҳои коркарди ашёи хом ва дар заминаи ин, ташкили дурусти раванди ҳамгирой байни корхонаҳои коркарди ашёи хом ва корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғ.

Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки дар ташкили муҳити рушди соҳаи саноати сабук дар баробари дастгирии бахшҳои алоҳидаи давлатӣ ва

низоми бонкӣ як қатор мушкилоти дигаре, ки ба ин масъала таалуқ доранд, бояд аҳамияти аввалиндарача дода шавад. Новобаста аз оне, ки таваҷҷуҳи ҳукумати мамлакат тавассути сохторҳои алоҳида ба рушди соҳаи саноат зиёд мебошад, ҳамоно дар таркиби соҳаи мазкур як қатор мушкилоти ҳалталаб, ки вобастагии онҳо ба худи соҳаи саноат марбут мебошад, мавҷуданд. Ташкили дурусти ҷараёни ҳисобдорӣ, агар аз як тараф ба сатҳи дурустии баҳисобгирии амалиёти соҳаи саноат мусоидат намояд, аз тарафи дигар ҷараёни андозбанидиро сабук ва сатҳи андозсупориро мувофиқи даромад ва хароҷоти соҳа кам мегардонад (расми 3.2).




**Расми 3.2. – Воситаҳои муосири рушди соҳаи саноат ва зерсоҳаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Маълум аст, ки банақшагирии нодуруст агар аз як тараф дар соли ҷорӣ сатҳи даромаднокии баланд дошта бошад, аз дигар тараф дар соли қаблӣ он боиси коҳиши якбораи сатҳи нархҳо бинобар сабаби барзиёдии истеҳсол берун аз талабот мебошад. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои

ҷаҳонӣ дар сохторҳои иқтисодӣ ва низоми пулию бонкӣ ба як муаммои сарбаста табдил ёфта, ба назар гирифтани ҷараёнҳои таъсиррасони он яке аз масъала ва шартҳои асосӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили сохторҳои марказонидашудаи пешгӯӣ ва пешгирӣ метавонад пурра ба тағйиротҳои дар сатҳи иқтисодиёт бавуҷудоянда ва таъсири онҳо ба рушди истеҳсолот корбарӣ намуда, ҷараёни рушди соҳаи саноатро бо ин тағйиротҳо ҳамоҳанг гардонад.

Имрӯз норасоии захираҳои кормандон яке аз мушкилоти асосие мебошад, ки идоранамоӣ ва бартараф намудани он дар ҳама шароит вазифаи муҳим ва давомдори соҳа мебошад. Дар таҷриба, сармояи асосии корхона ин мутаххасисони он ба ҳисоб меравconfigуранд. Аз ин хотир, дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ дар баробари дигар корхонаву муассисаҳо сиёсати кормандон ва ҷобаҷогузории кормандон яке аз масъалаҳои асосӣ ва доимӣ маҳсуб меёбад.

Дар замони имрӯза, соҳибкории хурду миёна низ дар самти истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ, яке аз механизмҳои асосӣ ва пешбарандаи иқтисодиёти миллии ҳар як мамлакати алоҳида ба ҳисоб рафта, ба ин табақаи ҷомеа аз ҷониби давлат ва сохторҳои молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Илова бар ин, аз ҷониби олимони соҳа дуруст қайд гардидааст, ки «таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аз фаъолияти босамари соҳибкорони ватанӣ вобаста аст. Махсусан рушди соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои фаровонии бозорҳои мамлакат бо маҳсулоти баландсифати ватанӣ ба шумор меравад» [170, с. 89]. Илова бар ин, самти мазкурро дар асарҳои илмии худ академик Р.К. Раҳимов ба таври амиқ зикр намуда, зарурати муносибатҳои мулию қарзиро асоси рушди иқтисодиёт унвон намудааст [131, с. 34-58].

Иқтисодиёти ҳар як давлати мустақилро тавассути як қатор сохторҳои алоҳидае, ки онҳо вобаста ба иқтидори худ метавонанд доираи фаъолияти истеҳсолии соҳаи саноат ва молҳои аҳамияти саноатидоштаро васеъ намоянд, баҳо медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳаи саноати сабук ва фароҳам овардани шароити созгор ва арзанда ба аҳолӣ ва субъектҳо, ки дар расми 3.3 оварда шудаанд, мувофиқ мебошад.




**Расми 3.3. – Сохторҳои васеъкунандаи доираи фаъолияти соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноати сабук, яке аз бахшҳои калидии истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан зарур аст, ки «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи омори расмӣ дар соли 2019 47,4% фаъолияти соҳибкорӣ, 18,7% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва 1,5 млн. нафар ё 655-и шахсони машғул дар иқтисодиёти мамлакат ба ин соҳаи муҳими иқтисодиёт рост меоянд» [129, с. 76]. Ҳоло соҳибкории хурд ва миёна дар фароҳам овардани шароити кории аҳолӣ ва доираи ҷомеа муҳим ва зарурӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ин масъала дар маркази диққати ҳукумат ва таҳқиқотчиён қарор дорад.

Дар доираи таҳлили имконияти истифодаи самараноки нерӯи соҳибкорӣ, «ҳамчун яке аз шартҳои рушди иқтисодиёти минтақа, идоракунии равандҳои рушди иқтидори соҳибкорӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад» [91, с. 62]. Дар самти мазкур саҳми муҳаққиқон Л.Ш. Оруджева [130], Ҳ.У. Умаров [150; 151], У.С. Ҳикматов [157; 158; 159] ва Ш.Қ. Хайрзода [155; 156; 177] назаррас мебошад.

Низоми бонкӣ ва фаъолнокии аҳолӣ, инчунин, рушди тақорат низ дар тақвияти соҳаи саноати сабук муҳим ва зарурӣ буда, дар ин радиф амалкардҳои якҷояи ин ниҳодҳо мувофиқи мақсад мебошад. Айни замон, камфаъолии як қатор бонку ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ин баробар, инчунин, дигар ниҳодҳои дорои имконияти молиявӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1) паст будани сатҳи даромаднокии корхонаҳои саноатӣ, аз ҳисоби баланд будани сатҳи хароҷотҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва ҳамлу нақли молҳои истеҳсолшуда;

2) баланд будани сатҳи хавфҳо вобаста ба кӯтоҳ будани давраи ҳаёти мол ва набудани харидорони доимӣ аз ҳисоби коста будани ҷараёни такрористеҳсол;

3) баланд будани арзиши аслии маҳсулотҳои истеҳсолшуда, ки ҷойгузинии молҳои воридотиро таъмин карда наметавонанд;

4) паст будани ҳавсмандии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзие, ки имконияти васеъи қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабукро доро мебошанд;

5) нокифоя будани ҳавасмандгардониҳои ҳамаҷонибаи давлат дар бахши саноат ва кишоварзӣ, инчунин, корхонҳои истеҳсолкунандаи молҳои саноатӣ ё коркарди молҳои саноатӣ;

6) бо дарназардошти андешидани чораҳои зарурӣ, то ҳол ба мушоҳида расидани гаронии андозҳо ба истеҳсолкунандагони молҳои саноатӣ ва ғ.

Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза шаҳодат медиҳад, ки бомаром рушд додани соҳаи саноат ҳамчун бахши иқтисоди миллӣ бе ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои ҳадафманд, имконпазир нест. Ба ин хотир, дар шароити имрӯза масъалаи рушди соҳаи саноат айни замон бо сабаби норасоии захираҳои қарзии низоми бонкӣ ба як қатор масъалаҳои берунӣ вобаста мебошад.

Ҳамзамон, инкишофи шакли савдои озоди хориҷӣ, ки имрӯзҳо масъалаи рушди соҳаи саноат ба он вобастагии зич дорад, тақозо менамояд, ки дар сатҳи зарурӣ масъалаҳои истеҳсолоти стандартӣ ва мувофиқкардашуда роҳандозӣ

карда шаванд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи яке аз ҳадафҳои олии мамлакат - саноатикунонии босуръат як қатор стратегияҳо, консепсия ва барномҳо, ба монанди «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [12], «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022» [1], «Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» [2], «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» [3] ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» [4] амалӣ гашта истодаанд, ки нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноатро мувофиқи стратегияҳои пешбининамудаи ҳукумати мамлакат имконпазир мегардонад. Татбиқи амалии барнома ва стратегияҳои соҳавӣ боиси он мегарданд, ки амалигардии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат - саноатикуноании босуръати мамлакат дар як давраи кӯтоҳ имконпазир гардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи татбиқи рушди соҳаи саноат ва дигар сохторҳое, ки дар доираи ин соҳа рушди онҳо имконпазир мегардад, татбиқи барномаҳои мазкур мусоидати ҳаматрафа менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати аҳамяти минтақавӣ ва фароминтақавӣ пайдо намудани он, ки он иқтидори иқтисодии давлатро дар ҳама самту соҳаҳо муайян менамояд, дар ҳоли рушд қарор дорд. Вобаста ба ин заруратҳо, таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумати мамлакат ба ин масъала афзоиш ёфта, ин масоил зери назорати доимӣ қарор мегирад ва ҳамчун масъалаи асосӣ боқӣ хоҳад монд. Гуфтан зарур аст, ки имконияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иқтидорҳои иқтисодӣ ва имконияти рушди масъалаҳои баррасишавандаи саноати сабук дар муқоиса бо дигар сатҳҳои саноат афзалият ва бартарӣ дошта, сатҳи рушди корхонаҳои хурди саноатӣ ва истеҳсолоти он ба таври чашмрас мебошад (ҷадвали 3.6).

Дар ҳама самту соҳаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияту иқтидорҳои соҳаи саноатро мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро, тавассути рушди соҳаи саноати сабук мо метавонем ба як қатор ҳадафҳои олие, ки

ҳукумати мамлакат дар назди худ вазифа гузоштааст, дар доираи имконоти ҷойдошта ба он ноил гардем.

**Ҷадвали 3.6. – Сохтори саноати сабук ва ҳиссаи он дар таркиби саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Соли 2023/2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, (воҳид) | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 72,7 |
| Шумораи корхонаҳои саноати сабук (воҳид) | 409 | 443 | 403 | 435 | 453 | 496 | 545 | 33,2 |
| Ҳиссаи саноати сабук, бо % | 20,4 | 20,4 | 18,6 | 19,0 | 18,8 | 17,7 | 15,7 | -4,7 б.ф. |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с. 2022, (млн. сомонӣ) | 23 815 | 26 339 | 29 816 | 32 440 | 39 187 | 42 988 | 46 857 | 96,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноати сабук (млн. сомонӣ) | 2 530 | 2 680 | 2 855 | 3 103 | 4 341 | 5 004 | 4 500 | 77,8 |
| Ҳиссаи саноати сабук, бо % | 10,6 | 10,1 | 9,5 | 9,5 | 11,0 | 11,6 | 9,6 | -1,0 б.ф. |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, (ҳазор нафар) | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 0,8 |
| Шумораи кормандони саноати сабук (ҳазор нафар) | 15,4 | 18,0 | 17,5 | 18,6 | 19 | 18,5 | 17,4 | 12,9 |
| Ҳиссаи саноати сабук, бо % | 17,7 | 21,0 | 20,7 | 22,0 | 22,2 | 21,4 | 19,8 | 2,1 |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллиф дар асоси [25, с. 9-20]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноати сабук агар дар соли 2017 ба 409 адад баробар шуда бошад, пас ин шумора дар соли 2023 ба 545 адад расонида шуд, ки дар соли 2023 дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи 33,2% зиёд гардид. Иловатан, тибқи таҳлилҳо ҳаҷми маҳсулоти саноати сабук бо нархҳои соли 2023 ба 77,8% афзоиш ёфт, ки ин ба руши иқтисоди миллӣ метавонад таъсири мусбат расонад. Вобаста ба натиҷаҳои мазкур қайд кардан мумкин аст, ки соҳаи саноати сабуки мамлакат низ вобаста ба номгӯи истеҳсолоти таркибӣ қариб дар ҳамаи шаклҳои истеҳсолот тамоюли зиёдшавиро доро мебошад (ҷадвали 3.7).

**Ҷадвали 3.7. – Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намуди маҳсулот дар солҳои 2017-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳид и ченак | Солҳо | | | | | | | Соли 2023/2017, бо %, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Нахи пахта** | ҳазор тонна | 112,3 | 98,2 | 114,7 | 119,6 | 119,8 | 127,1 | 127,4 | 13,4 |
| **Чигит** | ҳазор тонна | 179,9 | 151,1 | 155,7 | 156,4 | 144,9 | 197,1 | 192,4 | 6,9 |
| **Тибити пахта** | тонна | 3828 | 7607 | 2708 | 1799 | 1753 | 2480 | 3312 | -13,4 б.ф. |
| **Улюк (тораки пахта)** | тонна | 1780 | 2175 | 1728 | 2402 | 2777 | 2745 | 3016 | 69,4 |
| **Пат** | тонна | 1471 | 1583 | 1498 | 1891 | 2105 | 2325 | 2542 | 72,8 |
| **Калобаи пахтагин** | тонна | 17211 | 20740 | 20912 | 17866 | 21535 | 18790 | 20339 | 18,1 |
| **Газвори пахтагин** | ҳазор $м^2$ | 3358 | 7512 | 6998 | 7378 | 8183 | 25626 | 24458 | 7,2 мар. |
| **Маводи нобофта** | ҳазор $м^2$ | 938 | 1227 | 2173 | 2224 | 2166 | 2214 | 2123 | 2,2 мар. |
| **Ресмони абрешими хом** | тонна | 6,8 | 3,8 | 8,9 | - | - | - | - | -100 |
| **Газвори абрешимӣ** | ҳазор $м^2$ | - | 19,4 | 21,4 | 21,9 | 22,2 | 28,8 | 37,6 | 100 |
| **Қолин ва маснуоти қолинӣ** | ҳазор $м^2$ | 2836 | 3407 | 3937 | 2658 | 4534 | 6401 | 5739 | 2,0 мар. |
| **Маҳсулоти кашбофӣ** | ҳазор дона | 101,3 | 122,4 | 139,9 | 160,8 | 145,4 | 433,6 | 256,4 | 2,5 мар. |
| **Газвори кашбофӣ** | тонна | 9 | 10,5 | 8,5 | 44,5 | 55,0 | 46,9 | 29,0 | 3,2 мар. |
| **Ҷӯробу пайпоқ** | ҳазор ҷуфт | 3752 | 5687 | 4124 | 7807 | 15409 | 14803 | 10053 | 2,6 мар. |
| **Коркарди пӯст** | ҳазор донна | 543,7 | 458,1 | 534,2 | 620,3 | 783,2 | 1075,0 | 714,4 | 31,3 |
| **Пойафзоли чармин** | ҳазор ҷуфт | 116,5 | 113,8 | 118,4 | 256,9 | 565,8 | 558,4 | 521,5 | 4,4 мар. |
| **Молҳо аз чарми хом** | ҳазор $д^2$ | 2340 | 5047 | 4247 | 5880 | 6014 | 7649 | 12027 | 5,1 мар. |
| **Пойафзоли резинӣ** | ҳазор ҷуфт | 683,5 | 699,8 | 759,2 | 776,2 | 662,2 | 512,3 | 602,9 | -11,7 б.ф. |
| **Чоргушаи дару тирезаҳои чубин** | ҳазор $м^2$ | 11,0 | 47,2 | 27,3 | 25,5 | 11,7 | 15,4 | 15,7 | 42,7 |
| **Чоргушаи дар** | ҳазор $м^2$ | 10,5 | 13,7 | 26,9 | 35,6 | 23,8 | 16,9 | 15,9 | 51,4 |
| **Маҳсулоти чубӯ тахта** | ҳазор $м^2$ | 1,5 | 6,9 | 9,5 | 6,4 | 6,5 | 8,9 | 10,7 | 7,1 мар. |
| **Миз** | дона | 1619 | 5006 | 4288 | 3380 | 6271 | 2592 | 4148 | 2,5 мар. |
| **Курсӣ** | дона | 3050 | 13452 | 11705 | 14892 | 23734 | 12493 | 18842 | 6,1 мар. |
| **Чорпояча** | дона | 355 | 1274 | 1320 | - | - | - | - | -100 |
| **Маҷмуъи мебелҳо (инчунин, маҷмуи бачагона)** | дона | 3648 | 23942 | 39154 | 13372 | 10625 | 29292 | 23586 | 6,4 мар. |
| **Ҷевон** | дона | 2008 | 3343 | 5647 | 1464 | 2385 | 1396 | 2763 | 37,5 |
| **Диванҳо** | дона | 745 | 72 | 161 | 196 | 717 | 70 | 402 | -46,0 б.ф. |
| **Катҳои чӯбин** | дона | 504 | 3037 | 3001 | - | - | - | - | -100 |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллиф дар асоси [25, с. 57-80]

Истеҳсоли хурди соҳаи саноати сабук боиси ба маротиб афзошиш ёфтани корхонаҳои хурди саноатӣ ва истеҳсолоти онҳо баромад мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки тибқи маълумоти дар ҷадвали мазкур овардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар маҳсулотҳои аҳамияти умумидошта ва ба ниёзҳои аввал зарурбуда, ба истиснои истеҳсоли катҳои хоб (диванҳо) ба андозаи -46,0 б.ф., катҳои чубин -100%, чорпояча -100%, пойафзоли резинӣ - 11,7 б.ф., ресмони абрешими хом -100%, тибити пахта - 13,4 б.ф. ва дигар номгӯи истеҳсолоти саноати сабук, ба монанди нахи пахта, 13,4%, пат 72,8%, газвори пахтагин 7,2 маротиба, газвори кашбофӣ 3,2 маротиба, пойафзоли чармин 4,4 маротиба, молҳо аз чарми хом 5,2 маротиба, маҳсулоти чӯбу тахта 7,1 маротиба, маҷмуи мебелҳо 6,4 маротиба тамоюли зиёдшавӣ доранд, ки ин аз истеҳсолти фоидаовар будани онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Қобили тазаккур аст, ки солҳои охир, аз ҷониби як қатор корхонаҳои азими соҳавӣ, ки бештар ба истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи соҳаи саноати сабук машғул мебошанд. “... Дар соли 2023 дар умум аз ҷониби корхонаҳои мазкур ба маблағи 605 785 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулот истеҳсол гардида, қисми бештари он ба хориҷи мамлакат содирот гардидааст.

Масалан, корхонаи истеҳсолии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил», ки бо арзиши 471464 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда буд, ба таври пурра, ё ин ки 100% маҳсулоти истеҳсолкардаро ба бозори хориҷи мамлакат содирот намуд, ҶДММ «Ҷавонӣ» бошад, дар ин давра бо арзиши 129 655 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулот истеҳсол намуда, аз он 129 293 ҳаз. сомонӣ ва ё 99,7%-ро содирот кард. Ҳамин тариқ, корхонаи ҶСК «Гулистони Душанбе» низ бо арзиши 4 666 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулоти соҳавиро дар соли 2023 истеҳсол намуд, ки аз он 947 ҳаз. сомонӣ ва ё 20,3% молу маҳсулот ба бозори мамлакатҳои хориҷӣ содирот карда шуда, боқимонда 79,7%-и дигарро барои таъмин намудани бозори дохилӣ пешнҳоди истеъмолкунандагон намуд [135, с. 181].

Маврид ба зикр аст, ки аксар номгӯи молҳои саноатие, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли зиёдшавиро касб намудаанд, ба он далолат доранд, ки чунин номгӯи молҳои саноатӣ дар сатҳи мамлакат хусусияти содиротӣ ва талаботи барзиёди дохилиро доро ҳастанд. Аз ҳамин лиҳоз, тамоюли зиёшавии онҳоро низ аз рӯйи ҳиссаи содирот ва воридот баҳо додан мумкин аст (ҷадвали 3.8).

**Ҷадвали 3.8. Тавозуни содирот ва воридоти маҳсулоти саноатии мамлакат ва ҳиссаи саноати сабук дар таркиби он дар солҳои 2017-2023, (млн. долл. ИМА)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | **Соли 2023/ 2017, бо %, мар.** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| Содироти маҳсулоти саноатӣ, ҳамагӣ | 1 198,0 | 1 073,3 | 1 174,3 | 1 406,9 | 2 149,6 | 2 142,0 | 2 448,8 | 2,0 мар. |
| **Содироти маҳсулоти саноати сабук, ҳамагӣ** | 184,7 | 229,1 | 203,4 | 199,3 | 283,6 | 282,2 | 301,8 | 63,4 |
| **Ҳиссаи саноати сабук, бо %** | 15,4 | 21,3 | 17,3 | 14,1 | 13,1 | 13,1 | 12,3 | -3,1 б.ф. |
| Воридоти маҳсулоти саноатӣ, ҳамагӣ | 2 724,9 | 3 151,0 | 3 349,3 | 3 150,9 | 4 209,5 | 5 167,5 | 5 889,0 | 2,1 мар. |
| **Воридоти маҳсулоти саноати сабук, ҳамагӣ** | 212,9 | 194,1 | 222,5 | 214,1 | 253,8 | 353,6 | 392,7 | 84,4 |
| **Ҳиссаи саноати сабук, бо %** | 7,8 | 6,1 | 6,6 | 6,7 | 6,0 | 6,8 | 6,6 | -1,2 б.ф. |
| **Тавозуни содирот ва воридоти молҳои саноатӣ, ҳамагӣ** | -1 526,9 | -2 077,7 | -2 175 | -1 744 | -2 059,9 | -3 025,5 | -3 440,2 | -2,2 мар. |
| **Тавозуни содирот ва воридоти молҳои саноати сабук, ҳамагӣ** | -28,2 | +35 | -19,1 | -14,8 | +29,8 | -71,4 | -23,1 | -18,0 б.ф. |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллиф дар асоси [25, с. 38-39]

Қайд кардан зарур аст, ки дар баланд бардоштани нерӯи содиротии мамлакат ҳиссаи соҳаи саноат назаррас буда, он дар мамлакат тамоюли зиёдшавиро дорад. Аз маълумоти овардашуда мушоҳида мегардад, ки содироти маҳсулотҳои саноатӣ дар интиҳои соли 2023 дар муқоиса ба охири соли 2017 ба андозаи 2,0 маротиба афзош ёфта, дар таркиби он содироти саноати сабук бошад, 63,4% ро дод ва ҳиссаи содиротӣ дар соли 2023 андозаи

12,3%-и тамоми молҳои содиротии саноати мамлакатро ташкил медиҳад, ки ин метавонад дар солҳои минбаъда ба маротиб афзош дода шавад.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, вобаста ба рушди соҳаи саноати сабук ва баланд бардоштани нерӯи содиротии маҳсулоти саноатӣ бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

– додани имконият ба истеҳсолкунандагони дохилӣ ва тибқи нақша маҳдуд кардани молҳои саноатии воридотӣ аз ҳисоби имтиёзҳои истеҳсолоти дохилӣ;

– бунёди коргоҳҳои хурди саноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат, махсусан минтақаҳои дурдаст ва додани имконияти молиявӣ ба онҳо;

– дарёфти сарчашмаҳои арзони молиявию қарзӣ ба корхонаҳои хурди саноатӣ ва дар заминаи ин ташкили дивесификатсияи истеҳсолоти саноатӣ;

– ташкили бонку ташкилотҳои қарзии махсуси соҳавӣ бо додани бартариҳои бештар ба истеҳсолоти молҳои ба содирот нигронидашуда;

– ба маротиб зиёд намудани қарзҳои имтиёзнок ба саноати сабук ва истеҳсолоти афзалиятдор дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон.

Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саноати сабук яке аз самтҳои афзалиятноки саноатикунонӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои имконияти назарраси рушд аз ҳисоби истифодаи ашёи хоми ватанӣ, иқтидори корӣ ва имконияти васеъ кардани бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Аммо, татбиқи ин имконият аз сабаби дастрасии маҳдуди корхонаҳои соҳа ба захираҳои молиявӣ, пеш аз ҳама ба воситаҳои қарзии бонкӣ ба таври назаррас қафо мемонад.

Дар ин маврид, низоми бонкӣ ҳамчун як ниҳоди калидии азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ дар ташаккули фаъолнокии сармоягузорӣ ва устувории корхонаҳои саноати сабук нақши ҳалкунанда мебозад. Дар робита ба ин, рушди саноати сабук на тадбирҳои пароканда, балки равиши муназзамро барои густариш ва такмили механизмҳои қарздиҳии бонкӣ, ки ба ҳадафҳои дарозмуҳлати табдили сохтории соҳа нигаронида шудааст, талаб мекунад. Ин равиш, ташаккули дастурҳои стратегиро, ки

ҳамоҳангии манфиатҳои байни давлат, бахши бонкӣ ва корхонаҳои саноатиро таъмин мекунанд, дар бар мегирад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ҷудо намудани якчанд самтҳои стратегии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақбул аст, ки татбиқи онҳо дар асоси густариш ва беҳсозии дастгирии қарзии низоми бонкӣ имконпазир аст.

Якум, самти стратегии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули низоми қарздиҳии дарозмуҳлати бонкӣ мебошад, ки ба муҷаҳҳазсозии иншооти истеҳсолӣ ва навсозии пойгоҳи технологии корхонаҳои ин соҳа нигаронида шудааст. Тавсеаи дастрасӣ ба қарзҳои сармоягузорӣ бо фоизҳои дастрас ва шартҳои фасеҳи баргардонидан боиси ҷорӣ намудани таҷҳизоти муосир, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва коҳиш ёфтан хароҷоти истеҳсолӣ мегардад, ки ҳамаи ин шарти муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии саноати сабуки ватанӣ мебошад.

Дуюм, самти муҳими стратегӣ рушди маҳсулоти қарзии махсус барои корхонаҳои хурд ва миёнаи саноати сабук бо назардошти хосияти соҳавии фаъолияти онҳо, мавсимии истеҳсолот ва хусусиятҳои гардиши сармоя мебошад. Воситаҳои қарзӣ бояд ба густариши сармояи гардон, дастгирии робитаҳои кооперативӣ ва ҷалби корхонаҳои хурд дар ташаккули занҷираҳои устувори истеҳсолӣ ва таъминот дар дохили мамлакат нигаронида шавад.

Сеюм, самти муҳими стратегӣ тақвияти нақши давлат дар тавсеаи дастгирии қарзӣ барои саноати сабук тавассути субсидияҳои фоизӣ, кафолатҳои давлатӣ ва иштирок дар тақсими хавфҳои қарзӣ мебошад. Чунин воситаҳо бори гарони корхонаҳои қарзгирандаро кам мекунанд ва ангезаи низоми бонкиро барои маблағгузории соҳа афзоиш медиҳанд, ки бо назардошти захираҳои молиявии маҳдуди дохилӣ махсусан мубрам аст.

Чорум, самтиояндадори рушди саноати сабук тавассути тавсеаи дастгирии қарзӣ ҳавасмандгардонии қарздиҳии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳое мебошад, ки барои ташкили даври пурраи истеҳсолот – аз коркарди ашёи хом то маҳсулоти тайёр равона шудаанд. Тамаркуз ба захираҳои қарзӣ дар иҷрои

чунин лоиҳаҳо ба афзоиши арзиши иловашудаи дохилӣ, коҳиш ёфтани вобастагӣ аз воридот ва ташаккули сохтори устувори саноатӣ мусоидат мекунад.

Панҷум, рушди механизмҳои қарздиҳии лоиҳавӣ ва ҳадафнок, ки барои татбиқи барномаҳои афзалиятнок ва ташаббусҳои кластерӣ дар саноати сабук равона шудаанд, аҳамияти стратегӣ дорад. Маблағгузории бонкӣ дар доираи равиши кластерӣ имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи захираҳои қарзӣ баланд шавад, хавфҳо тавассути гуногунрангсозии иштирокчиён коҳиш ёбанд ва рушди устувори соҳа дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат таъмин карда шавад.

Шашум, самти муҳими стратегӣ тақвияти пойгоҳи институтсионалӣ барои ҳамкории байни бахшҳои бонкӣ ва саноатӣ, аз ҷумла таҳияи низоми назорати самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ ва баланд бардоштани шаффофияти молиявии корхонаҳои саноати сабук мебошад.

Самтҳои пешниҳодшудаи рушди стратегии саноати сабук, ки ба тавсеаи дастгирии қарзӣ асос ёфтаанд, равиши ҳамаҷонибаро барои ҳалли мушкилоти асосии соҳа инъикос мекунанд ва барои бунёди амсилаи рушди устувор дар шароити захираҳои маҳдуди молиявӣ нигаронида шудаанд. Татбиқи онҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои сиёсати саноатӣ бо имконияти низоми бонкӣ ҳамоҳанг карда шаванд ва истифодаи самаранoктари воситаҳои қарзӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ таъмин гардад.

Татбиқи пайвастаи самтҳои мазкур барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории саноати сабук, ҳавасмандгардонии навсозӣ ва густариши истеҳсолот, инчунин, таҳкими нақши он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Қарздиҳии бонкӣ на танҳо ҳамчун сарчашмаи захираҳои молиявӣ, балки ҳамчун воситаи рушди сохторӣ ва институтсионалии соҳа низ хизмат мекунад. Умуман, самтнокии стратегӣ ҷиҳати тавсеаи дастгирии қарзӣ барои саноати сабук ба коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, афзоиши арзиши иловашудаи дохилӣ ва рушди робитаҳои устувори истеҳсолию молиявӣ мусоидат мекунад.

# ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

***Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия***

Дар натиҷаи таҳқиқот якчанд нуктаҳои назариявию методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуданд, ки барои тасдиқ намудани воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди иқтисодии корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудаанд. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот чунин зикр карда мешаванд:

1. Таҳлили равандҳои рушди муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи саноат нишон дод, ки рушди он мураккаб ва бисёрҷабҳа буда, бо омезиши омилҳои таърихӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди муносибатҳои қарзӣ дар саноати сабук дар шароити гузариш ба амсилаи иқтисодии бозорӣ сурат мегирад ва бо тағйирёбии нақши давлат, низоми бонкӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамрадиф аст. Ин зарурати баррасии муносибатҳои қарзиро на танҳо ҳамчун воситаи молиявӣ, балки ҳамчун унсури муҳими муҳити институтсионалӣ, ки амалкунӣ ва рушди истеҳсолоти саноатиро таъмин мекунад, ба миён меорад [2-М; 5-М; 9-М].

2. Истеҳсолоти саноатӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки ба таъминоти молиявию қарзии рушди корхонаҳои соҳа таъсир мерасонанд. Ба ин хусусиятҳо, аз ҷумла эҳтиёҷи зиёди корхонаҳои соҳа ба сармояи гардон, гуногунии даврҳои истеҳсолӣ ва ҷолибияти маҳдуди сармоягузорӣ мансуб мебошанд. Дар робита ба ин, муносибатҳои байни ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои соҳавӣ ташаккул меёбанд ва ин мутобиқсозии равишҳои умумии назариявии қарздиҳии бонкиро ба шароити институтсионалии миллӣ ва истеҳсолоти саноатӣ талаб мекунад, ки аз муҳимии равишҳои институтсионалӣ ва соҳавӣ дар таҳқиқи масъалаи мазкур дарак медиҳад [2-М; 8-М; 9-М; 16-М].

3. Дар рафти таҳқиқот муқаррар карда шуд, ки воситаҳои қарзӣ ҳамчун воситаи муҳими иқтисодӣ эътироф гардида, ҳангоми дуруст истифода бурдани онҳо метавон беистӣ ва мавзунии равандҳои истеҳсолот дар корхонаҳои

саноати сабук, васеъ намудани миқёсҳои фаъолият ва навсозии технологии онҳоро таъмин кард. Истифодаи оқилонаи воситаҳои қарзӣ ба кам кардани тафовути вақтии байни хароҷот ва натиҷаҳои фаъолият, нигоҳ доштани дараҷаи мақбули бозоргирии дороиҳо ва пардохтпазирии корхонаҳо, инчунин, фароҳам овардани заминаҳо барои рушди устувори соҳа мусоидат мекунад [1-М; 4-М; 9-М;12-М; 14-М].

4. Дар раванди таҳқиқот корбурди шаклҳои гуногуни воситаҳои қарзӣ таҳлил карда шуд. Натиҷаҳои таҳлил тасдиқ мекунанд, ки имрӯз қарзҳои кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлати бонкӣ, ки барои маблағгузории сармояи гардон, инчунин, қарзҳои дарозмуҳлат, ки ҳадафи асосии онҳо сармоягузорӣ буда, барои навсозӣ ва тавсеаи истеҳсолот равона мешаванд, барои корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд. Таҷрибаи байналмилалии қарздиҳӣ ба саноати сабук самаранокии омезиши воситаҳои бонкӣ бо тадбирҳои дастгирии давлатиро нишон медиҳад, вале корбурди он дар шароити миллӣ ба назар гирифтани маҳдудияти институтсионалӣ, макроиқтисодӣ ва молиявиро талаб мекунад [3-М; 5-М; 15-М; 19-М].

5. Натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири низоми қарздиҳии бонкӣ, хусусан, пешниҳоди воситаҳои қарзии асосан кӯтоҳмуҳлат ба корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷой доштани якчанд мушкилот дарак дод, ки барои ташаккули низоми муассири қарздиҳӣ монеа эҷод карда, ҳамзамон, намегузоранд, ки рушди иқтисодии соҳа бо таъсири воситаҳои қарзӣ сурат гирад. Ин мушкилот, аз ҷумла арзиши гарони хизматрасонии қарз (фоизҳои баланд), маҳдудияти қарздиҳии дарозмуҳлат, талаботи баланд ба амволи гарав, инчунин ва мутобиқати нокифояи қарзҳои бонкӣ бо эҳтиёҷоти корхонаҳои саноати сабук мебошанд. Ин омилҳо, дар якҷоягӣ фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳаро халалдор карда, имконияти онҳоро барои тавсеа ва гуногунрангсозии истеҳсолот маҳдуд мекунанд [6-М; 10-М; 15-М; ].

6. Дар асосӣ таҳлил ва арзёбии таъсири воситаҳои қарзии ба рушди саноати сабук равонагардида, маълум гардид, ки механизмҳои имрӯз дар

мамлакат маъмули пешниҳоди қарз аз ҷониби бонкҳо, ки ҳадафи асосии онҳо таҳкими рушди иқтидори истеҳсолии корхонаҳои соҳа мебошад, дар асл ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф мусоидат намекунанд ва барои муқаррар кардани мавқеи назарраси саноати сабук дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакат қодир нестанд. Аз ин бармеояд, ки механизмҳои дасгирии қарзии соҳаи саноати сабук ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад. Ҳаҷми нокифояи қарздиҳӣ ба соҳа, ҳиссаи хеле пасти қарздиҳии дарозмуҳлат дар ҳаҷми умумии воситаҳои қарзии ба соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳоднамудаи бонкҳо, мувофиқат накардани шароити пешниҳоди воситаҳои қарзӣ бо эҳтиёҷоти воқеии истеҳсолии корхонаҳои саноати сабук, – аз ҷумлаи мушкилоте мебошанд, ки саҳми саноати сабукро дар гуногуншаклсозии иқтисодиёт, рушди ивазкунии воридот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки миллӣ маҳдуд мекунанд [4-М; 8-М; 17-М; 18-М].

7. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини корхонаҳои саноати сабук бо воситаҳои қарзии бонкӣ, хусусан қарзҳои дарозмуҳлат хеле мубрам буда, зарурати такмили бетаъхири низоми қарздиҳии бонкҳо ба соҳа ба миён омадааст. Ноил гардидан ба ин ҳадаф тавассути корбурди равиши ҳамаҷониба, ки баланд бардоштани иқтидори захиравии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳкими қобилияти қарзгирии корхонаҳо, рушди механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ, инчунин, тақвияти ҳамкориҳои бахши бонкӣ бо ниҳодҳои давлатиро дар бар мегирад, имконпазир аст. Татбиқи чунин равишҳо ба ташаккули пойгоҳи молиявии нисбатан устувори саноати сабук мусоидат намуда, ҳамчунин, хавфҳои қарзиро барои низоми бонкӣ коҳиш медиҳад [4-М; 8-М; 11-М; 13-М].

8. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари бахшҳои дигари афзалиятноки иқтисодӣ, корхонаҳои саноати сабук ба дастгирии қарзӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, тавсеаи дастгирии қарзии саноати сабук бояд ҳамчун яке аз шартҳои асосии рушди устувор ва тақвияти мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии миллӣ баррасӣ карда шавад. Такмили муназзам ва ботадриҷи низоми қарздиҳии бонкӣ, ки ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръат

ва амалисозии Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нигаронида шудааст, ба фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ, афзоиш шуғли сермаҳсул аз ҳисоби таҳкими иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати сабук ва ташаккули заминаҳои рушди иқтисодии соҳа мусоидат мекунад, ки ин барои рушди умумии иҷтимоию иқтисодии мамлакат хеле муҳим аст [3-М; 7-М; 8-М; 12-М].

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо***

1. Пешниҳоди муқаррароти назариявӣ ҷиҳати тавсеаи муносибатҳои қарзии байни бахши бонкӣ ва саноати миллӣ, инчунин, ташаккули заминаи институтсионалии онҳо барои таҳия ва танзими барномаҳои давлатии рушди саноат ва сиёсати молиявию қарзӣ муфид аст. Натиҷаҳои назариявию методологии бадастовардашударо мақомоти идоракунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар раванди таҳияи барномаҳои соҳавии дастгирии саноати сабук бо назардошти хусусиятҳои муҳити институтсионалӣ ва иқтидори низоми бонкӣ истифода баранд.

2. Ба бонкҳои тиҷоратӣ тавсия дода мешавад, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои қарздиҳӣ ва маҳсулоти қарзии ба соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёти миллӣ равонашаванда хусусиятҳои аз натиҷаи бахши назариявию методологии таҳқиқот ошкоршудаи муносибатҳои қарзӣ дар саноати сабукро ба назар гиранд. Бонкҳо ин натиҷаҳоро ҳангоми таҳияи барномаҳои қарзии махсус барои корхонаҳои саноати сабук, ки шартҳои фасеҳи қарздиҳиро бо назардошти даври истеҳсолӣ, мавсимияти истеҳсолот ва сохтори хароҷот дар назар доранд, метавонанд истифода баранд.

3. Тасаввуроти мукаммали дар таҳқиқот ташаккулёфта оид ба моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва нақши онҳо дар таъмини беистӣ ва мавзунии истеҳсолоти саноатӣ метавонад аз ҷониби корхонаҳои саноати сабук ҳангоми банақшагирии фаъолияти молиявию иқтисодии худ ба кор бурда шавад. Ҳамчунин, тавсия дода мешавад, ки муқаррароти мазкур ҳангоми таҳияи стратегияҳои молиявии корхонаҳо, махсусан ҷиҳати интихоби сарчашмаҳои

маблағгузорӣ, беҳсозии сохтори сармоя ва идоракунии воситаҳои гардон ба инобат гирифта шаванд.

4. Нуктаҳои асосӣ, ки дар асоси таҳлили иқтидори қарздиҳии бонкҳо ва шаклҳои истифодаи воситаҳои қарзӣ ба даст омадаанд, инчунин, имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ метавонанд ҳангоми таҳияи механизмҳои дастгирии давлатии рушди истеҳсолот дар саноати сабук истифода шаванд.. Корбурди амалии натиҷаҳои мазкур дар доираи татбиқи барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок, мусоидатҳои молиявии фоизӣ ва пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, ки бо шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти низоми бонкии миллӣ мутобиқ карда шудаанд, имконпазир аст.

5. Ба БМТ, инчунин, мақомоти ваколатдори танзим ва идораи соҳаи саноати сабук тавсия дода мешавад, ки мушкилоти ошкоршудаи низоми қарздиҳии бонкиро ҳангоми таҳия ва такмил додани пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти қарздиҳӣ ба инобат гиранд. БМТ ва бонкҳои тиҷоратии алоҳида метавонанд натиҷаҳои таҳқиқотро барои тасҳеҳи талабот ба пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, инчунин, ҷиҳати ҳавасмандсозии қарздиҳии дарозмуҳлат ва қарзи сармоягузории саноатӣ истифода баранд.

6. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар бахши он оид ба арзёбии таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук ва муқаррар кардани мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат, пешниҳод шудаанд, метавонанд барои таҳияи стратегияҳои рушди саноат ва барномаҳои ивазкунии воридот истифода шаванд. Аҳамияти амалии натиҷаҳо дар имконияти асоснок кардани бартарияти саноати сабук ҳангоми тақсимоти захираҳои қарзӣ ва таҳияи барномаҳои ҳадафноки маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ифода меёбад.

